**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА**
**МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**ВБД: 9 (575.3)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АСОМУДДИНИ АБДУЛМУМИН**

# ТАЪРИХНИГОРИИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ВА СУЛҲИ ТОҶИКОН (СОЛҲОИ 1992-2000)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих,
дотсент Ғафуров А.М.

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................3**

**МУҚАДДИМА..........................................................................................4-19**

**БОБИ I. РАВАНДИ МУБОРИЗАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (ОХИРИ СОЛҲОИ 80-УМ ВА ИБТИДОИ СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ XX)...........................................................................20-58**

1.1. Ҷараёни таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон..............................20-31

1.2. Заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигории ватанию хориҷӣ.......................................................................................31-58

**БОБИ II. ИНЪИКОСИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ................................59-93**

2.1. Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ..........................................................................................................59-79

2.2. Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ..........................................................................79-93

**БОБИ Ш. ТАҶАССУМИ МАСОИЛИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯИ ОШТИИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ...........94-159**

3.1. Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ.................................................... 94-109

3.2. Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва таҳқиқи он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ..................................................109-141

3.3. Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат...................................141-159

ХУЛОСА...........................................................................................160-169

НОМГӮИ АДАБИЁТ..................................................................170-201

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ВКХ – Вазорати корҳои хориҷӣ

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИМТ – Иттиҳоди мухолифини тоҷик

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

КМ – Кумитаи Марказӣ

КОМ – Комиссияи оштии миллӣ

СААД – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

САҲА – Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

СММ – Созмони Миллали Муттаҳид

СҲШ – Созмони ҳамкории Шанхай

ҲК – Ҳизби Коммунистӣ

ҲКИШ - Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ

ҲНИТ – Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон

ҶИЭ – Ҷумҳурии Исломии Эрон

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баррасии амиқ ва таҳлили матнҳои таърихнигории мансуб ба масоили мубрами ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар солҳои 1992-1997 ва раванди мусолиҳаи миллӣ миёни гурӯҳҳои муқобил барои инъикоси воқеият ва бозгӯии таҳаввулоти сиёсӣ муҳим арзёбӣ гардида, он ба таъмини суботи минбаъдаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Ин таҳқиқот на танҳо барои баррасии ҳодисаҳои он давра замина фароҳам меорад, балки дар муайянсозии равандҳои сиёсӣ ва таъмини рушди устувори кишвар низ мусоидат менамояд, ки дар ин марҳалаи ҳассоси таърихӣ Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба як бухрони амиқ рӯ ба рӯ шуда буд.

Дар ин давраи ҳассос эҳтимоли аз байн рафтани Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва соҳибихтиёр ба миён омада буд. Дар давраи муҳим ва тақдирсозе, ки сарнавишти миллат зери хатар қарор дошт, гурӯҳҳои ҷонибдори субот ва пешрафт, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ, кишварҳои соҳибнуфузи минтақа ва нерӯҳои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандии тоҷик нақши муассири хешро дар таҳкими сулҳу суботи кишвар гузоштанд, ин созмонҳои хориҷӣ дар раванди мусолиҳа ва барқарор кардани сулҳу субот дар кишвар саҳм гузошта, кӯшиш намуданд, ки заминаи мусоидро дар равандҳои сиёсӣ ба миён оранд. Онҳо бо тааммулу заковати сиёсӣ амал намуда, роҳи хирад ва музокиротро интихоб карданд. Дар натиҷа, на танҳо кишвар аз вартаи парокандагӣ ва фурӯпошӣ эмин монд, балки ҳазорон шаҳрванде, ки фиребхӯрдаи таблиғоти ҷудоихоҳона буданд, ба зиндагии осоишта ва суботи иҷтимоӣ баргаштанд.

Ҳатто фалаҷшавии идории тамоми минтақаҳои кишвар рӯз ба рӯз беҳтар мешуд. Ва қисмати шимоли ҷумҳуриро эҳтимоли ҷудо шудан аз маркази Тоҷикистон таҳдид мекард. Ҳамзамон Вилояти Мухтори

Кӯҳистони Бадахшон аз мақоми мухторияти худ истифода намуда, табдили вилоятро ба ҷумҳурии мухтор ба миён гузошт, ки ин ҳам як кӯшиши канораҷӯи аз якпорчагии Тоҷикитони соҳибистиқлол буд. Ниҳоят аз байн рафтани Тоҷикистон ба унвони як кишвари мустақил ва дорои ҳокимият вуҷуд дошт. Дар шароити бухронии сиёсиву иқтисодӣ, ки якпорчагии кишварро таҳдид мекард, иқдоми саривақтии нерӯҳои ҳомии сулҳ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, давлатҳои зомини амният дар минтақа ва нерӯҳои фаъоли ҷомеаи солим нақши калидӣ бозид. Ин ниҳодҳо ва афроди масъул тавонистанд бо иқдомоти дурандешона вазъиятро зери назорат даровaрда, роҳи фурӯпошии давлатро банданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX-ро мавриди таҳлил қарор дода, 22-юми декабри соли 2016 дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии кишвар масъалаи мавриди назарро чунин арзёбӣ мекунад: «Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кишвари моро аз масири пешрафт чандин даҳсола ақиб партофт ва мардуми Тоҷикистонро маҷбур сохт, ки барои бартараф кардани харобию хисороти он солҳо заҳмати шабонарӯзӣ ва мушкилоту монеаҳои басо гаронро таҳаммул намоянд. Қариб даҳ соли истиқлолият тамоми нерӯ ва талоши Ҳукумати кишвар барои барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ ва рукнҳои давлатдорӣ, пеш аз ҳама, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, ба Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар фирориён, барқарорсозии баъдиҷангӣ, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ равона гардид» [297].

Воқеан, даҳсолаи охири садаи бистум барои Тоҷикистон, ки тоза ба истиқлол расида буд, марҳалаи ниҳоят пуршиддат ва тақдирсоз ба ҳисоб мерафт. Бо рушди низоъҳои сиёсӣ миёни гурӯҳҳои гуногуни дохилӣ ва дахолати унсурҳои хориҷӣ, кишвар ба ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор гардид. Ин ҳолат боис шуд, ки як қисми аҳолӣ ба кишварҳои хориҷӣ, ба

монанди Афғонистон ва давлатҳои пасошуравӣ, паноҳ баранд. Ҳамзамон, шумораи зиёди шаҳрвандон барои пайдо кардани амният макони зисти худро тарк намуда, дар дохили кишвар барои панаҳгоҳ ҷустуҷӯ карданд, яъне кишвари мо ба буҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯбарӯ шуд, ки он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифт. Дар он марҳалаи буҳронӣ, масъалаи таъминоти ғизо ба як мушкили доманадору печида табдил ёфта буд. Шаҳру деҳот ба камбуди шадиди маводи хӯрокворӣ рӯ ба рӯ гаштанд, зеро роҳҳои асосии нақлиётӣ, аз ҷумла роҳи оҳан, зери тасарруфи гурӯҳҳои мусаллаҳ қарор доштанд ва раванди интиқоли молу маводро сахт маҳдуд мекарданд. Ин вазъият на танҳо амнияти озуқавориро ба хатар андохт, балки фаъолияти ҳамаи бахшҳои муҳимми ҷомеа, аз иқтисоду иҷтимоъ то маорифу тандурустӣ, ба сустӣ гароид. Кишвар дар маҷмуъ ба марҳалаи бисёр нозуку хатарноки мавҷудияти худ ворид шуда буд, ки фақат як қадами дигар то фурӯпошии куллӣ қарор дошт.

Байни ҷонибҳои даргир музокирот бо монеаҳои фаровон рӯ ба рӯ гардида, раванди таъмин намудани сулҳ ва якпорчагии кишвар танҳо бо талоши доимии нерӯҳои мусолиҳахоҳ амалӣ мешуд. Қобили қайд аст, ки ин монеаҳо дар аксар ҳолат ба таври сунъӣ ташаккул ёфта, ҳадафи онҳо пешгирӣ аз пойдории сулҳи тоҷикон буд. Таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи манобеи таърихии марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳу ваҳдати миллӣ, заминаи зарурӣ барои арзёбии паҳлуҳои муҳим ва норавшани ин рӯйдодҳоро фароҳам меорад. Тавассути чунин таҳлил метавон сабабҳои воқеии буҳрон, оқибатҳои шадиди он ва механизмҳои барқарорсозии оромӣ ва суботи миллӣ бо асоси илмӣ ва дар заминаи далелҳои мушаххас бозгӯй кард.

Дар ин марҳалаи ҳассосу тақдирсоз, барои расидан ба созишнома ва хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин таъмин кардани сулҳ ва субот, кӯшишҳои танҳо нерӯҳои дохилӣ кофӣ набуданд, балки саҳми

назарраси нерӯҳои хориҷӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла намояндагони Созмони Милали Муттаҳид, Федератсияи Россия ва кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ дар Осиёи Марказӣ низ дар ин раванди сиёсӣ ба таври назаррас эҳсос мешуданд. Идомаи ҷанги шаҳрвандӣ ва нооромиҳои фарогир дар Тоҷикистон ба манфиати онҳо набуд. Бо вуҷуди ин, кишварҳое низ буданд, ки аз вазъи нооромиҳо манфиат мебурданд ва бо роҳу воситаҳои гуногун вазъро муташанниҷ менамуданд. Бо дарназардошти ин мавқеъ, таҳқиқи ҷиддӣ ва арзёбии фарогири воқеаҳои сиёсӣ дар даҳсолаи охири асри XX нақши калидӣ мебозад. Чунин омӯзиш ба фаҳми амиқи равандҳои таърихии ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳи тоҷикон мусоидат намуда, бисёре аз масоили мубрам ва баҳсбарангези он давраи ҳассосро рӯшан месозад. Аз ин рӯ, омӯзиши равандҳои сиёсӣ дар солҳои 90-ум, ки дар адабиёти илмӣ, ёддоштӣ, публитсистӣ ва матбуоти даврӣ бозгӯй шудаанд, мавзуи хеле муҳим ва мубрам буда, он вобаста ба мазмуну мундариҷаи худ аҳаммияти таърихӣ, илмӣ ва амалӣ дорад.

Барои расидан ба ҳадаф  зарурати таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи нуктаҳои зерин пеш меояд:

1. Масоили марбут ба таҳаввулоти сиёсӣ ва сабабҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар адабиёти илмӣ то ҳол дар илми таърихнигорӣ таҳқиқталаб боқӣ мондаанд.

2.  Ҳамзамон, таҳқиқоти комплексие, ки таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ, паёмадҳои фоҷиавии он ва ҷараёни музокироти сулҳи байни тоҷиконро бо натиҷагирии илман асоснок фаро гирад, пурра анҷом наёфтааст. Бинобар ин, зарурати баррасии мукаммали ин масоили сарнавиштсоз ҳанӯз боқӣ монда, ба таҳлили амиқ ва назариёти устувори илмӣ ниёз дорад.

3. Таъйини сатҳи омӯзиш ва пажӯҳиш раванди музокироти байни гурӯҳҳои даргир ва сабаҳҳои муассири он барои тавсияи бештари

ҷомеаи тоҷикон.

4. Дараҷаи тадқиқоти ҷанги шаҳрвандӣ ва самтҳои алоҳидаи он ба таври мушаххас ва пурра таҳқиқ нагаштааст.

5. Таҳқиқ ва баррасии таҷрибаи амалии сулҳи тоҷикон дар низоъҳои низомии дигар кишварҳо барои омӯзиши роҳҳои муассири ҳалли низоъ ва таъмини амният аҳаммияти калон дорад.

6. Осори Сарвари давлат таҷассумгари масъалаҳои умдаи таърихи сиёсӣ ва рӯйдодҳои солҳои 90-уми асри XX мебошад.

7. Баррасии саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқ ва таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳи тоҷикон аз аҳаммияти хос бархӯрдор аст. Ин омил дар ин ҷараён на танҳо фаҳми дурусти воқеаҳои таърихиро таъмин мекунад, балки барои инъикоси воқеии роҳи расидан ба сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар таърихнигории миллӣ заминаи боэътимод фароҳам месозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Перомуни мавзуи мавриди таҳқиқ то ҳанӯз таҳқиқоти маҷмуӣ ба анҷом нарасидааст. Вале, хушбахтона, асарҳои бунёдию дастаҷамъӣ, асару мақолоти зиёди илмӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ ва рисолаҳои илмӣ, ҳам дар таърихнигории ватанӣ ва ҳам хориҷӣ таълиф гардидаанд, ки масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дар ин замина паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷиконро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд. Осори чопшударо шартан ба тариқи зайл метавон гуруҳбандӣ кард: китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, осори муҳаққиқони хориҷӣ, диссертатсияҳо ва авторефератҳо.

Проблемаҳои асосии таърихи сиёсии даврони истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар китоб, мақола, суханрониҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар [173, с. 511; 174, с.512; 186, с. 576; 338,

с. 340,341], ки дар онҳо масоили гуногуни таърихи солҳои 90-уми асри XX, аз ҷумла таназул ва фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, марҳалаҳо ва раванди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, заминаҳо ва омилҳои дохилию берунии сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, иҷлосияи тақдирсози XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳалаҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (с. 1992-1997), давраҳои асосии музокироти миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ, таъсис ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таҷассум ёфтаанд, инъикос шудаанд.

Дар асарҳои дастаҷамъонаи “История таджикского народа”[94.688],«Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [171, с.463], «Бунёди давлатдории навин» [62.416], «Таджикистан в огне» [255, с. 288]. ва асарҳои муҳаққиқони зиёди ватанӣ, аз ҷумла Г.Ҳ. Ҳайдаров [274, с. 508; 275, с.348; 276, с.122;], И. Усмонов [265, с.160; 266, с.114], А.Холиқзода [278, с.120; 279, с.193]. Н.М. Назаршоев [156, с.573], Р. Масов [126, с.185-192], Ҳ. Пирумшоев [177, с.112], Д. Назриев ва И. Сатторов [158, с.737], Ғ. Ғоибов [70, с.906], Н.Б. Ҳотамов [284, с.582], Р. Абулҳаев [41, с.38-46; 40, с.47-110], Ш. Султонов [251, с.500; 252, с.505; 253, с.639], Т. Назаров [149, с.250; 150, с.284; 152, с.264; 153, с.204], Ҳ. Зарифӣ [88, с.352; 89, с.295], А. Шарифзода [286, с.372; 289, с.336; 290, с.336; 291, с.336], Ф. Абдурашитов [38, с.148], В.М. Набиев [142, с.26; 143, с.31;144, с.39; 146, с.328], А. Ғафуров [330], Ш.С. Саъдиев [240, с.28; 241, с.37-38; 242, с.341-346; 243, с.236-241; 244, с.419-475], А. Мамадазимов [119, с.360; 120, с.180], С. Кобилова [109, с.27;110, с.96] ва дигарон масоили гуногуни марбут ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, раванди гуфтушунидҳо ва истиқрори сулҳу субот таҷассум ёфтаанд, ки ҷиҳати анҷом додани таҳқиқоти таърихнигорӣ манбаи арзишманд маҳсуб меёбанд. Илова бар ин осори муҳаққиқони ватаниро, ки бевосита ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшида шудаанд, ба

ин гуруҳ шомил кардан мумкин аст [182, с.65-68;113, с.39-43; 193, с.60]. Аз ҷумла, мақолаи муҳаққиқ М. Равшанзод [182, с.65-68] ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ бахшида шудааст. Вале, мутаассифона, мавсуф бо таҳлили чанд асари ёддоштӣ ва китобҳои дарсӣ иктифо намуда, ба назари мо, масоили асосии марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), аз қабили заминаҳо ва омилҳои дохилӣ ва берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, санаи оғози ҷанг, даврабандӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ накардааст.

Муҳаққиқ Ҷ. Мирзоев дар монографияи худ осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, ки таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро инъикос кардаанд, ба таври маҷмуӣ таҳлили таърихнигорӣ намуда, зимни он ба масоили гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ, аз қабили заминаҳо ва сабабҳои дохилию берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, даврабандӣ ва оқибатҳои ин воқеаи мудҳиш, инчунин раванди музокироти миёни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дахл кардааст [120, с.228]. Вале бо муҷиби он, ки таҳқиқоти ӯ маҳз ба ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон ихтисос дода нашуда, балки таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба таври маҷмуӣ баррасӣ менамояд, баъзе масоили марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон, аз ҷумла тадқиқи масоили ба бунбасти иқтисодӣ мувоҷеҳ гардидани вилояти Кӯлоб, баррасии инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдат аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ, тадқиқи инъикоси нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар хотимаёбии ҷанг ва ғайра аз мадди назари муҳаққиқ дар канор мондааст.

Ба ин гурӯҳ, инчунин асарҳои ёддоштӣ ва публисистиро дохил кардан мумкин аст. Ин гуна таълифотро таҳқиқоти илмӣ номидан нодуруст мебуд, зеро муаллифони онҳо ёддоштҳо ва ҳиссиёти хешро ба қалам дода, ҳар кадоме ба ҳодисаҳои рӯхдода аз нигоҳи худ баҳо

додаанд. Ҳадафи таълифи ин гуна асарҳо танҳо инъикоси воқеаҳои дида ва шунида буда, муаллифон заминаҳо, омилҳо, сабабу натиҷаҳо ва аҳаммияти воқеаҳоро пурра мавриди таҳқиқ қарор надодаанд. Ба ин гурӯҳ мавод ёддоштҳои А. Соҳибназаров [248, с.330; 249, с.310], С. Кенҷаев [103, с.496; 104, с.496; 105, с.512], Н. Дӯстов [87, с.336], Б. Каримов [97, с.220; 98, с.192; 99, с.1104], Х. Насриддинов [162, с.304], М. Амиршо [49, с.304], С.А. Нурӣ [164, с.360] ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз бисёр ҷиҳат муаллифони ин рисолаҳо аз ҳақиқати таърихӣ дур шуда, бештар ба ситоиши фаъолияти ҳизбу созмонҳои хеш ва сиёҳ кардани ҳарифони сиёсии худ машғул мешаванд.

Ба гурӯҳи дигар осори муҳаққиқони хориҷиро, ки паҳлуҳои мухталифи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷиконро инъикос кардаанд, дохил кардан мумкин аст. Ин осорро, ба назари мо, метавон ба ду қисм – таҳқиқоти муҳаққиқони кишварҳои узви ИДМ ва таҳқиқоти муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур ҷудо намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар инъикоси таърихи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон муҳаққиқон аз Федератсияи Россия ва умуман кишварҳои ИДМ саҳми бориз доранд. Масалан, дар таҳқиқоти В. И. Бушков ва Д.В. Микулский [65, с.13; 64, с.160; 63, с. 310; 67, с.255], С. В. Махонина [127, с.168], Б. В. Белов [57, с.156; 58.434], А. Гушер [72, с. 6-13], М. Хрусталев [280, с.74], Н. В. Солоник [247, с.25-41], В. Носов [163, с.76], Р. Бобохонов [60, с.55-62; 61.82], таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол, заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, рафти ҷанг ва оқибатҳои мудҳиши он, инчунин зуҳур ва ташаккулёбии низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд. Аз ин рӯ, бояд маводи гирдовардаи онҳо бо истифодаи усули муқоисавӣ бо маълумотҳои муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар омӯзиши воқеоти сиёсии солҳои 90-уми

асри XX муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур низ саҳм гирифта, паҳлӯҳои гуногуни таърихи сиёсӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандиро дар асару мақолоти хеш таҷассум кардаанд. Ба ин гурӯҳ мақолаҳои Ширин Акинер [44, с.18-27], Оливе Руа [226, с.27-30], Елена Ригачи Хей [277, с. 48-55] ва ғайраҳоро дохил кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи дигар рисолаҳои номзадӣ ва доктории муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, аз қабили И.Р.Абдуллоев [302, с.179], А.Абдуқодиров [301, с.24], Р.Бобоҷонова [306, с.22], А.А.Муродов [319, с.24], М.Ганҷакова [309, с.213], Д.Урунова [326, с.26], Ғ.Р. Мирзоев [316, с.192], М. Равшанзод [322, с.26], У.А. Бобоҷонова [307, с.26], Ҷ.А. Мирзоев [318, с.212], В.В. Дронов [310, с.26], О. Х. Шарафиева [327, с.242], И.Х. Афандихонов [305, с.18], А.В. Архангелский [304, с.24], В.В. Егозарян [311, с.189], дохил кардан мумкин аст, ки дар онҳо масоили гуногуни марбут ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, раванди гуфтушунидҳо ва истиқрори сулҳу субот таҷассум ёфтаанд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик. Тоҷикистон дар давраи шуравӣ» барои солҳои 2021-2025 ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмуии таърихнигории рӯйдодҳои сиёсии солҳои 90-уми асри XX дар солҳои 1991-2021 мебошад.

Ҳадафи таҳқиқот фарогири иҷрои вазифаҳои зерин мебошад:

- бозгӯии арзиши таърихии асарҳо ва мақолаҳои ба раванди ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшидашуда;

- баррасии сабаб ва заминаҳои рӯйдодҳои сиёсии солҳои 90-ум, аз

ҷумла инъикоси ҷанги шаҳрвандии 1992-1997 дар Тоҷикистон дар осори муҳаққиқон ва таҳлили таърихнигорӣ.

- муайян кардани аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар тақвияти давлатдории миллии тоҷикон дар осори илмию таърихӣ;

- омӯзиши даврабандии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва таҳқиқи муқоисавии ин таснифот дар осори муҳаққиқон;

- муайян кардани раванди танзими муноқишаи дохилии тоҷикон ва механизми дастёбии онҳо ба сулҳу субот;

- муайян кардани сатҳи бозтоби натиҷаҳои музокироти гурӯҳҳои даргир ва арзёбии таҷрибаи сулҳ дар пажӯҳиши илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ;

- муайян кардани сатҳи инъикоси фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва роҳҳои ноил шудан ба сулҳи комил.

**Объекти таҳқиқот** осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, китобҳо, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмуаҳое, ки ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI бахшида шудаанд, маҳсуб меёбанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар адабиёти илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва асарҳои ёддоштии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

**Марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

**- марҳилаи якум (2020-2021):** дар ин марҳила ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул шуда, дар асоси қарори Шурои олимони Институт номи рисолаи илмӣ «Таърихнигории ҷанги шаҳрвадӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» тасдиқ шуд.

Ҳамзамон, дар ин давра омӯзиш ва ҷамъоварии маводи марбут ба мавзуи таҳқиқот сурат гирифт;

**- марҳилаи дуюм (2022-2023):** ба таҳияи рисолаи илмӣ машғул шудам. Дар баробари ин мақолаҳои илмӣ ва маводи конфронсӣ омода карда, онҳоро нашр ва дар конфронсҳо маърӯза намудам;

**- марҳилаи сеюм (2023-2024):** дар ин давра рисолаи илмӣ пурра ба анҷом расида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар диссертатсия ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмуи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, ба амсоли таърихияти илмӣ, муқоисавӣ- таърихӣ, масъалагузорӣ-солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Дар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ таҳқиқи осори муҳаққиқони даврони истиқлолият дар қиёс бо асарҳои таърихӣ ва таҳқиқоти таърихнигории дигар давраҳои таърихӣ, аз ҷумла даврони шуравӣ, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқ, сабки баён ва ғайраҳо анҷом дода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ – солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масоили мазкур муайян шуда, равандҳои сиёсии якдигарро ивазкунанда, ки таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро таркиб додаанд, таҳқиқ гардидаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот мавод ва таълифоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки бевосита ба омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, гуфтушуниди миёни тоҷикон, созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ бахшида шудаанд, аз ҷумла асарҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, маводи Бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобҳои нашршуда, маҷмуи мақолаҳо оид ба масоили умдаи таърихи сиёсӣ, ки дар маҷалаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд, ба

ҳисоб мераванд.

Сарчашмаҳоеро, ки дар раванди таҳқиқот истифода гардидаанд, шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии ташкилоту муассисаҳои гуногун (муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ), маводи Бойгониҳои ҷории вазорату кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобҳои нашршуда ва маҷмуи мақолаҳо оид ба масоили умдаи таърихи сиёсӣ, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал нақши Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти таърихии он ҷиҳати тақвияти унсурҳои давлатдории миллии тоҷикон ба таври илмӣ ва комплексӣ бозгӯӣ шуда, дар заминаи асару мақолаҳои таърихнигорон, сиёсатмадорон ва мутахассисони соҳа ин раванди таҳдирсоз мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, ба таври мукаммал заминаҳои илмии даврабандии ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ба таври илмӣ баррасӣ шуда, самараи таҷрибаи сулҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ муайян гардид. Ҳамзамон, раванди танзими муноқишаи байни тоҷикон ва роҳҳои расидан ба сулҳу субот аз ҷиҳати таърихнигорӣ таҳлил шуда, ҷойгоҳи Комиссияи оштии миллӣ дар раванди расидан ба сулҳи комил муайян гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Бо дарназардошти баррасии адабиёти таърихнигории ин давра метавон гуфт, ки масъалаи таҳаввулоти сиёсӣ ва омилҳои ба вуҷуд омадани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи коршиносон қарор гирифта, дар онҳо масъалаҳои бозсозии ҷомеаи Тоҷикистон, поён ёфтани Иттиҳоди Шуравӣ, таҳаввулоти сиёсӣ, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав ва бархӯрдҳои сиёсӣ миёни нерӯҳои

гуногун ба таври васеъ ва амиқ баррасӣ гардидаанд.

2. Омӯзиш ва хулосагириҳои илмии асару мақолаҳои фарогири мунокишаҳои низомии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва паёмадҳои ваҳшатноки он бидуни шак як рӯйдоди печида ва душвори охири асри XX буда, таваҷҷуҳи даҳҳо муҳаққиқону муаррихони ватанию хориҷиро ба худ кашидааст. Мутаассифона, маводи марбут ба ин ҷанги дохилии тоҷикон дар таҳқиқоти муаррихон ва муҳаққиқон бештар хусусияти ёддоштӣ дошта, бештар ин таҳқиқот дар асоси маводи матбуоти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ таҳия гардида, таҳлилу баррасии масъалаҳо сатҳӣ ва яктарафа сурат гирифтааст.

3. Дар таърихнигории тоҷикӣ масъалаи даврабандии ҷанги шаҳрвандӣ ҳамеша аз мавзуъҳои муҳим ва мубрам ба шумор рафта, ба андозаи зарурӣ дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таҷассуми худро ёфтааст. Аммо, бо даназардошти омилҳои асосии ин раванди сиёсӣ метавон гуфт, ки ҳанӯз ҳам дар ин сам масъалаҳои таҳқиқталаб ва мубрам зиёданд. Ҳамзамон, музокироти гурӯҳҳои мухолиф ва зинаҳои расидан ба оштии миллӣ дар ҷаҳон аз иқдомҳои назаррас ба шумор рафта, таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар даврони муосир ҳамто надорад, ҳоло иқдоми сулҳофаринии Пешвои миллат дар бисёр кишварҳои даргир татбиқ гардида, обурӯ ва эътибори тоҷикон дар сатҳи ҷаҳон баланд шуда истодааст.

4. Нақши Комиссияи оштии миллӣ дар таърихи давлати навини Тоҷикистон ҳамчун як марҳалаи калидӣ дар роҳи барқарорсозии сулҳу оромӣ ва таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ миёни шаҳрвандон арзишманд шумурда мешавад. Дар шароите ки низоъҳои дохилӣ авҷ гирифта, кишвар ба буҳрони шадиди сиёсиву амниятӣ рӯ ба рӯ буд, зарурати барқарорсозии гуфтугӯ ва ҳамкорӣ миёни ҷонибҳои даргир беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мегардид. Маҳз ҳамин вазъ роҳбарияти сиёсиро ба он водор кард, ки ба ҷои идомаи муқовимати мусаллаҳона, роҳи

дипломатӣ ва музокиротро пеш гиранд. Дар натиҷаи муколамаҳои тулонӣ ва талошҳои пайваста, созишномаи сулҳи байни тоҷикон ба имзо расид ва дар таърихи кишвар марҳалаи нав ва умедбахше оғоз гардид. Бо таъсиси Комиссияи оштии миллӣ, ки намояндагони ҳар ду ҷонибро дар бар мегирифт, татбиқи сулҳ дар амал оғоз ёфт. Ин ниҳод бо иҷрои қарорҳо ва банди созишномаҳо, дар амалӣ шудани сулҳи комил нақши ҳалкунанда бозид. Комиссия ба мисли пуле байни тарафҳо хизмат кард, ки бо кӯшишҳои пайвастаи он, заминаҳои рушди минбаъдаи сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар муҳайё гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ – назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлолият кумаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2021), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол” васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ,

инчунин таҳлили таърихнигории маводҳои мавҷуда таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таълиф гардидаанд, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди сиёсӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 2 аз 3 феврали соли 2026) муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 203 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 345 номгӯй) таркиб ёфтааст.

# БОБИ 1. РАВАНДИ МУБОРИЗАҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (ОХИРИ СОЛҲОИ 80-УМ ВА ИБТИДО СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ XX)

## 1.1. Ҷараёни таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон.

Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX ба бухрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мувоҷеҳ шуд. Моҳи апрели соли 1985 дар Иттиҳоди Шуравӣ марҳалаи нави сиёсӣ бо номи “бозсозӣ”, ки ба сиёсати расмии давлатӣ табдил ёфт, шуруъ гардид [269, с.178]. Ҳадафи ин раванд наҷоти иқтисодиёти харобгаштаи кишвар, ба таври куллӣ дигаргун сохтани тамоми соҳаҳои мамлакат ва барқарор намудани қудрати қаблии давлати Шуравӣ буд. Бо мақсади амалӣ гаштани ҳадафҳои “бозсозӣ” сарвари давлат Михаил Горбачев як қатор тадбирҳо, аз ҷумла инкишофи кооператсия, ислоҳоти пулии «павловӣ», демократикунонӣ ва бозсозӣ, озодандешӣ, барҳам додани блоки ҳарбӣ-сиёсии «Ташкилоти Шартномаи Варшава», бетартибона берун кардани қисмҳои ҳарбии Артиши Шуравӣ аз мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ ва ба даштҳои Россия ва Украина мустақар кардани онҳо, саросемавор баровардани Артиши Шуравӣ аз Афғонистонро дар сиёсати худ анҷом дод. Аммо ин тадбирҳо роҳи бухрони оммавиро дар Иттиҳоди Шуравӣ гирифта натавонистанд.

Солҳои 1985-1990 дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи Иттиҳоди Шуравӣ камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасид. Маҳз бо сабабҳои ба миён омадани бухрони оммавӣ дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ тамоили ҷунбишҳои миллӣ-демократӣ босуръат авҷ гирифт. Бо истифода аз озодии сухан дар саросари кишвар ҷунбишҳои қавии сиёсӣ ба муқобили ҳокимияти марказӣ ба хотири худмухтории воқеӣ ва баромадан аз ҳайати ИҶШС ба амал омад.

Дар давраи «бозсозӣ» дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ

тағйироти ҷиддӣ дар фазои сиёсиву иҷтимоӣ ба вуҷуд омад. Ҳаракатҳои миллӣ, озодандешӣ ва талош барои истиқлолият сабабгори пайдоиши як муҳити нави иттилоотӣ гардиданд, ки дар он матбуоти озод мавқеи муҳимеро ишғол намуд. Ин раванд, ки асосан дар Русия оғоз ёфта буд, заминаи рушди ақидаҳои миллӣ ва эҳсоси ифтихори миллӣ гардид. Дар ҳамин замина, нашрияҳои мустақил ба саҳна омаданд, ки бо пуштибонии сармоягузорон нерӯманд шуда, дар муқоиса бо матбуоти расмӣ ва ҳизбӣ эътибори бештар касб намуданд. Матбуоти озод на танҳо минбари баёнгари андешаҳои гуногун гардид, балки дар ташаккули сиёсати нави давлатдорӣ низ нақши муассир бозид.

Иқтисодиёти Тоҷикистон низ мисли тамоми собиқ шӯравӣ азсоли 1987 рӯ ба таназзул ниҳод. Баробари аз кор мондани баъзе аз корхонаҳои саноати вазнин, дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар самтҳои хоҷагидорӣ камбудиҳои ҷиддӣ, пеш аз ҳама нарасидани техника, нуриҳои минералӣ ва дигар воситаҳои зарурӣ ба мушоҳида мерасид. Ҷавобгӯи талаботи мардум набудани молу маҳсулоти истеҳсолшуда, техника ва дигар норасоиҳо сабаби норозигии мардум мегаштанд. Ин аҳвол на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ низ ҷой дошт ва дар як муддати кӯтоҳ боиси авҷ гирифтани эътирозҳо, ошкоро баён намудани камбудиҳо ва талаби ислоҳи онҳо, дигаргуниҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ гардид. Яъне, норозигиҳое, ки аз солҳои 70-ум пайдо шуданд, бо фаро расидани бозсозӣ зуҳур карданд.

Гуногунандешӣ ва ошкорбаёнӣ дар муддати кӯтоҳ сабаби тезутундшавии масъалаҳои миллӣ, авҷи ақидаҳои миллатгароӣ ва талаби вусъату равнақи демократикунонии ҷомеа гаштанд. Ҷунбишҳои сиёсӣ ба муқобили ҳокимияти марказӣ, барои худмухтории воқеии ҷумҳуриҳо ва кӯшиши аз ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ баромадани онҳо ба амал омад, ки дар ин раванд ҷумҳуриҳои назди Балтика бештар фаъол буданд.

Эътирозҳои миллӣ аз исёни донишҷӯёни Ёқутистон дар аввали соли 1986 шурӯъ шуда, сипас моҳи декабри соли 1986 дар Алмаато, солҳои 1987-1991 дар Закавказия, 22 юми июли соли 1988 дар вилояти Тамбов, 15-17 апрели соли 1989 дар Ашқобод ва дигар шаҳру ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ бо сабабҳои гуногун сурат гирифтанд. Дар Тоҷикистон низ моҳи июли соли 1989 аввалин низои этникӣ байни аъзоёни колхози «Правда»-и ноҳияи Исфара ва коргарони совхози «Оқсой»-и ноҳияи Ботканди Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба масъалаи замин рух дод, ки дар он яроқи оташфишон истифода шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан дар ҳудуди шӯроҳои деҳоти Ворух, Чоркӯҳ ва Сурхи ноҳияи Исфара вақти комендантӣ эълон кард.

Дар давраи бозсозӣ ҳангоми ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ на ҳамеша анъанаҳои миллӣ ба инобат гирифта мешуданд ва ин, албатта боиси озурдахотирии намояндагони миллатҳои гуногун мегашт. Ихтилоф дар муносибатҳои миллӣ ва суст шудани пояи интернатсионализми шӯравӣ дар Тоҷикистон низ ба назар мерасид. Ин буд, ки моҳи декабри соли 1989 пленуми XV КМ ҲК Тоҷикистон масъалаи миллиро ҳамчун ҷузъи асосии ғояи бозсозӣ муҳокима карда, оид ба мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо қарорҳои дахлдор қабул намуд.

Дар Тоҷикистон низ солҳои ҳаштодум болоравии худшиносии миллӣ, озодандешӣ дар Тоҷикистон суръати нав пайдо кард. Ба ақидаи мураттиби китоби «Тоҷикон дар масири таърих» Мирзо Шакурзода ин ду сарчашма дошт. Якум ин, ки то ҳадде пояҳои режим ларзонак шуда буд ва дуюм осори такондиҳандаи иддае аз адибон дар зеҳну қалби мардум аксандози нерӯманде пайдо мекард [51, с.344].

Солҳои «бозсозӣ» ошкорбаёнӣ ва гуногунандешӣ тариқи матбуоти даврӣ гурӯҳҳои анфиатхоҳро ба ташвиш меовард ва онҳо аз тарси он ки аз имтиёзҳои ҳукуматӣ маҳрум нагарданд бо ҳар роҳу восита ҷомеаи

тоҷиконро ба сӯи ноороми ю ҷудоандозиҳо мекашиданд. Шояд бо дарназардошти ҳамин вазъи ногувор 22-юми декабри соли 1987 Қарори Пленуми VIII ҲК Тоҷикистон «Дар бораи кори роҳбарӣ ба бозсозӣ дар ҷумҳурӣ»-ро ба қабул намуд. Дар ҳамин вазъ дар ҷомеаи онрӯзаи тоҷикон ҳаракатҳои сиёсӣ тадриҷан дар ҳаёти сиёсии кишвар мавҷудияти худро нишон медоданд. Масъалан моҳи июни соли 1988 маркази матбуоти «Ошкорбаёнӣ», ки дар зери ҳимояи Иттифоқи рӯзноманигорон ва бахши тарғиботии ҲКТ қарор дошт ба таҳияи ҳар гуна чорабиниҳои сиёсӣ иқдом намуда, масъалаҳои доғи рӯзро мавриди муҳокима қарор медоданд. Аммо ин гуна ташкили воҳӯриву суҳбатҳо ҷилави андешаҳои миллӣ ва ошкорбаёниро гирифта натавонист, балки яке аз масъалаҳои асосӣ, ки дар шароити ошкорбаёнӣ хислати умумихалқӣ гирифт, ба забони тоҷикӣ додани мақоми забони давлатӣ буд. Ин масъала пеш аз ҳама тариқи матуботи даврӣ аз ҷониби зиёиёни кишвар ба миён омад. Аз ҷумла, дар яке аз мақолаҳои нашршудаи он солҳо омадааст: «Ҷоиз аст, ки дар Қонуни асосии Тоҷикистон забони тоҷикӣ ба сифати забони асосии республика сабт гардад» [237]. Ин масъала зиёиёни кишварро муттаҳид сохт.

Санаи 22 феврали соли 1989 хулосаи Комиссияи дахлдор оид ба мақоми давлатии забони тоҷикӣ дар ҶШС Тоҷикистон ва мавқеи забонҳои дигар дар кишвари моро «Тоҷикистони советӣ» ба тасвиб расонид.

Дар санад таъкид шудааст, ки барои додани мақоми давлатӣ ба забони тоҷикӣ ягон монеаи ҳуқуқӣ ё сиёсӣ вуҷуд надорад. Бо ин вуҷуд, 24 феврали соли 1989 дар майдони марказии ба номи Ленин дар Душанбе аввалин гирдиҳамоии донишҷӯён баргузор шуд, ки бо эътимоди қавӣ мақоми давлатии забони тоҷикӣ ро талаб карданд. Моҳи апрели он сол рӯзномаҳои Тоҷикистон лоиҳаи «Қонуни ҶШС Тоҷикистон дар бораи забон»-ро чоп намуда, онро барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод карданд.

Ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ягон монеа барои додани мақоми давлатӣ ба забони тоҷикӣ вуҷуд надошт» [238]. Ҳодисаҳои моҳи февралу апрели соли 1989 нишон доданд, ки талабот ба мақоми давлатӣ доштани забони тоҷикӣ аз ҷониби донишҷӯён ва ҷомеа хеле ҷиддӣ буд [51, с.344].

Дар иҷлосияи Х-уми Шурои Олии Тоҷикистон, ки санаи 22 –юми июли соли 1989 баргузор шуд, қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи илова ба Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Тоҷикистон» тасдиқ гардид. Ин тағйирот ба боби 71-и Конститутсия ворид карда шуд, ки тибқи он забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон забони давлатӣ эълон гашт. Ҳамин тавр, тибқи ҳаракатҳои миллии зиёиён Қонуни ҶШС Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989, таҳти №150 ба имзо расида, забони тоҷикӣ забони давлатӣ ва 22-юми июли соли 1989 рӯзи қабули Қонуни забон-«Рӯзи забон» эълон карда шуд.

Барои истиқболи сиёсати нав, сатҳи фаъолнокии сиёсии мардум ба таври чашмрас афзуда, замина барои ташаккули ҳаракатҳо ва ташкилотҳои нави сиёсӣ муҳайё гардид. Ин марҳалаи таърихии сиёсати Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои муаллифон ва пажӯҳишгарони ватанӣ ва хориҷӣ, махсусан дар гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба таври дақиқ баён гаштаанд. Масоили марбут ба сиёсати бозсозӣ, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои иҷтимоӣ, зуҳури озодандешӣ ва худогоҳии миллӣ, пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият дар ин манобеъ васеъ баррасӣ шудаанд.

Пайдоиши сиёсати нав боиси болоравии фаъолият ва иштироки сиёсии мардум шуда, барои ташаккули ҳаракатҳо ва созмонҳои нави сиёсӣ заминаи устувор фароҳам овард. Ин давра дар таҳқиқотҳои гуногун, бахусус дар асарҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун марҳалаи муҳим ва тағйироти таърихии Тоҷикистон равшан таҷассум ёфтааст [191, с.512; 199, с.511;201, с.510].

Дар инъикоси роҳандозии сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон, заминаҳо ва раванди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ асарҳои Г.Ҳ. Ҳайдаров [274, с.508; 275, с.348; 276, с.122], И.Усмонов [266, с.114; 269, с.178], А.Холиқзода [278, с.120; 279, с.193], Н.М.Назаршоев [156, с.573], Р. Масов [126, с.185-192], Ҳ.Пирумшоев [177, с.112], А.Мамадазимов [119, с.360; 120.180], Д.Назриев ва И.Сатторов [157, с.737], Ғ.Ғоибов [70, с. 906], Ю. Просенко [181, с.74], С. Шарипов [288, с.243-255], Ю. Кулчик ва С. Румянтсев [115, с.74], инчунин асарҳои бунёдии «Бунёди давлатдории навин» [62.416] ва «История таджикского народа» [94,с.438-488], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [171, с.463], «Таджикистан в огне» [255, с.288], С. Қобилова [109, с.27; 110, с.96], Б. Шокиров [295, с.50]-ро махсус қайд кардан бамаврид аст.

Муаллифон бар он назаранд, ки таъсиси ҳаракатҳо ва созмонҳои нави сиёсӣ натиҷаи амали сиёсати бозсозии Давлати Шуравӣ мебошад, ки дар равандҳои демократисозӣ, ташвиқи озодандешӣ ва истиқлолияти давлатӣ нақши калидӣ мебозанд.

Муҳаққиқон Б. Шокиров ва А. Раҳматкаримов ба пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо дар солҳои 1989-1992 дахл намуда, заминаҳои пайдоиш ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои шаҳрвандиро ба таври васеъ баррасӣ кардаанд.

Тибқи назари муаллифон, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ яксон нестанд ва се гурӯҳи гуногун: консерваторони куҳнапараст, либералҳои ислоҳотпараст ва радикалҳои иртиҷоӣ, дар онҳо шакл гирифтаанд. Онҳо сабабҳои объективӣ ва субъективии буҳрони ҲКИШ ва ҲК Тоҷикистонро таҳлил намудаанд, вале, ба таври нокифоя муносибати ин ҳизбҳо бо рӯҳониён ва умуман бо диндоронро ба таври равшан муҳокима накардаанд.

Бар асоси маълумоти манбаъ, аввалин маҳфили сиёсӣ бо номи «Рӯ ба рӯ» дар охири соли 1988 дар шаҳри Душанбе ташкил ёфтааст. Таъсиси ин маҳфил ба Зафар Саидов, корманди Кумитаи Ҷавонони Тоҷикистон, инчунин устодони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон – Ҷумахон Исоев, Барот Маълумов, инчунин рӯзноманигорони маъруф, аз ҷумла Искандари Хатлониву Салим Аюбзод ва дигарон рабт дорад.

Ба ақидаи собиқ раиси ҳизби Демократии Точикистон Ҷумабой Ниёзов «маҳфили сиёсии «Рӯ ба рӯ» дар бедории халқи тоҷик ва боварӣ пайдо кардан ба идеяҳои бозсозӣ саҳми босазо гузоштааст» [333].

Аввалин маҳфили сиёсии «Рӯ ба рӯ» 4 майи соли 1989 дар бинои қасри ҳозираи «Ваҳдат» баргузор гардид. Ба ин маҳфил шаҳрвандон аз пойтахт ва ноҳияҳои дурдаст омада андешаҳои худро озодона баён намуда, ин ё он амалдори ҳизбӣ ё давлатиро зери танқид мегирифтанд. Роҳбарони маҳфил шахсони бо мақомҳои мухталиф, аз ҷумла вазиронро ба ҷамъомадҳо ҷалб намуда, баҳри муҳокимаи масъалаҳои мубрами рӯз суҳбатҳои ошкоро ташкил медоданд ва фикру мулоҳизаҳои бадастомадаашонро дар матбуоти он замон ба чоп мерасондаанд.

Ин иқдоми пешгирифтаи Кумитаи Марказии Комсомоли Тоҷикистон на танҳо вазъияти сиёсӣ дар ҷомеаро беҳтар накард, балки замина барои пайдоиши дигар созмонҳо ва гурӯҳҳо фароҳам овард. Дар муддати кӯтоҳ, яъне солҳои 1989-1990, таҳти таъсири гурӯҳи сиёсие бо номи «Рӯ ба рӯ», моҳи апрели соли 1989 дар собиқ вилояти Кӯлоб иттиҳодияи «Ошкоро», моҳи июли соли 1989 дар вилояти Суғд маҳфили «Эҳёи Хуҷанд», дар шаҳри Норак маҳфили «Дирафши Ковиён» ва дар Ваҳдат «Таъҷдид», инчунин ҳаракат ва ҷамъиятҳои «Бохтар» (дар Ховалинг), «Самарқанд» (дар Душанбе), «Курӯши Кабир», «Суғдиён» (шаҳри Москва), «Ваҳдат», «Пайванд» (шаҳри Душанбе) ва дигар ташкилотҳо таъсис ёфтанд

Ин иқдом натиҷаи дилхоҳ надод ва вазъияти сиёсиро тағйир надод.

Бо вуҷуди ин, он шароити зарурииро барои пайдоиши созмонҳои гуногун ва ҳаракатҳои нав фароҳам овард [62, с.416].

Бештари аъзоёни ин ташкилотҳо муаллимони мактабҳои олӣ, миёна ва миёнаи махсус, инчунин кормандони соҳаҳои маданият, матбуот, адабиёт, фарҳанг, савдо ва хизматрасонӣ буданд. Дар байни ин гурӯҳҳо ва созмонҳо иттиҳодияи «Ошкоро» бештар ба сиёсат майл дошт. Баръакси Ҳизби Коммунистӣ, ин иттиҳод тарафдори гуногунақидагии сиёсӣ, бисёрҳизбӣ ва адолат дар ҷомеа буд. Яке аз талабҳои ин ҳизб аз ҳукумати давр ба инобат гирифтани ҳуқуқҳои минтақаҳои гуногуни кишвар дар идораи давлат буд [62, с.416]. Шурои «Ошкоро» аз панҷ нафар иборат буда, бештар аз 150 нафар фаъолонро муттаҳид сохта буд. Дар «Оиннома»-и он омадааст, ки «Ошкоро» созмони иҷтимоӣ-сиёсие дар ҳудуди Кӯлоб мебошад, ки бо мақсади фаъол кардани ҳаёти маънавӣ, фаъолияти сиёсии одамон барои ба амал баровардани ормонҳои бозсозӣ таъсис ёфтааст. Ташкилот вазифаи аввалиндараҷаи худро аз он иборат медонист, ки ҳаёти халқро пурра бозсозӣ намояд; ба инкишофи иқтисодиёт, эҳёи забон, илм дар Кӯлоб ва барои ҳалли одилонаи масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва экологӣ дар ноҳия мусоидат намояд [71, с.162].

Ҳаракати «Эҳёи Хуҷанд» бошад, моҳи июли соли 1989 таъсис ёфта, бештар аз 100 нафар олимону омӯзгорони донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳри Хуҷанд ва зиёиёни техникиро дар бар мегирифт. Ҳадафи ин ҳаракат ба ду масъала: якум, барқарор кардани номи таърихии шаҳр ва кӯчаҳои шаҳри Хуҷанд ва дуюм ба ваколатҳои Шуроҳои маҳаллӣ додани ихтиёрдории замин аз салоҳияти колхозу совхозҳо нигаронида шуда буд. Он тарафдори Ҳокимияти Шуравӣ буда, таъсири Шуроҳоро омили беҳбудии ҷомеа меҳисобид.

Дар ин давра дигар миллатҳо ва халқҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекарданд, ҷамъиятҳо ва марказҳои фарҳангии худро таъсис доданд. Аз ҷумла, инҳоро метавон ба ҷамъияти «Ховарим»-и яҳудиён,

ҷамоати диаспораи арманӣ ва ассотсиатсияҳои кореягии Тоҷикистон ва Шуравӣ мисол овард.

Дар заминаи маҳфили «Рӯ ба рӯ» созмони мардумии «Растохез» ба вуҷуд омад. Ин созмон аз ҷониби узви фаъол ва наттоқи маҳфили «Рӯ ба рӯ», номзади илмҳои иқтисодӣ, корманди Академияи илмҳои Тоҷикистон Тоҳири Абдуҷаббор таъсис дода шуд. Ӯ дар бораи ҳадафи «Растохез» чунин гуфтааст: «Созмони мардумии «Растохез» аз ибтидо бо дарки як сислсила масоили хеле муҳим, ки дар он вақт дар назди ҷомеа истода буд, ба майдон омад ва ҳадафи худро чунин муайян кард, ки мо бояд барои ба даст овардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон талош кунем ва ман фикр мекунам ин як нуҳзати мардумӣ буд, ки на танҳо ба Тоҷикистон, балки ба ҳамаи ҷумҳуриҳои шӯравӣ дар он давра хос буд» [51, с.344]. Сабаби асосии таъсиси ин созмон андешаҳо перомуни ҳимояву посдории забону фарҳанги тоҷик буд. Маҳз андешаи «Марги миллат аз марги забонаш оғоз мешавад» (Г. Сафиева) [256] ангезаи аслии таъсисёбӣ ва фаъолияти созмони «Растохез» ҳисоб мешавад. Он хеле фаъол буда, фикру мулоҳизаҳои ҷомеаро мувофиқи талаботи гуногунақидавӣ ифода менамуд. Асли гуманизм, адолат ва озодӣ, баробарӣ ва бародарии халқҳо, демократия ва ошкорбаёнӣ асоси фаъолияти «Растохез»-ро ташкил менамуд. Ба гуфти муовини раиси созмони мазкур мақсади асосии иттиҳод аз қайди онрӯзаи бухроновар раҳо додани ҷумҳурӣ, мадад кардан ба баланд шудани сатҳи зиндагии халқҳои ҷумҳурӣ, иҷрои ҳақиқии қонуни адолати иҷтимоӣ, таҷдиди забони тоҷикӣ ва маданияти миллии тоҷикон, ҳамчунин анъанаҳои беҳтарини гузашта аст [256].

Ҳар фард новобаста аз миллат, эътиқодоти динӣ, вазъи иҷтимоӣ, ҳизбият агар «Оиннома» ва барномаи онро эътироф менамуд, аъзои он шуда метавонист. Мувофиқи оиннома ва гуфтаҳои аъзоёни «Растохез», он ҳар навъ зуҳуроти зӯрӣ ва истибдод, беадолатиҳои иҷтимову миллӣ ва нобаробариро маҳкум мекард. Табиист, ки обрӯи ин ташкилот дар

байни зиёиён, махсусан ҷавонон, ҳатто коммунистон хеле баланд шуда буд. Дар фаъолияти «Растохез» талабҳои истиқлолияти сиёсӣ (дар доираи Иттиҳоди нави таҷдидёфта), иқтисодӣ, ҳимояи манфиатҳои фарҳангии халқи тоҷик, пеш аз ҳама, баланд бардоштани мақоми забони тоҷикӣ ва ғайраҳо дида мешуд. Ҳарчанд ин созмон 21-уми июни соли 1991 ба қайд гирифта шуд бошад ҳам, вале аввалин маҷлиси он аз ин пештар – 13 сентябри соли 1989 сурат гирифта буд.

Аз сабаби он, ки ҳадафҳои созмони «Растохез» бо ҳадафҳо ва амали Ҳизби коммунистӣ созгор набуданд, минбаъд аъзо ва ҳаводорони он аз ҷониби ҲК зери таъқиб қарор дода шуданд, ки дар натиҷа ин ҷамъият мавқеи зиддикоммунистӣ ва зиддисотсиалистиро пеш гирифт.

«Растохез» аввалин созмони иҷтимое буд, ки на фақат матбуоти расмии худро ба вуҷуд овард, балки аз дигар матбуоти мунташири ҷумҳурӣ, ҳатто аз нашрияҳои расмӣ ба монанди «Ҷавонони Тоҷикистон», «Газетаи муаллимон», «Сухан» тавонист ба манфиати худ истифода намояд [269, с.178].

И. Усмонов бар ин назар аст, ки таъсис ва фаъолияти «Растохез» нишон медиҳад, ки аз як ҷониб, талаботи чунин созмонҳо дар Тоҷикистон вуҷуд дошт ва аз тарафи дигар, ин раванд нишон медиҳад, ки гуногунандешии сиёсӣ дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ поя ва реша мепайвандад.

Таъсиси «Растохез» шаҳодати талаботи воқеии ҷомеа ба созмонҳои нав ва озодии андеша мебошад. Ин раванд ҳамзамон таъкиди густариши гуногунандешӣ дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ аст [269, с.178].

Абдуқодир Холиқзода, муовини раиси созмони «Растохез», нақши ин созмонро дар бедории тафаккури миллии тоҷикҳо муҳим арзёбӣ мекунад. Ӯ дар таҳқиқоти худ бо номи «Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Русия то истиқлол» [279, с.193] таъкид мекунад, ки таъсиси «Растохез» дар ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ нақши калидӣ дошт.

Ӯ таъкид мекунад, ки «Растохез» аз рӯзҳои аввали таъсисаш ба манфиати миллат фаъолиятҳои судманд ва аҳаммиятнокро ба сомон расонида, «дар масъалаи иқтисодӣ консепсияи мустақилияти иқтисодии ҷумҳуриро пешниҳод кард, ки он бояд масъалаҳои гузаштанро ба бозори озоди иқтисодӣ, шаклҳои гуногуни моликият, дар ҷумҳурӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор додани маводи хом, ташкил намудани хазинаи зарҳои ҷумҳурӣ, бонки миллӣ ва ғайраро дарбар мегирифт» [279, с.193].

Гурӯҳи кории созмон консепсияи мустақилияти иқтисодии ҷумҳуриро таҳия ва ба ҳукумат пешниҳод намуд. Бо вуҷуди ин, дар ин консепсия на танҳо истиқлолияти иқтисодии ҷумҳурӣ, балки қатъи пурраи муносибат бо «марказ» ва рӯ овардан ба кишварҳои шарқӣ низ таъкид мешуд, ки ба назар мерасад, ин нуқтаи назар хато буд.

Аз ин лиҳоз, ба ақидаҳои Абдуқодир Холиқзода розӣ шудан мушкил аст.  Амалиёти зӯроварӣ ва ғайриқонунии аъзоёни созмони мардумии «Растохез», ки бо дарназардошти ҷабҳаи исломӣ-демократӣ анҷом дода мешуд, боиси коҳиш ёфтани нуфузи ин созмон миёни мардум гардид. Барои ба вуҷуд омадани тазоҳуроти густурда, ки тамоми кишварро фаро мегирифт, омодагии ҷиддии мухолифин ба мушоҳида мерасид. Тамоми рӯзномаҳои ба ном озодандеш, ки ба гурӯҳҳои мухолифин хизмат мекарданд ба тарғиботу ташвиқоти ғояи роҳбарони ҳизби наҳзати ислом иқдом намуда, ба таърихи 70-солаи Шуравӣ хатти бутлон мекашиданд. Ҳамзамон ин гурӯҳҳо саодати мардумро дар бунёди давлати исломӣ қаламдод намуда, дар пеши чашми мардум тамоми дастовардҳои далати собиқ Шуравиро бидъат эълон менамуданд. Хосатан, тамоми васоити ахборе, ки дар ихтиёри Ҳизби наҳзати ислом қарор дошт, ба беобрӯ кардани шахсиятҳои  даврони гузашта машғул гардида, намояндагони худро шахсони  сиёсӣ муаррифӣ менамуданд. Дар ин тарғиботи бардурӯғ хосатан ҷамъияти “Растохез” хеле фаъол

буда, дар маҳфилҳои худ роҳбарони вазорату идораҳоро мавриди муҳокима қарор дода, бо ҳар баҳона онҳоро дар пеши мардум шармсор менамуданд. Ҳамчунин муборизаю тарғиботи зиддирусӣ аз ҷониби мухолифини кишвар бо маром боло мерафт.

Ҳамин тариқ, раванди таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ барои ба вуқуъ пайвастани воқеаҳои баҳманмоҳи хунин ва воқеоти минбаъда заминаи воқеиро омода намуд. Ва ин гурӯҳҳои сияҳкор мардумро ба муборизаҳои мафкуравию ҳизбӣ мекашид то аз гумроҳии онҳо истифода намуда, ҳадафҳои ғаразноки худро пиёда созанд.

## 1.2. Заминаҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ

Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҳодисаи нав нест: солҳои 1918–1923 чунин мубориза бар зидди Ҳукумати ҷавони Шуравӣ ба вуқуъ пайваста буд. Ҳукумати шуравӣ асосан ба муқобили сохти куҳна - маъмурияти Русияи подшоҳӣ, тарафдоронаш, феодалҳои маҳаллӣ мубориза мебурд. Табақаи ҳукмрони ҳукумати пештараи Русияи подшоҳӣ ва Аморати Бухоро талош мекарданд ҳокимият ва имтиёзҳои худро нигоҳ доранд, дар ҳоле ки қишри поёнии ҷомеа, ҳарчанд имтиёзҳои эълонкардаи Ҳукумати Шуравиро пазируфта буданд, ба пойдории онҳо бовар надоштанд ва гурӯҳи камбағалон барои ҳимояи ин ҳокимият бархоста буданд. Дар Тоҷикистон, ки ҳамчун як ҷузъи кӯҳистони Аморати Бухоро маҳсуб меёфт, ҷонибдорони ҳокимияти нав асосан аз миёни мардуми маҳаллӣ пайдо шуда, бар пояи ислоҳоти иҷтимоӣ ва беҳбудии шароити заҳматкашон дастгирӣ меёфтанд. Ҳукумати Шуравӣ бо қабули қонунҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ба монанди ҷорӣ кардани назорати коргарӣ, миллӣ кардани корхонаҳо, таъйини рӯзи кории ҳаштсоата ва тақсими замин, кӯшиш дошт, ки ҷонибдории оммаи меҳнаткашро ба даст оварад. Бо вуҷуди ин, дар Туркистон гурӯҳҳои зиддишуравӣ бештар паҳн шуда, шиорҳои озодии дин ва баробариро бо маъноҳои манфӣ ба мардум фаҳмонда, боиси эҷоди тарс ва шубҳа дар байни

онҳо гардиданд. Ин вазъият нишон медиҳад, ки фаҳмиши сиёсӣ ва таъсири идеологӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа фарқ карда, ба ҳолати иҷтимоии минтақа таъсири амиқ расонида буд.

Дар охири солҳои 80-уми асри XX қувваҳои дар замони Шуравӣ саркӯбшуда аз нав ба ҳаракат омада, кӯшиш менамуданд, ки дар атрофи худ тамоми мардуми Осиёи Миёнаро ҷалб намоянд. Онҳо бар он талош доранд, ки ба нуқсонҳои даврони Шуравӣ таваҷҷуҳи мардумро ҷалб намуда, хосатан дар кӯҳистон нуфузи худро бештар дошта бошанд. Аз ибтидои солҳои 90-ум дар матбуоти даврӣ ва адабиёти бадеӣ ва илмӣ ягон-ягон образҳои босмачиён ва норозиёни даврони Шуравӣ рӯнамоӣ мекарданд. Ин ҳаракатҳо дар мафкураи мардумон кора карда, дар ин радиф масъалаи баргардонидани шаҳрҳои таърихии Самарқанду Бухороро муҳим нишон медоданд. Ҳамзамон терори сталинӣ дар солҳои 30-юми асри XX барои ин гурӯҳҳо баҳонаи равшан мегардид ва хонаводаҳое, ки дар ин террор наздикони худро аз даст дода буданд, ба ин гурӯҳҳо ҳамовозӣ менамуданд. Гурӯҳҳои мухолифин шахсиятҳои таъсиргузор ба мисли шоирон, олимон ва фарҳангиёни соҳибномро ба майдони мубориза мекашиданд. Ҳодисаҳои баҳманмоҳи хунин дар Тоҷикистон ба фазои ором ва суботи кишвар рахна зада, ба ноороmии мардум заминаи воқеиро ба вуҷуд овард.

Бояд қайд кард, ки ҳодисаҳои баҳманмоҳ (февралӣ) аввалин бархурди гурӯҳҳои исломи сиёсӣ бо ҳокимияти дунявӣ буд, ки барои сияҳкорони миллат ба сифати як таҷриба хизмат намуд. Мусаллам аст, ки “...Ҳалқаи тоҷикистонии “Ихвон-ул-муслимин”, ки аз берун идора карда мешуд ва роҳбарони он ба адабиёти сиёсӣ дастури ба гирдиҳамоиву бетартибии оммавӣ даст задан ва фалаҷ кардани нерӯҳои ҳукуматиро омӯхта буданд, барои дар амал татбиқ кардани он ва ҳамчунин ҷиҳати санҷиши вазъи умумии давлати ИҶШС, ҳамбастагии ҳокимияти марказӣ ва ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ба ҳайси нахустаҷриба бархурду ноороmиро дар дохили Тоҷикистони шуравӣ ба миён

овarданд"[336].

Ҳарчанд шореҳони сиёсии тарафдори Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон ин вазъро ба сифати вазъи худрӯй ба қалам медиҳанд ва гӯё он ҳеҷ роҳбар ва раҳнамое надошт, аммо воқеъияти ин ҳаводис нишон медиҳад, ки он маъракаи хунини муташаккил буда, аз тарафи гурӯҳҳои махсус (хадамоти махсуси кишварҳои ҳориҷӣ) роҳандозӣ мешуд. Агар чунин намебуд, дар замони шуравӣ дар зеҳнияти аксари мардум намеғунҷид, ки дар муқобили давлат ба бетартибии сиёсӣ ва ҷинояткории оммавӣ даст зананд. Аз ин рӯ ҳодисаи баҳманмоҳи соли 1990 аз тарафи Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон ва тарафдоронаш ба роҳ монда шуд. Ҳадди ақал дар ин бетартибиҳо онҳо аз таҷрибаи инқилоби исломии Эрон истифода намуда, ҳатто ёрии моддиро ҳам аз ин кишвар гирифта буданд. Дар дасти тарафдорони ин ҳаракат ба ҷилва омадани шиори «Марг ба Амрико!» аз ҳамин ҷиноятҳои муташаккил гувоҳӣ медиҳад. Монандии дигар низ буд, ки саркардагони ин тазоҳурот бештар гурӯҳҳои ҷиноиро истифода намуда, онҳоро басиҷ карда, бо пулу сармоя таъмин намуда, ба бетартибии оммавӣ сафарбар намуданд. Суоле ба миён меояд, ки тарроҳи баҳманмоҳ кӣ буд?

Генерал Амирқул Азимов, ки ба ҳайси роҳбари Бригадаи тафтишотӣ ҳодисаи баҳманмоҳи хунинро мавриди санҷиш қарор додааст, аз назари тахассусӣ ба масоили марбута таваҷҷуҳ намуда, дар ҳаводиси февралӣ даст доштани муллоҳои наҳзатиро эълом дошт. Зеро ТТЭ ҲНИ барои даргирию низоъ ва бетартибиҳо дар шаҳри Душанбе на танҳо манфиатдор буд, балки худ ҷараёнро таҳти назар қарор дода, таҷаммуотро идора ва ба сифати муҷрӣ иштирок мекард. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ТТЭ ҲНИ-ро метавон яке аз тарроҳон ва муҷриёни ҳаводиси февралӣ шинохт.

Маҳз бо ин ҳодиса онҳо вокуниши ҳукумати

вақти РСС Тоҷикистон ва ҳукумати марказии Иттиҳоди Шуравиро аз Маскав санҷида, ба марказҳои сармоягузорӣ ва идоракунии хеш маълумот ирсол намуданд ва нақшаи баъдии ҷанги гражданиро тарҳрезӣ карданд. Чун гурӯҳҳои исломгаро дастгирии молиявии беруна ва роҳбару роҳнамои хориҷӣ доштанд, ҳатто нафаронеро, ки дар ин солҳо афкори миллиро думболагирӣ мекарданд, ба зери нуфузи худ даровarданд ва аз иддае шахсиятҳо огоҳу ноогоҳ суистифода намуданд.

Ҳодисаи баҳманмоҳ, ки рӯзҳои 11,12, 13, 14-уми феврали соли 1990 ба вуқуъ пайваст, барои бетартибиҳои баъдӣ ва нооромию ҷанги дохилии солҳои 1991-97 заминаи асосӣ гардид. Дар марҳалаи баъдӣ тарафдорони ТТЭ ҲНИ аз бетартибиҳои баҳманмоҳ илҳом гирифта, нақшаҳои навро дар сар парвариданд. Аксари ҷинояткорони ҳодисаҳои баҳманмоҳи соли 1990 бо сабаби аз 1 тараф гузашти ҳукумати вақт ва аз тарафи дигар аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ (СССР)ва оғози мавҷи дуюми нооромиҳо дар соли 1992 бе ҷазо монданд.Ҷинояткорони аз ҷазо берун монда, бо ҳар роҳ кӯшиш мекарданд фазо ноором бошад, ё ҳадди ақал тамоми сохторҳои қаблӣ ба сохтори нав ва тартиботи наве табдил дода шаванд, то худ бе ҷазо монанд. Яъне, оғози ҳамаи нооромиҳо ва бадбахтиҳо аз ҳодисаи баҳманмоҳи соли 1990 сурат мегирад, ки заминаи асосии нооромиҳои баъдӣ махсусан дар соли 1992 бидуни ҳеҷ гуна тарсу ҳаррос бо роҳи зурӣ забт кардани биноҳои ҳукуматӣ, гаравгон гирифтани мансабдорони баландпояи давлатӣ ва таҳти фишори силоҳ ба истеъфо бурдани Президенти аз ҷониби халқ интихобшуда, сенарияи баъдиест, ки пайравони ташаккули терористии наҳзат роҳандозӣ намуданд.

Дар солҳои 1989-1990 як қатор ташкилотҳои гуногун ба миён омаданд. Ин масъала соли 1992 дар яке аз суханрониҳои Президенти кишвар баён гардида буд. Дар ин давраи ҳассос нерӯҳои иғвогар, ки зери шиори демократия амал мекарданд, бо рафторҳои моҷароҷӯёнаи

худ ватани моро дар ба доми нобудӣ мекашиданд. Хавфи аз байн рафтани якпорчагии Тоҷикистони азиз пеш омада буд. Созмонҳои навтаъсис ба монанди «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва дигарон, ки дар назари аввал гӯиё ҳадафҳои судманд доштанд, аммо дар асл ба таҳкими якпорчагии кишвар хавф эҷод менамуданд.

Ҳадафи аслии таъсиси чунин ташкилотҳо ҳимоят аз манфиатҳои мардум дар минтақаҳои мухталифи кишвар дар замони нооромиҳои сиёсӣ дар пойтахт буд. Бо вуҷуди ин, ин раванд нишон дод, ки дар Тоҷикистон қаллобии маҳаллӣ пайдо шуд, ки манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳиро аз манфиатҳои умумии ҷомеа болотар медонист.

Рӯйдодҳои феврали соли 1990 яке аз муҳимтарин воқеаҳои сиёсӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX маҳсуб мераванд, ки таъсири амиқе ба вазъи сиёсати Тоҷикистон гузоштанд. Ин ҳодисаҳо шароити заруриро барои таъсиси ҳизбҳо ва созмонҳои нав, ки худро «демократӣ» ном мебурданд, фароҳам оварданд. Ҳадафи асосии онҳо ба вуҷуд овардани бесуботӣ ва касби қудрат дар идоракунии кишвар буд.Таҳлил нишон медиҳад, ки воқеаҳои февралӣ, ки бо нақшаҳои пешакӣ таҳия шуда буданд, асосан барои амалӣ намудани манфиатҳои сиёсӣ ва таъсири тарафҳои гуногун ба идораи кишвар равона шуда буданд. Ин ҳодисаҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти баъзе ҳизбҳо ва созмонҳо бештар аз манфиатҳои умумии халқ фарқ мекард ва бо дахолати бевосита дар умури давлат мехостанд мавқеъ ва ҳокимиятро ба даст оранд. Аз ин рӯ, воқеаҳои моҳи феврали 1990 на танҳо ба тағйири вазъи сиёсӣ мусоидат намуданд, балки ҳамчун сабаби асосӣ барои бархӯрди сиёсӣ ва нооромиҳои минбаъда дар кишвар шинохта мешаванд. Ин рӯйдодҳо таъкид мекунанд, ки дар давраи гузариш ба демократия ва истиқлол, омодагӣ ба идораи давлат ва қудрат бояд бо дарназардошти манфиатҳои умумӣ ва суботи сиёсӣ амалӣ гарданд.

Бар асари ин воқеаҳо, ки аз 11 то 17-уми феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе ба амал омаданд, ба ақидаи И.Усмонов [269, с.178] «14 кас», аз рӯи маълумоти Ҷ.Ниёзов [333] «зиёда аз 20 нафар» ва ба ақидаи Ғ. Ғоибов, ки ба хулосаи Комиссияи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Оид ба тафтиши ҳолатҳои воқеаҳои вобаста ба 12, 13, 14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе» асос ёфтааст, 25 нафар қурбон гардида, 856 нафар захм бардоштанд [70, с.666-669].

Воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 дар Тоҷикистон боис ба муҳоҷират ва тарки кишвар аз ҷониби ҳазорҳо нафар русзабонон, бахусус мутахассисони баландихтисос гардид. Ин рӯйдодҳо ба таври равшан бархӯрд ва рақобати шадиди байни ду нерӯи асосӣ, яъне мухолифин ва ҷонибдорони ҳукумати конститутсиониро нишон медоданд. Мухолифин, ки аз гурӯҳҳои «демократӣ», исломгароёни иртиҷоӣ, аъзоёни ҳизбҳои навтаъсис ва ҳаракатҳои зиддикоммунистӣ иборат буданд, дар муқобили ҳукумати расмии кишвар қарор доштанд, ки худро ҳамчун ҳокимияти қонунӣ ва конститутсионӣ муаррифӣ мекард. Ин бархӯрд нишон медиҳад, ки вазъи сиёсӣ дар кишвар то чӣ андоза ноором ва ҷангҷӯёна буд, ки на танҳо бо тағйири сохтори ҳокимият, балки бо тақсимшавии амиқи ҷомеа ва таҳдид ба суботи сиёсӣ ҳамроҳ буд. Бо дарназардошти он ки бархӯрдҳои шадиди байни мухолифин ва ҷонибдорони ҳукумати конститутсионӣ ба даргириҳои минбаъда ва ноороминҳои ҷиддӣ дар Тоҷикистон оварда расонид ва он таъсири манфии амиқ ба устувории сиёсӣ ва рушди кишвар доштанд, муколамаҳои сиёсӣ ва ҳамгироии нерӯҳои гуногун барои ноил шудан ба оромӣ ва демократия заминаи бунёдӣ дошт.

Ба ақидаи муҳаққиқ С. Қобилова «ин мубориззаи идеологияи ҷонибдорони роҳи исломии тараққиёт ва онҳое, ки тарафдори ҳукумати дунявӣ буданд, маҳсуб меёбад. Воқеаҳои февралӣ – ин кӯшиши дарҳам шикастани низоми конститутсионии коммунистӣ ва дар вайронаҳои он

бунёд намудани давлати исломӣ буд» [110, с.96].

Воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе зарари ҷиддӣ ва калони моддиву маънавӣ ба ҷумҳурӣ ворид карданд. Бар асоси маълумоти Комиссияи Шурои Олии ҷумҳурӣ, дар натиҷаи ин воқеаҳо 813 нафар ҷароҳат бардоштанд, ки аз ин миқдор 732 нафар мардон ва 81 нафар занон буданд. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки воқеаҳо на танҳо боиси талафоти ҷонӣ ва захмӣ шудан, балки боиси осеби маънавӣ ва таъсири манфии иҷтимоӣ низ гардиданд. Таҳлили ин ҳодисаҳо таъкид мекунад, ки воқеаҳои февралӣ на танҳо як бархӯрд байни гурӯҳҳои сиёсӣ буданд, балки таъсири ҷиддие ба оромии ҷомеа ва зиндагии мардум доштанд. Ин вазъият зарурати ҳалли мусолиматомез ва ташкили муҳокимаи ҷиддӣ барои пешгирии такрори чунин ҳодисаҳоро бармало месозад.

Ин маълумот аз ҷониби шахсони мансабдор инкор ҳам карда шудааст. Ба андешаи Т.П. Почомуллоев, собиқаи додситони ҷумҳурӣ, шумораи умумии захмдоршудагон 856 нафарро ташкил медод. Аз ин миқдор, 117 нафар бо аслиҳаҳои оташфишон ҷароҳат бардошта буданд.

Мавзуъ дар ҳафтаномаҳо ва рӯзномаҳои он давр ба шаклҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масалан, тибқи иттилои нашрияи «Народная газета», 136 нафар аз сокинони шаҳри Душанбе ва атрофи он аз захмҳои аслиҳа ва 88 нафар аз захмҳои корд ҷароҳат бардоштаанд. Ҳамзамон, 188 нафар барои табобат ба беморхонаҳо бистарӣ шудаанд ва шумораи қурбониён ба 25 нафар мерасад. Ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки воқеаҳои феврали соли 1990 таъсири фоҷеабор ва харобиовар доштанд, ки на танҳо ҷони одамонро ба хатар андохтанд, балки вазъи иҷтимоии ҷумҳуриро низ ба ташвиш оварданд. Таҳлил нишон медиҳад, ки чунин рӯйдодҳо зарурати чораҷӯӣ барои таҳкими амният ва суботи ҷомеаро барҷаста месозанд.

Дар пайи ҳодисаҳои феврали соли 1990 зиёда аз 100 муассисаҳои

савдо ва давлатӣ, ҳамчунин беш аз 20 адад мошинҳои давлатӣ ва шахсӣ вайрон, сӯхта ва тороҷ шуданд. Ҳамин тавр, зарари умумии ин воқеаҳо ба 51 миллион рубли шуравӣ баробар буд.

Ин нишон медиҳад, ки таъсири ин ҳодисаҳо на танҳо ба ҷабҳаҳои иҷтимоӣ ва инсонӣ, балки ба иқтисоди ҷумҳурӣ низ таъсири ҷиддӣ расониданд. Таҳлил нишон медиҳад, ки чунин бархӯрдҳо ба коҳиши устувории иқтисодӣ ва халалдор шудани фаъолияти идоракунии давлатӣ оварда расониданд, ки зарурати чораҳои самаранок барои барқарорсозии ҷомеа ва иқтисодро тақозо мекарданд.

Тафтиши прокуратураи ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар воқеаҳои феврали соли 1990 ҳудуди 300 нафар ҷиноят содир намудаанд. Аз ҷумлаи 150 нафаре, ки ба ҷазоҳои гуногун маҳкум шуданд, ин рақам ҷиддияти паёмадҳои ҳуқуқии ҳодисаҳои мазкурро нишон медиҳад ва таъкид мекунад, ки ихтилофҳои сиёсӣ боиси нақзи қонун ва таҳдиди суботи ҷомеа шуданд. Мушкилоти мавҷуда дар тамоми самтҳо заминаи ба вуҷуд омадани гурӯҳу созмонҳои гуногун гардид. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо ҳам омехта шуда, вазъро барои бархӯрд ва нооромиҳои сиёсӣ мусоид гардониданд. Ин ҳолат таъкид мекунад, ки барои пешгирии чунин ҳодисаҳо зарурати бартараф кардани мушкилоти амиқ ва таҳкими суботи ҷомеа муҳим аст.

Ташвиқот ва тарғиби аъзоёни «Растохез» ҳамроҳ бо муллоҳои иртиҷоии ислом нақши калидӣ дар амалӣ гардидани гирдиҳамоиҳои моҳи феврал доштанд. Фаъолони «Растохез», аз ҷумла О. Заробеков, М. Мираҳимов ва С. Мастонзода, бо истифода аз сиёсати ошкорбаёнӣ дар баромадҳояшон мафҳуми аслии сиёсати ҳукуматро барои муътадил кардани вазъият бо мақсади худ таҳриф мекарданд. Бо таблиғи рӯҳи миллатгароӣ онҳо мардумро бар зидди ҳукумати конститутсионӣ таҳрик медоданд. Масалан, 9 феврали соли 1990 роҳбарияти «Растохез» ба Шурои Олии ҷумҳурӣ мактуб ирсол намуда, талаб карданд, ки шумораи

гурезаҳои армание, ки ба ҷумҳурӣ омада ва манзилҳо гирифтанд, ба омма эълон шавад. Дар он рӯзҳо хабарҳо дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳои олӣ паҳн мешуданд, ки арманҳо бо манзил таъмин шудаанд ва гирдиҳамоиҳо баргузор мегарданд. Ин ҳолат равшании кор мекунад, ки истифодаи таблиғот ва ташкили сунъии низоъҳо як стратежияи махсус буд, ки ба ба вуҷуд овардани ноорomiҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуд.

Ба гуфтаи Ҳикматулло Насриддинов [162, с.97], дар рӯзҳои 8-9 феврал дар назди ошхонаи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон хабаре дар бораи баргузории намоиши зидди арманиҳо дар назди бинои Кумитаи Марказии ҲКТ, ки ба санаи 11 феврали соли 1990 тааллуқ дошт, интишор карда шуда буд.

Ба таҳлили масъала баргашта, бояд гуфт, ки воқеаҳои феврали соли 1990 дар Тоҷикистон на танҳо бар асари фаъолияти роҳбарияти созмони мардумии «Растохез», балки бо иштироки фаъол ва таъсиргузори намояндагони иртиҷоии рӯҳониёни мусулмон низ ташаккул ёфтанд. Номи шахсиятҳои мисли А. Боев, С. Бедимоғов, Т. Давлатов, А. Ҳакимов, А. Дилоев ва дигарон дар миёни баромадкунандагон ва ташвиқгарони ғояҳои иртиҷоӣ ва исломӣ, ки махсусан дар байни ҷавонон паҳн мешуд, ба назар мерасад. Ин шахсиятҳо ғояҳои исломиро, ки ба мазмуни бадбинӣ нисбат ба миллатҳо, мафкура ва дини дигар ва ҳамзамон зидди сохти мавҷудаи давлатию ҷамъиятӣ ва коммунистӣ равона гардида буданд, ба таври фаъолона таблиғ мекарданд. Ҳадафи онҳо барпо намудани як ҷумҳурии исломӣ дар Тоҷикистон буд, ки ин раванд ба таҳрик ва барангехтани ҷунбишҳои зиддидавлатӣ ва зиддимиллӣ мусоидат намуд. Аз ин рӯ, саҳми гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва рӯҳониёни исломӣ дар ташаккули ноорomiҳои сиёсиву иҷтимоии он давра назаррас буда, нишон медиҳад, ки омилҳои динӣ ва идеологӣ дар ин воқеаҳо нақши муҳим бозидаанд. Ин таҳлил таъкид мекунад, ки

бартарафсозии сабабҳои амиқи норозигӣ ва пешгирии таъсири ғояҳои иртиҷоӣ барои таъмини суботи сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар зарур мебошад.

Тибқи иттилои Ҳ.Насриддинов, ифтитоҳи масҷид дар деҳаи Арбобхотуни ноҳияи Ленин 2 феврали соли 1990, заминаи асосӣ барои ба миён омадани пешниҳоде аз ҷониби руҳониён гардид, ки дар Тоҷикистон таъсиси ҷумҳурии исломиро мехостанд. Ин рӯйдод аз аввалин ҳаракат дар роҳандозии ғояҳои исломӣ ба сиёсат буд.

Муллои ғайрирасмӣ Р. Қосимов 9 феврали соли 1990 дар масҷиди як деҳаи ноҳияи Ҳисор дар бораи омадани гурезаҳои арманиҳо суханронӣ карда, мардумро барои иштирок дар митинги зидди арманиҳо, ки 11 феврал дар назди бинои КМ ҲКТ баргузор мешуд, даъват намуд [162, с.97].

Мавзуи гурезаҳои арманӣ аввалин бор дар вохӯрии созмони «Растохез» дар экспедитсияи гидрогеологиву мелиоративии Вазорати хоҷагии оби ҶШС Тоҷикистон, ки 25 январи соли 1990 баргузор гашт, баррасӣ шуд. Дар он ҷаласа сардори экспедитсия А. Абдуллоев ва раиси созмон Н. Мӯсоев хабар доданд, ки то 3 ҳазор гурезагони арманӣ вориди кишвар шуда, роҳбарон онҳоро бо манзил таъмин кардаанд, ҳамзамон мардумро барои иштирок дар гирдиҳамоӣ даъват карданд.

Дар давраи муайян, аз 12 то 16 феврал, Комиссия муайян намуд, ки 1390 арманӣ аз фурудгоҳи Душанбе парвоз карда, 1227 нафарашон ба Ереван ва 163 нафар ба дигар шаҳрҳои Иттифоқ рафтаанд, дар ҳоле ки чанд нафари дигар бо роҳи автомобил ва поезд аз кишвар фирор намудаанд.

Тафтиши комиссия нишон дод, ки аксарияти арманҳое, ки аз Тоҷикистон фирор карданд, аслан сокинони маҳаллии ҷумҳурӣ набуданд ва танҳо 776 нафар аз онҳо ба аҳолии муқими кишвар тааллуқ доштанд. Ин маълумот нишон медиҳад, ки воқеаҳои феврали соли 1990

на танҳо боиси норозигии маҳаллии тоҷикон, балки ба муҳоҷирати оммавии миллатҳои ғайритоҷики дигар низ сабаб гардиданд. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки ин ҳодисаҳо таъсири густурдаи иҷтимоиву этникӣ доштанд ва боиси тағйирёбии таркиби демографӣ дар ҷумҳурӣ шуданд, ки ин омил дар вайрон кардани суботи миллӣ нақши муҳим бозидааст. Ин таҳлил зарурати таҳлили амиқтар ва татбиқи чораҳои муассир барои пешгирии низоъҳои этникӣ ва ҳифзи ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистонро таъкид менамояд.

Дар расонаҳо гузориш шудааст, ки тибқи суҳбати собиқ президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қ. Маҳкамов, бо мухбири «Московские новости» 23 декабри соли 1990, дар аввали соли 1990 зиёда аз 65 ҳазор русзабонон аз Тоҷикистон фирор карданд, ки ин таҳлили вазъи бадтарини амниятӣ ва сиёсӣ дар кишварро нишон медиҳад.

Гирдиҳамоиҳои феврали соли 1990, ки аз ҷониби созмони «Растохез» ва Ҳизби наҳзати ислом ташкил ва амалӣ шуданд, асосан бо ҳадафи иҷрои нақшаҳои худ ва паст задану беобрӯ кардани Ҳизби коммунист роҳандозӣ гардиданд. Ин ҳодисаҳо ҳамчун сарчашмаи аслии ноорамӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки аз 5 майи соли 1992 то 27 июни соли 1997 идома ёфт, арзёбӣ мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, гирдиҳамоиҳои февралӣ на танҳо як маъракаи сиёсӣ, балки оғози давраи тӯлонии низоъҳои дохилӣ буданд, ки таъсири онҳо то солҳои зиёд ба суботи кишвар ва рушди иҷтимоию иқтисодии он таъсир расонид. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки омилҳои сиёсӣ ва идеологӣ дар мураккабшавии вазъи Тоҷикистон нақши ҳалкунанда доштанд ва зарурати омӯзиши амиқ ва пешгирии чунин равандҳо барои таъмини суботи давлат ва пешрафти ҷомеа ба миён мегузоранд.

Пас аз воқеаҳои февралӣ Ҳизби Коммунист ва Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади андешидани чораҳои зарурӣ пленумҳои XVI – XVII – XVIII-ро анҷом доданд. Дар натиҷаи ин пленумҳо се роҳбари

аввали ҷумҳурӣ – Котиби якуми ҲК Тоҷикистон - Қ.Маҳкамов, Раиси Шурои Вазирони Тоҷикистон – И.Ҳаёев ва Раиси Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон – Ғ.Паллаев ба истеъфо рафтанд.

Ҳаводиси феврали соли 1990, ки бо номи "ноорамиҳои Душанбе" маъруфанд, дар бисёр таҳқиқоти таърихии даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба таври якҷониба ва нопурра инъикос ёфтаанд. Нақли воқеаи ин рӯйдодҳо, ки оғози ташаннуҷи сиёсиву иҷтимоии кишвар дар остонаи истиқлолият ба шумор меравaнд, бештар бо равишҳои идеологӣ ё сиёсати баъдтар таҳриф шудаанд. Ҷӯмабой Ниёзов, яке аз чеҳраҳои намоёни ҳаракати демократии солҳои охири Шуравӣ дар Тоҷикистон, бар ин назар буд, ки ин ноорамиҳо натиҷаи "амалиётҳои тарҳрезишудаи Кумитаи амнияти давлатӣ" мебошанд. Ба гуфтаи ӯ, ҳадаф асосан беобрӯ намудани номзадҳое буд, ки рӯҳияи демократӣ доштанд ва метавонистанд дар интихоботи наздик ба ҳайси вакилони Шурои Олӣ пирӯз шаванд. Агар вазъи сиёсии солҳои 1989-1990 таҳлил шавад, дида мешавад, ки заминаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва инчунин таҳдиди аз даст рафтани назорати сиёсӣ аз ҷониби элитаи ҳизбӣ боиси пайдоиши чунин амалиётҳои пинҳонӣ гардид. Тавре таҷрибаи дигар ҷумҳуриҳои Шуравӣ низ нишон медиҳад, чунин "бозигариҳои амниятӣ" дар марҳалаҳои буҳронӣ як навъ воситаи нигоҳ доштани низоми мавҷуда буданд.

Ба ҳамин асос, изҳороти Ҷӯмабой Ниёзовро набояд танҳо ба ҳайси як андешаи шахсӣ пазируфт, балки онро метавон ҳамчун бозтоби воқеияти сиёсие арзёбӣ кард, ки дар он ниҳодҳои давлатӣ бо истифода аз абзорҳои амниятӣ талош мекарданд ҳаракатҳои рӯ ба ислоҳот ва демократияро саркӯб созанд. Ин баёнгари он аст, ки ҷараёни таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990 дар Тоҷикистон дар фазои нобаробари мубориза байни низоми собиқи шуравӣ ва нерӯҳои навини сиёсӣ сурат мегирифт.

Аз ин рӯ, изҳороти Ниёзовро на танҳо ҳамчун фикри шахсӣ, балки ҳамчун як нишонаи нишон додани муқовимати ниҳодҳои давлатӣ бо нерӯҳои нав, метавон арзёбӣ кард [333].

Абдуқодир Холиқзода, муовини раиси созмони мардумии «Растохез», ҳаводиси феврали соли 1990-ро дар заминаи ҷараёнҳои умумии сиёсӣ ва иҷтимоии замони поёни Шуравӣ таҳлил намуда, онро як қисми наҳзати васеътари муқовимат миёни низоми ҳокими шуравӣ ва нерӯҳои демократӣ медонад. Ба ақидаи ӯ, ин рӯйдодҳо на ба таври стихиявӣ, балки ҳамчун амалиёти тарҳрезишуда аз ҷониби Кумитаи амнияти давлатӣ (КАД) сурат гирифтаанд. Холиқзода барои тасдиқи ин назар мавридҳои монандро дар дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ, аз ҷумла Қазоқистон (декбри 1986), Гурҷистон (апрели 1989), Қӯқанди Ӯзбекистон (августи 1989) ва Озарбойҷон (январи 1990) ёдовар мешавад. Дар ҳамаи ин мавридҳо низ амнияти давлатӣ бо баҳонаи саркӯби нооромиҳо, воқеан, бо ҳадафи фишор ба ҳаракатҳои миллию демократӣ ва нигоҳ доштани низоми ҳоким вориди амал гардида буд. Муқоисаи Холиқзода нишон медиҳад, ки ҳаводиси Душанбе танҳо як падидаи ҷудогона набуда, балки як бахши стратегии фаъолияти КАД дар сатҳи умумииттифоқӣ будааст.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, таҳлили мавқеи ӯ ба хулосае мерасонад, ки рӯйдодҳои мазкур на танҳо маҳсули низоъҳои дохилӣ, балки натиҷаи дахолати мустақими сохторҳои амниятии марказӣ бо ҳадафи ҳифзи пояҳои ҳокимияти шуравӣ буданд [279, с.193].

Абдуқодир Холиқзода бар он назар аст, ки тазоҳуроти рӯзи 12 феврали соли 1990 на ба таври худҷӯш, балки бар асоси сенарияи пешакӣ таҳияшуда аз ҷониби Кумитаи амнияти давлатӣ (КГБ) ташкил ва идора шудааст. Ба гуфтаи ӯ, ин тазоҳурот бо истифода аз иғво барангехта шуда, ниҳодҳои амниятӣ худашон ба он оташи кушод ва ба таври бераҳмона тирборон карданд. Холиқзода бар он таъкид мекунад,

ки бо фармони ниҳодҳои амниятӣ гурӯҳҳои ҷиноятпеша ба шаҳр ворид шуда, ба ғоратгарӣ, дуздӣ ва оташзании амволи давлатӣ ва хусусӣ даст заданд, то фазои бесуботӣ ва нобовариро ба тазоҳургарон ба вуҷуд оранд. Ҳамзамон, ӯ вуҷуди шиорҳои зиддирусӣ ва даъвоҳои таъсиси "ҷумҳурии исломӣ"-ро, ки баъзе шоҳидони ҳол аз он ёд мекунанд, рад мекунад ва онҳоро як қисми ҷанги иттилоотии мақомот барои сиёҳ кардани ҳаракати эътирозӣ медонад. Ин навъи таҳлил нишон медиҳад, ки дар назарияи Холиқзода рӯйдодҳои Душанбе на баромади омма, балки як амалиёти сиёсиву амниятии тарҳрезишуда буда, ҳадафи он беэътиборсозии нерӯҳои наврас ва демократияталаб дар назди ҷомеа ва таҳкими назорати ҳукумат будааст. Ин мавқеъ ба таҳлилҳои муосир ҳамназар аст, ки бар асоси санадҳо ва шоҳидони мустақил дахолати мақомотро дар шиддат ёфтани низоъҳо тасдиқ мекунанд.

Дар баррасии ҳаводиси феврали соли 1990, назару мавқеи муҳаққиқони ватанӣ бештар ба самти таҳлили манфии ин воқеаҳо нигаронида шудааст. Бештари таҳлилгарон ва муаррихон бар ин назаранд, ки ин рӯйдодҳо на натиҷаи эътирози оммавии худҷӯш, балки амалиёти ташкилшудаи гурӯҳҳои ҷиноятпеша буданд, ки таҳти роҳбарӣ ва назорати як маркази мушаххас қарор доштанд. Академик Раҳим Масов, яке аз мунаққидони шинохтаи ин ҳаводис, мавқеи сахтгирона изҳор дошта, ин рӯйдодҳоро «саҳифаҳои нангин дар таърихи мо» номидааст. Ӯ бар он аст, ки тамоми амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла сӯхторҳо, ғоратгарӣ ва худсарӣ аз тарафи гурӯҳҳои авбошу ҷинояткор, на тасодуфан, балки дар тӯли солҳои зиёд ба таври махфӣ ва муназзам аз ҷониби душманони халқи тоҷик тарҳрезӣ ва омода шудаанд. Масов аз назарияе пуштибонӣ мекунад, ки мувофиқи он ин бадандешон – чӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва чӣ дар хориҷ – бо мақсади бадном кардани тоҷикон ва эҷоди нафрат нисбат ба онҳо дар сатҳи умумиттифоқӣ ва ҳатто ҷаҳонӣ амал кардаанд. Ба гуфтаи ӯ, ҳадафи аслии ин гурӯҳҳо на танҳо

беобрӯ кардани мардум дар чашми халқҳои дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ, балки шарманда сохтани тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ низ будааст. Ин хулосаҳо, ки дар таҳлили Масов ва дигар муҳаққиқон зикр мешаванд, ангушт ба нақши пурранги омилҳои беруна ва гурӯҳҳои манфиатдор мезананд, ки тавассути ташкили бесуботӣ ва эҷоди фазои тарсу ноумедӣ, мехостанд ҷараёни бедории миллӣ ва ҳаракатҳои ислоҳталабонаро саркӯб созанд.

Р. Масов ин ҳодисаро ба таври зайл баён мекунад: «онҳо мақсад доштанд моро на танҳо дар назди халқҳои мамлакатҳои шуравӣ, балки дар назди тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ шарманда созанд» [126, с.185-192].

Ба андешаи муаррихи шинохта Ш.М.Султонов [252, с.505; 253, с.639] «воқеаҳои ношоиставу пуралами рӯзҳои феврал» дар радифи хунрезиҳои шаҳри Тифлис (моҳи апрели соли 1989), қазияҳои нохуши Боку ва Степанакерт (моҳи январи соли 1990) сар зада, «ба саҳифаи таърихи миллат ҳамчун саҳифаи нангин ва мудҳиш сабт хоҳад шуд» [253, с.639]. Ба ақидаи ӯ «намоиш – саҳнаи хунин пешакӣ тадорук ёфта буд» [253, с.531].

Ш. М. Султонов дар таҳлили худ ба воқеаҳои феврали соли 1990 ба таври нисбатан воқеъбинона ва интиқодӣ назар афканда, онҳоро як раванди мураккаб ва пуршиддати сиёсиву иҷтимоӣ арзёбӣ мекунад. Ба гуфтаи ӯ, тазоҳурот, ки рӯзи 11 феврал оғоз шуда, дар рӯзҳои 12, 13 ва 14 вусъат ёфт, бо шумори зиёди амалҳои ифротгароёна ва қонуншиканӣ ҳамроҳ буд. Муаллиф сару садоҳо, шиорҳои миллатгароёна ва маҳалгароёна, зӯроварӣ, куштор, сӯзондани мағозаҳои китоб, соат ва либос, озор додани мардум ва ҳатто урён кардани занонро ҳамчун далелҳои аёни радикализм ва нооромии хатарнок баён мекунад. Ӯ иштирокчиёни тазоҳуротро «тӯдаи ифротгароёни моҷароҷӯ» мехонад, ки ба назари ӯ, таърифи дурусти воқеият аст.

Ин муҳаққиқ дар идомаи таҳлил ба ҷузъиёти сиёсии пасипардагии воқеаҳо низ таваҷҷуҳ зоҳир карда, таъкидан зикр мекунад, ки ташкили “Кумитаи 17” рӯзи 12 феврал ва таъсиси Бюрои муваққатии КМ Ҳизби Коммунист аз тарафи ин кумита – таҳти роҳбарии Б. Каримов – як падидаи тасодуфӣ набуд. Ба назари муҳаққиқ, он ҷобаҷогузории сиёсии ҳадафмандонае буд, ки дар он танҳо ду нафар аз шимоли Тоҷикистон ва як намоянда аз вилояти Кӯлоб шомил гардиданд. Пайдо шудани Каримов дар саҳифаи сиёсии ҷумҳурӣ низ, ба гуфтаи Султонов, натиҷаи қазияи тарҳрезишуда буд, на тасодуф.

Аз чунин таҳлил бармеояд, ки воқеаҳои февралӣ на танҳо рӯйдодҳои иҷтимоиву эътирозӣ, балки амалиётҳои мушаххаси сиёсие буданд, ки дар он гурӯҳҳои муайян бо истифода аз фазои бесубот кӯшиш намуданд равандҳои сиёсии кишварро ба нафъи худ тағйир диҳанд. Султонов бо овардани далелҳои равшан мехоҳад нишон диҳад, ки паси рӯйдодҳо манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ ва тақсими бозии қудрат нуҳуфта буд.

Ҳамзамон, Ҳ. Насриддинов [162, с.304], А. Соҳибназаров [248, с.330; 249, с.310], Б. Каримов [98, с.192] ин ҳодисаҳоро шӯриши халқӣ ҳисобидаанд. Дар китоби Б. Каримов «Қурбонии дузахма» [97, с.220] ин ҳодисаҳо инъикос гардидаанд.

Муҳаққиқ Б. Каримов дар асари худ ба таҳлили ҳаводиси сиёсии моҳи феврали соли 1990, аз ҷумла ба «фитнаҳои дарборӣ» ва рақобатҳои дохилии сохторҳои роҳбарикунандаи вақти Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунад. Ӯ бо истинод ба санадҳо ва мушоҳидаҳои шахсӣ, кӯшиш менамояд нишон диҳад, ки гурӯҳҳои таъсиргузори сиёсӣ дар дохили элитаи роҳбарикунандаи ҷумҳурӣ якдигарро бесалоҳият муаррифӣ карда, барои ба даст гирифтани қудрат мубориза мебурданд. Гарчанде ки муаллиф аз манобеи муайян истифода мекунад, бисёре аз

хулосаҳои пешниҳодкардааш асоси тахминӣ доранд ва бо фарзияҳое иброз шудаанд, ки далелҳои муътамад надоранд.

Дар китоб рӯйдодҳои хунини рӯзҳои 12, 13 ва 14 феврал, инчунин ҷараёни пленумҳои XVI, XVII ва XVIII Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ба таври муфассал инъикос ёфтаанд. Каримов бо шеваи дифоъӣ худро қурбонии дасисаҳои сиёсӣ меномад ва пайваста кӯшиш мекунад дурустии мавқеи худро исбот намояд. Аммо яке аз нуқсонҳои ҷиддии таҳлили ӯ ин аст, ки ба шахсиятҳое, ки бевосита дар ташкили ва шиддат бахшидани воқеаҳои хунин даст доштанд, таваҷҷуҳи кофӣ дода нашудааст. Яъне, на нақш ва на мавқеи онҳоро рӯшан баён накардааст, ки ин холигӣ сабаби нопуррагии таҳлил мегардад.

Дар маҷмуъ, ҳарчанд асари Каримов баъзе ҷанбаҳои муҳимми вазъи сиёсии он давраро равшан мекунад, аммо бар асари омезиши воқеият бо фарзия ва набуди таҳлили ҳамаҷониба аз ҷиҳати шахсиятҳои калидии иштирокдор, таҳқиқи ӯ якҷониба ва маҳдуд боқӣ мемонад.

Бояд тазаккур дод, ки аввалин шуда ба инъикоси воқеии таърихи навини сиёсии Тоҷикистон, алалхусус воқеаҳои фоҷиабори соли 1990 журналистон [255, с.288], кормандони масъули прократураи ҷумҳурӣ, раиси КАД, олимон-муаррихон Г.Ҳ.Ҳайдаров, М.Иномов [276, с.122] ва сиёсатмадор С.Кенҷаев [103, с.496; 104, с.496; 105, с.512], пардохтанд.

Муаллифон дар баррасии ҳаводиси хунини рӯзҳои 12, 13 ва 14 феврали соли 1990, ки дар пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе рухдода, ҷомеаро ба ҳолати шиддати равонӣ ва ноороми оварда буданд, мавқеи воқеъбинона гирифта, ба таҳлили воқеият бо такя ба далелҳо ва санадҳо пардохтаанд. Онҳо дар навиштаҳои худ нақши тарроҳон ва созмондиҳандагони бетартибиҳои оммавиро бо равшанӣ нишон дода, таъкид кардаанд, ки ин рӯйдодҳо худҷӯш набуданд, балки натиҷаи фаъолиятҳои барномарезишуда буданд.

Дар раванди таҳқиқи расмии ин воқеаҳо Комиссияи махсуси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон таъсис ёфта буд, ки вазифаи он тафтиши амиқи сабабҳо, ҷараён ва омилони асосии бетартибиҳо ба шумор мерафт. Дар сессияи дуввуми Шурои Олии даъвати дувоздаҳум, ки аз 21 то 29 августи соли 1990 баргузор гардид, натоиҷи фаъолияти ин комиссия расман ба вакилон пешниҳод шуданд. Маълумоти муфассал дар бораи натиҷаҳои таҳқиқотро маҳз Сафаралӣ Кенҷаев, вакили халқ аз ҳавзаи интихоботии Ҷӯйбодом (рақами 63) ва ҷонишини раиси комиссия, ироа намуд.

Натиҷаи фаъолияти комиссияи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон ва сиёсатмадорони зиёд, назири Г.Ҳ.Ҳайдаров, М.Иномов, [276, с.122], Усмонов И [269, с.178], Ғ.Ғоибов [70, с.906], Ҳ.Насриддинов [162, с.75-103], С.Кенҷаев [104, с.496] ва инчунин дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ инъикос ёфтаанд. Ахбороти С.Кенҷаев аз натиҷаи фаъолияти комиссия, ки дар 15 банд ироа шуда буд, дар шакли пурра ва муфассал дар китоби Ҳ. Насриддинов [162, с.75-103] дарҷ гардидааст.

Профессор И. Усмонов бар он ақида аст, ки ҳаводиси хунини 12-14 феврал на ба таври тасодуфӣ рух додаанд, балки маҳз дар шароити мушкилоти амиқи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, нобаробарии рушди минтақаҳо ва болоравии маҳалгароӣ ба амал омадаанд. Ба ақидаи ӯ, ин рӯйдодҳо ҳатто бо вуҷуди огоҳии мақомоти ваколатдор – аз ҷумла Кумитаи амнияти давлатӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ бо камэътиноӣ ва беҷуръатии расмӣ рӯбарӯ шуданд.

Усмонов таъкид мекунад, ки маъмурият сари вақт ба арзёбии сиёсӣ ва таҳлили вазъ нарафта, ҳамзамон тадбирҳои муассир барои пешгирии ин фоҷиаҳоро низ ба кор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ӯ вазъи баамаломада ва муносибати мақомоти дахлдорро хеле дуруст ва бо далел арзёбӣ мекунад [269, с.31-40].

Бар асоси таҳлилҳои комиссияи таъиноти давлатӣ, ки сабабҳо ва омилҳои асосии рӯйдодҳои феврали соли 1990-ро баррасӣ кардааст, маълум мешавад, ки ин воқеаҳо на танҳо тасодуфӣ буданд, балки натиҷаи барномаи муназзами гурӯҳҳои ба ном "демократӣ" ба ҳисоб мераванд. Комиссия натиҷагирӣ кардааст, ки ин гурӯҳҳо бо мақсади ноором сохтани вазъият ва дар ниҳоят ғасби қудрати сиёсӣ амал мекарданд. Ба гуфтаи онҳо, ин рӯйдодҳо як навъ таҷрибаи муваффақи тактикаҳои низомӣ ва сиёсӣ барои ноороmсозии сохтори ҳокимият ва ташкили фишор ба мақомот буданд. Аз ин рӯ, таҳлил нишон медиҳад, ки воқеаҳои февралӣ аслан бар асоси манфиатҳои сиёсӣ ва ҷудо кардани қудрат аз ҷониби нерӯҳои гурӯҳӣ ва мақсадҳои стратегӣ ба вуҷуд омадаанд, на натиҷаи бархӯрдҳои тасодуфӣ ё эътирозҳои оммавӣ. Ин хулосаҳо маъруфият ва эътимоднокии назарияҳои мавҷударо дар бораи таъсири сиёсати гурӯҳҳои мухолиф ба низоъҳои дохилӣ таъкид мекунанд.

Бояд зикр кард, ки арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ ва давлатии ҷумҳурӣ А. Достиев [80, с.224; 81, с.159; с-103; 83, с.192] низ ба омӯзиши таърихи Тоҷикистон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI машғул гардидааст. Дар таълифоти И.Усмонов [269, с.178; 65, с.160] низ воқеоти фоҷиабори моҳи феврал хеле возеҳ таҷассум ёфтаанд.

Дар таҳлили сабабҳои воқеаҳои феврали соли 1990 муаллифон ва муҳаққиқон назарияҳои мухталиф пешниҳод кардаанд, ки ин масоилро аз зумраи масъалаҳои мураккаби таърихӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ медонанд. Аз ҷумла, як гурӯҳ муҳаққиқон овозаҳоро дар бораи таъмин кардани гурезагони арманӣ бо манзил аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ҳамчун сабаби асосии тазоҳуротҳо мебинанд. Вале ин назария ба назари таҳлилгарон асоси воқеӣ надорад ва бештар ҳамчун як баҳонаи ғайриқаноатбахш арзёбӣ мешавад.

Баръакс, таҳқиқоти амиқи Ғ. Ғоибов ба мо нишон медиҳад, ки

сабабҳои аслии ин воқеаҳо бояд дар мушкилоти ҳалталаби иҷтимоӣ ва иқтисодии он замон ҷустуҷӯ карда шаванд. Мухтасар ӯ чор омилро ҳамчун решаҳои аслии ноороми муайян кардааст:

1. Бекории сунъӣ: Корхонаҳо ба таври шаклӣ сохта мешуданд, аммо барои фаъол кардани онҳо коргарон аз дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ, ба мисли Русия, Украина ва Белорусия даъват мешуданд. Ин раванд боиси русисозии аҳолии маҳаллӣ шуда, забони тоҷикӣ мавқеи худро аз даст медод, ки ин ба норизоият ва эҳсоси маҳдудият дар байни мардум мусоидат мекард.

2. Таъминоти манзил: Манзил бештар ба русзабонҳо тақсим мешуд ва аҳолии тоҷик дар ин бахш маҳдудиятҳои ҷиддӣ дошт, ки ба шиддат гирифтани танишҳои миллӣ ва иҷтимоӣ таъсир расонид.

3. Мушкилотӣ динӣ: Баъзе таъзйиқ ва фишор боиси норозигӣ гардид.

4. Масъалаи миллӣ: Маҳалгароӣ ва тақсимоти номутаносиби иҷтимоиву иқтисодӣ байни минтақаҳои гуногун низ омилҳои дигари ноороми буданд.

Аз ин рӯ, таҳлил нишон медиҳад, ки воқеаҳои феврали соли 1990 натиҷаи як қатор омилҳои мураккаби иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буданд, ки бо мушкилоти сиёсӣ ва масъалаҳои миллӣ ҳамоҳангӣ доштанд.

Ғ.Ғоибов ҳифзи манфиатҳои миллиро дар ин ҳодисаҳо аз ҷониби тоҷикон қайд менамояд ва яке аз шиорҳои рӯзи 13 феврал «Тоҷикистон ба тоҷикон» буд [63, с.906].

Воқеан, тарроҳон ва ташкилкунандагони тазоҳуроти моҳи феврали соли 1990 бо дониши амиқ аз мушкилоти ҳалталаби иҷтимоӣ ва камбудиҳои ҷории ҷомеа, аз ҷумла омилҳои маҳалгароӣ, истифода бурдаанд. Онҳо бо стратегия ва амалкарди ҳунармандона медонистанд, ки чӣ гуна эҳсосоти норозигӣ ва танишҳои мавҷуда миёни мардумро барангезанд ва онҳоро ба майдонҳои эътирозӣ ҷалб намоянд. Бо ҳамин

роҳ ин гурӯҳҳо тавонистанд бо истифода аз нороҳатиҳои мавҷуда ҳамчун абзор ҳадафҳои сиёсии худро пинҳон намуда ва қудратро дарёфт кунанд. Аз ин рӯ, тазоҳурот на танҳо як амали норозигии худҷӯш, балки як ҳаракати муназзами сиёсӣ бо нақшаи мушаххас ва манфиатҳои амиқ арзёбӣ мешавад.

Рафти воқеаҳои феврали соли 1990 дар мақолаҳои А.Ганелин, Э.Саидов, Н.Козлова, В.Пономарёв, А.Азимов ва дигарон, аз ҷумла дар китоби «Таджикистан в огне» [255, с.288] инъикос гардидаанд.

Аксари муҳаққиқони рӯйдодҳои февралии соли 1990 ҳангоми таҳқиқоти худ ин воқеаҳоро бо дигар ошӯбҳои оммавии рухдода дар ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ муқоиса намудаанд. Аз натиҷаҳои ин муқоисаҳо бармеояд, ки тамоми бархӯрдҳои миллӣ ва фасодкорӣ дар нуқтаҳои гуногуни кишварҳо на ба таври тасодуфӣ, балки таҳти идораи як маркази ягона ва расмии умумииттифоқӣ қарор доштанд. Ин раванд нишон медиҳад, ки ин муноқишаҳо нақшаи ягона ва тарроҳи мушаххас доштанд, ки бо мақсади нооромсозӣ ва таъсири сиёсӣ ба сохтори давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ мешуданд. Бо ин маънӣ, воқеаҳои феврали 1990 ҷузъи як ҳаракати стратегӣ ва тарҳрезишуда буданд, ки аз сӯи нерӯҳои манфиатдор барои ба даст овардани қудрат ва тағйири сохтори сиёсӣ роҳандозӣ гардида буданд.

Дар мақолаи «Кто виноват и в какой степени» Н. Козлова ба таҳлили воқеаҳои феврали соли 1990 машғул мешавад ва бар асоси назарҳои додситони кулли ҷумҳурӣ Г.С. Михайлин ва Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон М. Навҷувонов, тасодуфӣ будани ин ҳодисаҳоро рад мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки сӯхторҳо, ғоратгарӣ, кушторҳо ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ пешакӣ бо нақшаи мушаххас тарҳрезӣ шуда буданд.

Ба ақидаи муаллиф, ин амалҳо ҷузъи як барномаи муназзами сиёсӣ буданд, ки бо мақсади ноором сохтани вазъият ва расидан ба ҳадафҳои

муайян амалӣ гардидаанд. Ин нуқтаи назар воқеаҳои феврали 1990-ро ҳамчун ҳодисаҳои муташаккил ва зинаи дигаре дар таърихи мунокишаҳои сиёсӣ ва ичтимоӣ арзёбӣ мекунад [255, с.60-63].

Гурӯҳи муайяни муҳаққиқон, аз ҷумла В. Пономарёв, воқеаҳои феврали соли 1990-ро бо шиддат ва эҳсосоти зиёд тасвир карда, баъзан воқеиятро аз нигоҳи таърихӣ ба шакли ғалат ва талқиншуда пешниҳод мекунанд. Мақолаи ӯ «Колокола надежды» намунаи чунин назарияҳо аст, ки дар он ҳодисаҳои ваҳшиёна, аз қабили пора-пора шудани кӯдаки рус ва ҳамлаҳои шадиди дигари гӯё рухдода, асосан бо нақли шоҳидони ҳол ифода ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки чунин нақлҳо бештар хусусияти муболиғаомез доранд ва метавонанд воқеияти воқеаро таҳриф кунанд. Аз ин лиҳоз, муҳим аст, ки таҳқиқоти воқеаҳои феврал бо баррасии дақиқи манобеъ ва танзими воқеият бо эҳтиёткорӣ сурат гирад, то аз тағйири маъно ва таҳрифҳои эҳтимолӣ ҷилавгирӣ шавад ва ба таҳлили обективӣ ноил гардем. Ин равиш барои дарки амиқи ҳодисаҳо ва таърихнигории ҳақиқӣ зарур мебошад.

Ба ақидаи В. Пономарёв «Дар бораи ин ҳодисаҳо шумо дар протоколҳои милиса хабар ҷустуҷӯ накунед. Зеро тибқи қавоиди ислом ин гуна маитҳоро зуд ва пинҳонӣ ба хок месупоранд, то овоза аз ҳудуди девори оилавӣ берун наравад» [255, с.70].

Муаллифи таҳқиқоти «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз», муаррихи тоҷик Ғолибшо Ғоибов, мақолаи В. Пономарёвро бо назари танқидӣ баррасӣ намуда, ҷанбаи иғвогаронаи онро баён кардааст. Ӯ навиштаҳои Пономарёвро ҳамчун як таҳқири хунин ва ғайридақиқ ба мардуми тоҷик арзёбӣ мекунад, ки боиси афзоиши таассуб ва мунокишаҳо шудааст. Ғоибов ҳамчунин таъкид мекунад, ки муаллиф аз асосҳои шариати ислом огоҳ нест, зеро тибқи қоидаҳои исломӣ касе наметавонад беҷазо ва пинҳонӣ боқӣ мондани аҷдодашро қабул кунад. Аз ин рӯ, Ғ. Ғоибов ин навиштаҳоро на танҳо як иғвои нофаҳмона, балки як навъ

бебаҳрагиҳо ва нодонистӣ дар масъалаҳои диниву фарҳангӣ медонад, ки ба мунокишаҳои иҷтимоӣ таъсири манфӣ расондаанд.

Андешаҳои хешро бо истинод аз гуфтаҳои Прокурори кулли ҷумҳурӣ Т. П. Почомуллоев чунин асоснок кардааст: «Дар натиҷаи тафтиш собит шуд, ки органҳои прокуратура, корҳои дохилӣ ва бехатарии давлатӣ, материалҳои тасдиқкунандаи фактҳои зикршударо дар ихтиёр надоранд. Манбаи маълумотгирии муаллиф маълум нест. Дар баробари ин… дар давраи ҳодисаҳои февралӣ ба органҳои ҳифзи ҳуқуқ садҳо маълумоти ба ин монанд дар бораи куштор, таҷовузкорӣ, шикасторӣ расид, ки аксараш, тавре, ки тафтиши муфассал нишон дод, характери бардурӯғ ва иғвогарона дошт» [70, с.159-160].

Ғолибшо Ғоибов, бо такя ба маълумоти прокурори кулл, гурӯҳҳои иртиҷоии рӯҳониёни мусулмон, ки дар ноҳияи Ленин ва Ҳисор фаъолият мекарданд, инчунин созмони «Растохез» ва унсурҳои ҷинояткорро ҳамчун ташкилкунандагони аслии воқеаҳои хунини феврали соли 1990 баён  мекунад. Ӯ ба мураккабии саҳнаи сиёсӣ ва мунокишаҳои дохилӣ, ки ба талоши гурӯҳҳои манфиатдор барои идоракунии қудрат оварда расонид, ишора мекунад.

Дар ин замина, таҳқиқоти рисолаҳои номзадӣ дар бораи таърихи сиёсӣ ва таъсиси ҳизбу созмонҳои ҷамъиятии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ арзиши калидӣ доранд, зеро онҳо ҷабҳаҳои мухталифи бунёди давлати соҳибистиқлолро таҳқиқ карда, маърифати амиқтаре дар бораи заминаҳои мунокишаҳои фоҷеавӣ фароҳам меоранд. Ин таҳқиқотҳо барои дарки равандҳои мураккаби таърихӣ ва сиёсӣ заминаи илмӣ ва таҳлилии боэътимод пешниҳод мекунанд.

Рисолаи номзадии С. Қобилова бо унвони «Обострение общественно-политической ситуации в Таджикистане в период перестройки: 1985-1991 гг.» [314, с.187] таҳлили муфассали вазъи ҷамъиятӣ-сиёсиро дар Тоҷикистон дар давраи бозсозӣ фарогир

мебошад.

Боби дуюми рисола аз се зербоб иборат аст, ки дар он шароит ва омилҳои таҳрикдиҳандаи ин фоҷиа ба таври равшан баррасӣ гардидаанд. Муаллифа раванди равандҳои шиддатёбӣ ва табиати фаъолони маънавии бетартибиҳои оммаро таҳлил мекунад, ки дар ин тартиботи ноороми иҷтимоӣ нақши муассир доштаанд. Ин таҳқиқот барои фаҳмиши амиқтар ва пурраи сабабҳо ва натиҷаҳои воқеаҳои февралии соли 1990 заминаи илмӣ фароҳам меорад ва аҳаммияти калон дар омӯзиши таърихи муосири Тоҷикистон дорад.

Ҳамин тариқ, рӯйдодҳои соли 1990 дар таърихи миллати тоҷик ҳамчун ҳодисаи нангин сабт хоҳад шуд, ки боиси бадбахтии садҳо ҳазор ҳамватанони мо гардид. Ҷонибҳои ба ном “демократ” ба мақсад намоиш додани нерӯю тавоноии худ ин воқеаҳоро ба сари мардум матраҳ карда, ба сари мардум тарсу ҳаросро ба вуҷуд оварданд ва ҷонибдорони худро ба мақсади муборизаҳои шадиди оянда бо ин васила ба майдони мубориза кашиданд. Ҳадафи онҳо тадриҷан  дар ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъол гардида, дар интихоботи навбатӣ  мавқеи муҳимми сиёсиро ишғол намудан мебошад.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-ум дар натиҷаи гуногунандешиву ошкорбаёнӣ рӯҳия ва фазои мухолифати ошкоро ба ҲК густариш ёфт. Роҳбари нави ҳизб ва давлат Қаҳҳор Маҳкамов бар он назар буд, ки набояд ба нирӯҳои тозапайдои ҷамъият ва озодии баён дар матбуот мусоидат сурат бигирад [54, с.344]. Роҳбарияти ҲК чӣ дар Душанбе ва чӣ дар Маскав аз зуҳури ҷавонони исломӣ, ки онҳоро ваҳобиҳо мегуфтанд, дар ҳарос буданд [51 с.344]. Ин ваҳобиҳо Ҳизби наҳзати исломро ташкил доданд, ки минбаъд сабаби асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардид.

Дар оғози солҳои навадум Ҳизби наҳзати исломӣ фаъолияти худро аз ҳолати махфӣ ба амалиёти ошкоро табдил дод. Гарчанде ин ҳизб

баъдтар расман ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, муассисони он таъкид доштанд, ки аз соли 1987 он ҳамчун шуъбаи тоҷикистонии Ҳизби наҳзати умумиттифоқӣ амал мекард. Аз ибтидои ҳамин давра исломи сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҳти таъсири густардаи худ қарор гирифта, нақши калидӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идеологӣ пайдо намуд. Маблағҳои бо роҳҳои гуногун бадастомада барои сохтмони масҷидҳо ва мадрасаҳо сарф гардиданд, ки ин раванд нишондиҳандаи таъсири амиқи исломи сиёсӣ ва ҷараёнҳои динӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон дар он солҳо буд.

Баррасии далелҳои таърихӣ собит месозад, ки ин омилҳо якҷоя бо дигар равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ заминаҳои мураккаби тағйироти кишварро ташкил доданд [100, с. 11].

Қайд кардан мумкин аст, ки ҳарчанд аксари муаррихони таърихи сиёсати Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ ҷараёни таъсис, нуфуз ва ҳадафҳои Ҳизби наҳзати исломро ба таври муфассал таҳлил кардаанд, моҳияти амиқи сиёсии он ҳанӯз пурра ва равшан муайян нашудааст. Назар ба гуфтаи Ҷумъабой Ниёзов – собиқ раиси ин ҳизб 6-уми октябри соли 1990 дар деҳаи Чаҳортути ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рудакӣ) ҳамоиши муассисони ҳизб баргузор гардид. Раисии шуъба Муҳаммадшариф Ҳимматзода ба уҳда гирифта, оиннома ва барномаи ҳизб барои омӯзиш ба иштирокчиён пешниҳод гардид. Ҳизби наҳзати ислом дар Тоҷикистон ҳамчун шуъбаи минтақавӣ танҳо як сол фаъолият намуд, пас аз он мустақилона ба сӯи ҳадафҳои ғаразноки худ қадам ниҳод. Дар Анҷумани якуми ҳизб, 26-уми октябри соли 1991, ин ҳаракат расман ҳамчун ҳизби сиёсии мустақил эълон гардид ва 4-уми декабри ҳамон сол Вазорати адлияи Тоҷикистон онро ҳамчун ҳизби ҷумҳуриявӣ ба қайд гирифт. Бо вуҷуди ин, дар дохили ҳизб ҳаракатҳои ҷудоандозӣ ва норозигии аъзоён зиёд гашта, пешрафти фаъолиятро мураккаб сохт.

Масалан, ташкил ёфтани ҳизб боиси ҷудоӣ дар байни диндорон ва пешвоёни онҳо гардид. Ба ақидаи А.Холиқзода «худи қозии мусулмонони Тоҷикистон Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ташкил ёфтани ҳизби наҳзати исломро тарафдорӣ накард» [279, с.193].

Аксари муҳаққиқон Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар бархӯрди сиёсии солҳои 90-ум гунаҳкор дониста, кӯшиши пешвоёни он барои гузаштан аз низоми давлатдории дунявӣ ба диниро яке аз сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) мешуморанд.

Дар асоси таҳқиқоти Ҷ. Мирзоев метавон хулоса кард, ки ҷараёни ташкили ҳизбу созмонҳои сиёсӣ, муайян намудани мақом ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, афзоиши раванди бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон, ҳамчунин рақобати носолими байни ҳизбҳо ва умуман талоши ғасби ҳокимият аз ҷониби неруҳои ба ном "демократ" аз мақсадҳои аслии онҳо буданд. Муаррихон ва таҳлилгарони сиёсӣ ин равандро бо назари воқеӣ ва бо дарназардошти вазъияти замон ба таври дақиқ инъикос намудаанд.

Масоили дар боло зикршуда дар мақолаю асарҳои муҳаққиқони зиёде, аз ҷумла Ҳ.Пирумшоев [155, с. 112], Д.Назриев ва И. Сатторов [138, с. 737], И. Усмонов [237, с.178], А. Холиқзода [246, с.193], Ғ. Ғоибов [63, с. 906], Ҷ. Ниёзов [293], Н.Б.Ҳотамов [251, с.582], Р.Набиева [128, с. 328], Н.Ҳакимов [249, с.492], Н.Давлатбеков [66, с.367], Б. Шокиров [262, с. 50], А. Достиев [73, с.294], Г.Х. Ҳайдаров [242, с.508], Ш.М.Султонов [222, с.505; 223, с.639], И. Каландаров [47, с.344], инчунин асарҳои бунёдии «История таджикского народа» [83, с.438-488], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [150, с.463] ва «Бунёди давлатдории навин» [56, с.416] хеле амиқ инъикос гардидааст.

Ҳизби демократии Тоҷикистон аввалин ҳизби сиёсие мебошад, ки санаи таъсисёбии он 10 августи соли 1990 арзёбӣ мешавад ва Шодмон Юсуф, ходими илмии шуъбаи фалсафаи Академияи Илмҳои ҶТ, аввалин

раиси он буд. Ҳизб расман 21 июни соли 1991 аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон сабт гардид. Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки Ҳизби демократии Тоҷикистон ба ҷои хизмат ба манфиатҳои мардум, дар воқеа бо талоши ғасби ҳокимият ба барқарорсозии бесуботӣ ва номуътадилии вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат кардааст. Дар натиҷа, фаъолияти ҳизб бо қарори Суди Олии ҶТ аз 21 июни соли 1993 бо сабаби номувофиқ будан ба талаботи қонунгузории кишвар қатъ карда шуд ва ҳизб аз фазои сиёсӣ хориҷ гардид. Ин рӯйдод нишон медиҳад, ки ҷараёни бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90 бо мушкилот ва рақобати манфиатҳо ҳамроҳ буд, ки ба суботи сиёсӣ таъсири манфӣ гузошт.

Зикр кардан ба мврид аст, ки ағлаб муҳаққиқон дар дохил ва хориҷи кишвар аз фаъолияти ҳизби демократии Тоҷикистон ҷонибдорӣ накарда, дар майдони сиёсии кишвар мондани онро барои мардуми тоҷик хатарнок ва манфӣ арзёбӣ намуда, дар носолим гардонидани вазъи сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX саҳм доштани ин ҳизбро собит намудаанд.

Муаррихи тоҷик Ҳ. Пирумшоев ба арзишҳои демократӣ мутобиқ набудаи ҳизби демократии Тоҷикистонро собт намуда, зикр мекунад, ки демократҳои ҷадиди Тоҷикистон, ки «оддитарин принсипи демократия – итоати аққалият ба аксариятро тамоман ба инобат гирифтанӣ нестанд» [177, с.112] ҳақ надоранд худро демократ номанд.

Пас аз омӯзиши фаъолияти зиддиқонунии Ҳизби демократии Тоҷикистон метавон хулоса намуд, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ин ҳизби фаъоли сиёсӣ ягон принсипи демократияро боре ҳам риоя накарда, арзишҳои ҷомеаи демократиро танҳо дар ғасби ҳокимият медид ва гузашта аз ин, аз пайи ниятҳои носолими худ гардида, пайваста дар муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии ҷомеа ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) тамоми имконоти худро истифода менамуд.

Фароҳам омадани фазои озоди сухан ва матбуот, инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъсиси ҳизбҳо ва созмонҳо ба вазъи сиёсии Тоҷикистон таъсири назаррас расонд. Муҳим аст, ки дар таҳлили вазъияти сиёсӣ ва фаъолияти ҳизбу созмонҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар давраи буҳронӣ, ба инобате диққат диҳем, ки ин ҳизбу созмонҳо на танҳо ноуҳдабароии Ҳизби Коммунистӣ ва роҳбарони Ҳукуматро ҳамчун асли проблема мешинохтанд, балки бо истифода аз ҳар як баҳона талош мекарданд ҳокимиятро ба даст гиранд. Ин омил на танҳо таъсири манфӣ ба устувории сохторҳои давлатдорӣ дошт, балки ҳамчун заминаи муҳимми ба вуҷуд омадани қувваҳои мухолиф ва ихтилофҳои сиёсӣ дар оянда заминагузорӣ гардид. Аз ин рӯ, ҳаракатҳои ин ҳизбу созмонҳо бояд ҳамчун қадами калидӣ дар раванди пешрафти буҳронҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон арзёбӣ карда шаванд, ки ба таҳкими ихтилофот ва номуътадилияти вазъият мусоидат карданд.

# БОБИ II. ИНЪИКОСИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

## 2.1.Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992 - 1997) дар таърихнигории ватанӣ

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ марҳалаи нави таърихии рушд оғоз мегардад. Бо соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон равандҳои демократикунонӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ оғоз ёфтанд, вале муқовиматҳои сиёсӣ ва манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳида ба ҷанги шаҳрвандӣ ва вазъи бесарусомонӣ дар кишвар оварда расонид. Вақте ки қувваҳои сиёсӣ бо шиори демократия ва озодӣ баромад мекарданд, амалҳои онҳо дар асл хусусияти сулҳҷӯёна надошт.

Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бо иштироки нерӯҳои демократӣ ва гурӯҳҳои "исломӣ" ба сабабҳои сиёсӣ, иҷтимоии, иқтисодӣ ва зиддиятҳои этникӣ ва мазҳабӣ вобаста буд, ки ба манфиатҳои шахсӣ ва сиёсӣ бо истифода аз зӯроварӣ анҷом ёфт. Таҳқиқоти таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, бо гузашти зиёда аз дуюним даҳсола пас аз анҷоми он, ҳанӯз ба таври ҷиддӣ таҳқия нашудааст, зеро на ҳама ҳуҷҷатҳо ва шоҳидони воқеаҳо дастрас шудаанд. Омӯзиш ва таҳқиқоти ин ҳодисаҳо бо истифода аз сарчашмаҳои мавҷуда, ба фаҳмидани муаммоҳои воқеии ин давра кумак хоҳад кард. Ин мавод бо таҳлили амиқи нуқсонҳо ва мушкилоти ҷомеа, ки дар он солҳо доман густурда буд, масъалаҳои муҳимми рушди давлатдории навини Тоҷикистонро фаро мегиранд.

Як қисми муҳимми ин осори илмӣ ба таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ дар аввали солҳои 90 дахл дорад, ки шароити ба амал омадани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 ва паёмадҳои сахти онро муайян мекунад. Зиёда аз ин, инъикоси ҷанбаҳои фоҷиавии ин давра дар таҳлилҳои муаррихон ва донишмандони соҳавӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунад.

Паёму омӯзаҳои ин осор барои фаҳми беҳтари таҷрибаи таърихии кишвари соҳибистиқлол ва таҳкими суботу ваҳдати миллӣ аҳаммияти назаррас доранд.

Ба хулосаи муҳаққиқ Ҷ. Мирзоев, оид ба он ки "...солҳои аввали даврони истиқлол, ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), сабабҳо, рафт ва оқибатҳои он, пеш аз ҳама, дар гузоришу баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [191, с.512; 199, с.511; 215, с.374] амиқу возеҳ инъикос гардидаанд" [333], метавон такя намуд.

Сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 31-уми декабри соли 1992 вазъи вазнини сиёсӣ, иктисодӣ-иҷтимоии дар Тоҷикистон мавҷудбударо воқеъбинона ва возеҳ иброз дошта буданд: «Нерӯҳои иғвогар зери шиорҳои зоҳиран демократӣ, вале амалан моҷароҷӯёна коре карданд, ки Ватани хурдакаки моро ба вартаи нобудӣ расонданд. Хавфи пора-пора шудан, решакан гардондани халқи мо аз имкон берун набуд. На танҳо вилоятҳои том, балки ноҳияҳову қишлоқҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайра арзи вуҷуд карданд, ки сарфи назар аз ниятҳои неки худ ба якпорчагии Ватани азизамон мусоидат намекарданд» [191, с.18-19].

Ҳанӯз дар солҳои 90-уми асри XX як зумра муҳаққиқон, аз ҷумла В.П. Бушков ва Д.В. Микулский [64, с.160], Н.К. Қаюмов [101, с.55-63], А. Мамадазимов [120, с.180], Р.М. Масов [125, с.156] вазъияти сиёсии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, бархӯрди сиёсии солҳои 1991-1997-ро дар таҳқиқоти хеш возеҳу равшан инъикос намудаанд. Дар таҳқиқоти донишмандон ва мутахассисони соҳа, масъалаҳои калидии марбут ба рӯйдодҳои сиёсӣ ва иҷтимоии солҳои 90-уми асри гузашта мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Таҳқиқу таҳлили равандҳои муҳиме чун зуҳур ва ташаккули ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, таъсиси

нахустин созмонҳои сиёсӣ, омилҳо ва шароити ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, сабабу раванди ҷанги шаҳрвандӣ, марҳалаҳои муҳимми ба даст омадани сулҳ миёни тоҷикон, нақши давлатҳои минтақа ба монанди Росссия ва ҳамсоякишварҳо дар ин ҷараён, инчунин саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини сулҳу субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ мавқеи марказӣ доранд.

Мавзуъҳои мазкур дар пажӯҳишҳо бо диди танқидӣ ва асосҳои илмӣ баррасӣ гардида, ҳар як ҷузъи он дар контексти равандҳои геосиёсӣ ва дохилии он замон арзёбӣ шудааст. Маҳз тавассути чунин таҳлилҳо, фаҳми равшантаре аз шинохти сабабҳои аслии муноқишаҳо ва роҳҳои баромад аз буҳрон ба миён омадааст.

Тибқи маълумоти муаллифони мазкур баҳори соли 1992 нерӯҳои мухолифини дохилӣ ба муқобили ҳокимияти конститутсионӣ намоишҳои эътирозии дарозмуддат ташкил намуданд. Роҳбарияти ҳукумати Тоҷикистон бошад дар посух ягон чораи қатъӣ наандешид. Гузашта аз ин, роҳбарияти сиёсии мамлакат ба вазъияти баамаломада баҳои объективӣ дода натавониста, ба хулосаи ботил, ки гӯё мавҷи ҳаракатҳои эътирозӣ дар оғози кишту кори баҳорӣ қатъ мегарданд, расида буданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ танҳо баъд аз шиддат гирифтани норозигии ҷонибҳо ба натиҷа расид, ки ин равандро дар зери назорат гирифтан натавонад ҳам, ба танзими вазъ ва назорати ҷомеа дар канор набошад. Бо ҳадафи муқобила бо мухолифин, санаи 1-уми апрели соли 1992 дар майдони Озодӣ гирдиҳамоии ҷавобие аз ҷониби Кумитаи ҷамъиятии ҳифзи сохти конститутсионӣ баргузор гардид. Ҳарчи бештар афзоиш ёфтани шиддати муноқиша ва пайвастани теъдоди рӯзафзуни мардум ба сафи эътирозгарон, вазъиятро мураккабтар месохт. Бо густариши доираи норозиён, ҳам талошҳои ҷонибҳо низ ҷиддитар гардида буданд. Дар чунин ҳолати ҳассос ҳукумати вақти кишвар на тавони идораи

вазъро ба даст гирифт ва на дастгирии заруриро ба ҷонибдорони худ таъмин намуд. Мухолифон аз чунин вазъи ногувори Ҳукумат воқиф шуда, фишорро ба сари мардум ва масъулини ҳукумат зиёд менамуданд. Шаби 21 апрели соли 1992 мухолифин ба сифати кафили иҷроиши талаботи худ 17 нафар вакили Шурои Олӣ ва муовинони раиси ҳукумат – Ҳ. Саидмуродов ва С. Хайруллоевро ба гаравгон гирифтанд [149, с.250]. Бо миёнаравии муовини раиси ҳукумат - Ҳ. Саидмуродов роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳои мухолифин бо Р. Набиев, С. Кенҷаев ва Н. Дӯстов дар хусуси ба истеъфо рафтани С. Кенҷаев гуфтушунид гузарониданд. Дар натиҷа «Раиси Шурои Олии ҷумҳурӣ С. Кенҷаев ба истеъфо рафт. Ҷонишини ӯ А. Искандаров иҷрокунандаи муваққатии вазифа таъин гардид» [171, с.14].

Баъд аз истеъфои С. Кенҷаев, бо нишони эътироз ба қарорҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалҳои ғайриқонунии мухолифин, аз ҷумла гаравгон гирифтани намояндагони халқ, баромади нописандонаи қозии мусулмонони ҷумҳурӣ Х.А. Тураҷонзода дар иҷлосия ва ғ. шоми 24 апрел тақрибан 2 ҳазор нафар тазоҳуротчиён аз вилояти Кӯлоб ба назди бинои Шурои Олӣ омаданд. Ҳамин тавр, гирдиҳамоии тарафдорони ҳукумати конститутсионӣ дар майдони «Озодӣ»-и пойтахт оғоз гардид [171, с.14].

Аз вазъияти ногувор ва идоранашаванда истифода намуда, нерӯҳои қувваи сеюм пайдо шуданд, ки онҳо низ ба раванди шиддатноки ҷомеа ҳамовозӣ намуданд. Дар таърихи 29-уми апрели соли 1992, гурӯҳи ҷавонони шаҳри Душанбе дар майдони 800-солагии Москва, назди театри опера ва балет, гирдиҳамоии наверо баргузор намуданд, ки ба вазъи ноустувори ҷомеа таъсири номусоид расонд. Аз ин ҳолат истифода бурда, роҳзанон ва ғоратгарон бо ҳар васила худро ба миёни ҷамъомад ворид намуда, барои анҷоми кирдорҳои ҷиноятии худ шароити мусоид пайдо карданд. Бо ин роҳ, унсурҳои ҷиноятӣ низ ба масоили сиёсӣ дахолат намуда, ноамнии кишварро афзоиш медоданд.

1 майи соли 1992 Шурои Олии Тоҷикистон ба мақсади вазъияти ба амаломадаро ба танзим даровардан оид ба ташкили Комиссияи якҷоя, ки ба ҳайати он намояндагони ҳукумат ва мухолифин бояд шомил мегардиданд, қарор қабул намуд. Аммо чунин тадбирҷӯиҳои ҳукумат ба ҳолати идоранашавандаи ҷомеа мусоидат карда натавонист. Дар шароите ки ҳар рӯз ҳукумати вақти кишвар заъфи пояҳои сиёсии худро бештар эҳсос мекард, президенти ондавраи Тоҷикистон Р. Набиев, ки дар гирдоби буҳронҳои сиёсӣ саргардон монда буд, фармоне содир кард оид ба ташкили баталёни махсус аз ҳисоби нерӯҳои таъиноти махсус барои ду ҳафта. Илова бар ин, ба ҷонибдорони худ зиёда аз ду ҳазор силоҳи оташфишони автомат тақсим кардани дастур дод. Ҳамзамон, барои нигоҳ доштани назорат, тасмим гирифта шуд, ки аз 5-уми майи соли 1992 вазъияти фавқулода ҷорӣ гардад. Бар асоси он фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва баргузории гирдиҳамоиҳо қатъиян манъ шуда, дар шаҳри Душанбе соати комендантӣ амалӣ мегардад.

Ба амалҳои ҳукумат ҷавобан дастаҳои ҷиноии мухолифин як қатор объектҳои давлатӣ, аз ҷумла бинои телевизиони давлатӣ, фурудгоҳ ва роҳҳои воридшавӣ ба Душанберо таҳти назорат гирифтанд, инчунин намояндагони милитсия ва дигар мақомот ба онҳо мепайванданд.

Мо хулосаи муаллифони "Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол" [171, с.463] ҷонибдор ҳастем, ки оғози ҷанги шаҳрвандиро ба рӯйдодҳои зерин вобаста медонанд:

- 5 майи соли 1992 дар қаламрави Оли Совети ноҳияи Ленин (Рӯдакӣ) ҳодисаҳое ба амал омад, ки дар натиҷаи он 3 кас кушта ва якчанд каси дигар ярадор гардиданд;

- кушта шудани Муродулло Шералиев намояндаи халқии Тоҷикистон, сардабири рӯзномаи "Садои мардум" - дар бинои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони номаълум;

- кушта шудани иштирокчии гирдиҳамоӣ дар майдони «Озодӣ»

Холиқ Ҷурабоев [171, с.16].

Ҳаводиси сиёсии зикргардида, ки барои оғози ҷанги шаҳрвандӣ боис гардиданд ва умуман масъалаҳое, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ рабт доранд, дар ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа» [94, с.438-488]. ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» инъикос гардидаанд. Бо вуҷуди ин, баъзе паҳлуҳои ин ҳаводиси тақдирсоз ба таҳлили амиқ ниёз дорад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ин раванд аҳаммияти хос доранд. Ин манбаъҳо на танҳо рӯйдодҳоро ҳуҷҷатсозӣ мекунанд, балки ба таҳлили омилҳои аслии сар задани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 низ мепардозанд. Дар онҳо андешаҳои муҳаққиқони маҳалливу хориҷӣ гирдоварӣ гардида, назари гуногун дар бораи сабабҳои ин муноқишаи фоҷиабор мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Хулосаҳои муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки ҳодисаҳои санаи 5-уми майи соли 1992, яъне рӯйдодҳое, ки дар қаламрави Олии Совети ноҳияи Ленин ва назди бинои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омаданд – ҳамчун нуқтаи ибтидоии ҷанги шаҳрвандӣ арзёбӣ мешаванд. Муаллифони ин таҳқиқот бо такя ба далелҳои воқеӣ, чунин рӯйдодҳоро на фақат ҳамчун гардиши сиёсии кишвар, балки ҳамчун оғози марҳалаи хунини даргириҳои дохилӣ тасвир мекунанд, ки дар он омезиши омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ нақши муҳим бозидааст.

Ҳамин тариқ, осори таҳлилгарон на танҳо рӯшанӣ ба воқеаҳои таърихӣ меандозанд, балки заминаи муҳим барои фаҳми амиқи буҳрони сиёсии он давра фароҳам месозанд [94, с. 438-488].

Яке аз таҳқиқоти муҳиме, ки барои дарки амиқи рӯйдодҳои сиёсӣ дар солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон дорои аҳаммияти хос мебошад, китоби Давлат Назриев ва Игор Саттаров бо номи «Республика Таджикистан: история независимости» («Ҷумҳурии

Тоҷикистон: таърихи истиқлолият») ба шумор меравад. Ин асар бахше аз як лоиҳаи ҳафтҷилдаи солномаест, ки ба ҳодисаҳои ҳафт соли нахустини истиқлол бахшида шудааст ва то имрӯз се ҷилди он ба табъ расидааст.

Дар ин лоиҳа, ҷараёни воқеаҳо аз августи соли 1991 то имзои Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ дар 27 июни 1997 бо таърифи амиқи таҳаввулоти сиёсӣ, сабабҳои буҳрон ва низоъ, ҳамчунин марҳалаҳои ибтидоии ҷанги шаҳрвандӣ дар се ҷилд таҳқиқ ва инъикос ёфтаанд.

Ин китобҳо барои муҳаққиқон ва хонандагони манфиатдор дар шинохти равандҳои мураккаби сиёсии даҳаи аввали истиқлолият на танҳо манбаи боэътимод, балки асбоби муҳимми таҳлилӣ ба ҳисоб мераванд.

Таҳлили рӯйдодҳои сиёсии солҳои аввали истиқлолияти Тоҷикистон нишон медиҳад, ки на танҳо муҳаққиқони касбӣ, балки худи шоҳидони бевоситаи воқеаҳо низ дар ин раванд саҳмгузор будаанд. Дар асарҳои ин гурӯҳи нависандагон, ки бисёри онҳо иштирокчиён ё нозирони рӯйдодҳои он давраанд, ҷанбаҳои муҳимми таъсиси ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои эътирозӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 ба таври возеҳ баён ёфтааст.

Ин навъи таҳқиқот, ки бештар хусусияти ҳуҷҷатӣ ва ёддоштӣ дорад, бо мақсади баёни воқеият ва фош сохтани ҳақиқатҳои пинҳоншуда анҷом дода шудааст. Муаллифон кӯшидаанд рӯйдодҳоро аз таъсири овозаҳо ва тахминҳои ғайрирасмӣ пок намуда, онҳоро бо далелҳои мушаххас ва аз дидгоҳи воқеии таърихӣ инъикос намоянд. Бо вуҷуди ин, дар аксари ин навиштаҳо баррасии амиқи илмӣ ва таҳлили мантиқии низоъҳо камтар ба назар мерасад, зеро диққати асосӣ ба баёни таҷрибаҳои шахсӣ ва ё тасвири рӯйдодҳои воқеӣ равона шудааст.

Ин асарҳо на танҳо фазои онсолаҳоро бозсозӣ мекунанд, балки

дарки равшантаре аз ангезаҳо ва хислати бухронҳои сиёсии кишвар пешниҳод менамоянд. Бо вуҷуди баъзе камбудиву нуқсонҳо асарҳои дар ин самт таълифшуда аз аҳамияти илмӣ бархӯрдор буда, дар инъикоси таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол сарчашмаи муҳимми илмӣ маҳсуб меёбанд. Ба ин гуруҳ мавод ёддоштҳои А. Соҳибназаров [248, с.330; 249, с.310], С. Кенҷаев [103, с.496; 204, с. 496; 105, с. 512], Н. Дӯстов [87, с.336], С.А. Нурӣ [164, с.360], О. Панфилов [175, с.564], Х. Тураҷонзода [263, с.65] ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Илова бар осори ёддоштие, ки бештар рӯйдодҳоро аз дидгоҳи шахсӣ ба тасвир мекашанд, як қатор китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии дорои таҳлили амиқ низ ба нашр расидаанд. Дар ин таҳқиқотҳо, ки бо истифода аз усулҳои илмии таҳлилӣ анҷом ёфтаанд, заминаҳои сиёсиву иҷтимоии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, омилҳои мураккаби дохиливу хориҷии бухрон, инчунин ҷараёни расидан ба сулҳи байни тоҷикон бо диди васеъ ва воқеъбинона баррасӣ шудаанд. Муаллифони ин асарҳо талош кардаанд, ки на танҳо воқеаҳои таърихиро ҳуҷҷатгузорӣ кунанд, балки бо такя ба далелҳои муътамад сабабу пайомадҳои ҷанги дохилиро таҳлил намоянд. Дар натиҷа, ин гуна навиштаҳо имкони дарки амиқтари моҳияти муноқишаи солҳои 1992–1997 ва раванди барқарории сулҳро фароҳам оварда, барои муҳаққиқон, сиёсатшиносон ва таърихнигорон як манбаи боэътимоди омӯзишӣ гардидаанд.

Дар асари Г. Ҳайдаров ва М. Иномов таҳти унвони “Таджикистан: трагедия и боль народа” [276, с.122] вазъи сиёсии Тоҷикистон хуб инъикос шудааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки ҳодисаҳоро сари вақт таҳлил карда, ҳақиқати ин фоҷиа, заминаҳои он, нерӯҳои ҳаракатдиҳанда ва саркардаҳои сияҳкорро нишон диҳанд. Таҳқиқоти мазкур бо далелу санадҳои муътамад муҷрими асосии ҷанги таҳмилии тоҷиконро ошкор намуда, бо далелҳои амиқ омӯхташуда чеҳраҳои аслии

онҳоро нишон додааст.

Мақолаҳои Р. Абулҳаев низ дар радифи таҳқиқоти дорои арзиши илмӣ қарор доранд, ки дар асоси методологияи муосири таҳлилӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф дар навиштаҳои худ ба таҳлили амиқи сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ пардохта, раванду марҳалаҳои гуфтушуниди байни тоҷиконро низ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ба андешаи мавсуф, яке аз омилҳои асосии дохилии ба вуқуъ омадани низоъ дар кишвар талош барои соҳиб шудани мансаб ва кӯшиши иваз кардани сохтори давлатдории дунявӣ бо низоми динӣ мебошад [37, с.38-46].

Бояд қайд кард, ки аксари кули муҳаққиқони таърихи навини тоҷикон, аз ҷумла [244, с.122], И. Усмонов [237, с.178], Ғ. Ғоибов [63, с.906], А Ғафуров [290] ва дигарон дар мавриди муайян намудани сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар Тоҷикистон ду омилро ҷудо кардаанд: омили берунӣ ва дохилӣ.

Аз нуқтаи назари онҳо, решаи аслии дохилии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 дар Тоҷикистон ба маҷмуи мураккаби мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ бармегардад. Ба андешаи онҳо, афзоиши босуръати аҳолӣ дар шароити камзаминӣ, авлавият додан ба кишти пахта бар ниёзҳои маҳаллии аҳолӣ, рушди нобаробари минтақаҳо ва сиёсати кадрие, ки манфиатҳои гурӯҳҳои ҷуғрофиёии муайянро сарфи назар мекард, заминаҳои низоъро фароҳам оварданд.

Иттифоқан, ин омилҳо сабабгори ташдиди ҳисси нобаробарӣ ва таҳкими мафкураи маҳалгароӣ гардиданд, ки дар ниҳоят ба ноороміи сиёсӣ ва сар задани ҷанги дохилӣ мусоидат карданд. Ба ин тартиб, муаллифон ҷанги шаҳрвандиро на танҳо ҳамчун низои сиёсӣ, балки ҳамчун натиҷаи мустақими таназзули сохторҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар дар ибтидои истиқлолият арзёбӣ менамоянд.

Муҳаққиқони мазкур қазияи Афғонистонро яке аз омилҳои асосии берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ медонанд Ғ. Ғоибов [70, с.906].

Омилҳои муҳимтарини оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) дар китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик» Н. Ҳотамов [284, с.582], ки барои донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳурӣ таҳия гардидааст, муфассал таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар китоби мавриди назар муаллифон бо такя ба таҳлили омилҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, панҷ сабаби калидии сар задани ҷанги дохилиро дар Тоҷикистон муайян менамоянд. Ин сабабҳо дар маҷмуъ ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, равандҳои мансабталошӣ ва маҳалгароиро дар бар гирифта, дар баробари онҳо муносибати номатлуб ва саркӯбгаронаи ҳукумати Шуравӣ нисбат ба дин низ ҳамчун омили муҳимми ташаннуҷи вазъ зикр шудааст. Аз нигоҳи таҳлилӣ, ҳар як аз ин омилҳо на дар алоҳидагӣ, балки дар ҳамбастагӣ ва ҳамтаъсирӣ ба вуҷуд омада, шароити мураккабу ҳассоси даврони пасошуравиро бозтоб медиҳанд. Масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ: аз ҷумла бекорӣ, камбизоатӣ ва нобаробарии минтақавӣ, заминаи нооромиро фароҳам оварда, бо амалиётҳои сиёсие, ки гурӯҳҳои алоҳида баҳри ба даст овардани қудрат анҷом медоданд, шиддати бештар гирифт. Ин таҳқиқот бо рӯшан кардани иртиботи байни муҳити таърихии буҳронӣ ва хислати сохтории муноқиша, имкон медиҳад, ки ҷанги дохилии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун як рӯйдоди сиёсӣ, балки ҳамчун натиҷаи мураккаби омилҳои ҷамъшуда ва ҳалнашудаи системавӣ арзёбӣ гардад.

Муҳаққиқон Д. Назриев ва И. Сатторов дар таҳқиқ ва тавзеҳи ҷанбаҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштаанд. Бо истифода аз усулҳои таҳлили илмӣ ва таърихнигорӣ, онҳо тавонистаанд на танҳо воқеаҳои муҳимми он давраро ҳуҷҷатгузорӣ кунанд, балки раванду заминаҳои мураккаби сар задани низоъро низ баррасӣ намоянд. Таҳқиқоти ин ду муаллиф бо фарогирии маълумоти

муътамад ва таҳлили равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ, заминаи зарурӣ барои дарки амиқи ҷанги шаҳрвандӣ ва пайомадҳои он фароҳам овардаанд. Онҳо бо такя ба ҳуҷҷатҳо, шоҳидии воқеӣ ва таҳлили сабабҳои амиқ, ба хонанда имкон медиҳанд, ки ин фоҷиаи миллиро аз дидгоҳи мутавозин ва воқеъбинона дарк намояд.

Пажуҳиши онҳо, ки аз се ҷилд иборат аст, «Республика Таджикистан: история независимости» [157, с.337; 158, с.737; 159, с.903] («Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърихи истиқлолият») ном дошта, сарчашмаи муҳим дар омӯзиши солҳои аввали даврони истиқлол маҳсуб меёбад.

Ин муҳаққиқон таҳаввулоти сиёсии солҳои 1991, 1992 ва 1993-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи дақиқи ҷузъиёти воқеаҳо ва бо пайдарпайии хронологӣ ба таври муфассал бозтоб додаанд. Онҳо кӯшидаанд, ки ҳар як рӯйдоди муҳимро дар заминаи воқеияти замон ва дар иртибот бо дигар ҳодисаҳо таҳлил кунанд, то тасвири мукаммал ва пайвастаи он давраи буҳронӣ ба хонанда пешниҳод гардад.

Яке аз нуқтаҳои гардишии калидӣ дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, ки таъсири амиқ ба муҳтавои сиёсӣ ва институти давлатдорӣ гузошт, Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин рӯйдоди сарнавиштсоз, ки аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, дар фазои пурташаннуҷи сиёсиву иҷтимоии кишвар сурат гирифта, ҳамчун марҳалаи муайянкунанда дар шаклгирии давлатдории навини тоҷикон шинохта мешавад.

Иҷлосия бо қабули қарорҳое, ки ба таҳкими сохторҳои давлатдорӣ, барқарории ҳокимияти марказӣ ва муайян сохтани самтҳои асосии рушди ояндаи ҷомеа нигаронида шуда буданд, заминаи устувори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои идомаи фаъолияти давлатро ба вуҷуд овард. Дар шароите ки ҷанги шаҳрвандӣ кишварро ба гирдоби буҳрони амиқ кашида буд, баргузории ин анҷуман ҳамчун иқдоми ҳалкунанда дар

ҷиҳати таъмини суботи сиёсӣ ва шиносоии ҳокимияти қонунӣ пазируфта мешавад.

Аз ин рӯ, Иҷлосияи XVI на танҳо як руйдоди муҳим дар марҳалаи буҳронӣ, балки нуқтаи ибтидоии таҳаввулоти устувори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол арзёбӣ мегардад.

Зикри он муҳим аст, ки дар равандҳои таҳқиқ арзёбии нақши созандаи Иҷлосияи XVI асару мақола, гузориш ва баромадҳо, бахусус паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Маҳз тавассути ин суханрониҳо ва навиштаҳо, моҳияти воқеии Иҷлосия, рисолати таърихии он дар барқарорсозии сохтори давлатӣ ва оғози марҳалаи сулҳофаринӣ ба таври пайдарпай инъикос меёбад.

Ин паёмҳо на танҳо дар таҳкими нигоҳи миллию сиёсӣ нисбат ба Иҷлосия саҳм мегузоранд, балки ҳамчун манбаи муҳимми омӯзишӣ барои таҳқиқи ин марҳалаи сарнавиштсози таърихи кишвар хизмат мекунанд [190, с.94; 191, с.512; 192, с.512; 193, с.702] Сарвари давлат дар яке аз паёмҳояш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид кардаанд, ки ин иҷлосия дорои аҳаммияти таърихии бузург мебошад: «Роҳи мо ба сӯи чунин низом аз баргузории иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оғози наҷоти миллати мо аз вартаи парокандагӣ ва гузоштани аввалин хишти бинои сулҳ дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон буд, ибтидо мегирад» [338].

Бо дарназардошти аҳаммияти таърихӣ ва нақши сарнавиштсози Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, теъдоди зиёди муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таваҷҷуҳи хосса ба ин мавзуъ зоҳир кардаанд. Дар робита ба ин иҷлосия шумораи зиёд асарҳо ва рисолаҳои илмӣ ба табъ расидааст, ки муҳимтарини онҳо бо ширкати бевоситаи иштирокчиёни иҷлосия таҳия шудаанд. Хусусияти муҳимтарини ин

навиштаҳо дар он аст, ки онҳо муфассал танишҳо ва ҷанбаҳои мушаххаси воқеаҳои иҷлосияро таҳлил ва баррасӣ менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки барои инъикоси иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳаммияти таърихӣ ва рисолати тақдирсозу паёмадҳои он асарҳои И.Усмонов [269, с.178], Г.Ҳайдаров [274, с.508;275, с.348; 276, с.122], К.Абдулов [34, с.438], инчунин асарҳои бунёдии «Бунёди давлатдории навин» [62.416], «История таджикского народа» [83, с.438-488] ва "Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол" [171, с.463], Д. Назриев ва И.Сатторов [159, с.903], З.Акрамӣ [45, с.80] нақши бориз доранд. Воқеан, ин иҷлосия заминаи ҳуқуқиву сиёсиро барои таъмини суботи кишвар ва раванди сулҳсозӣ фароҳам овардааст, ки дар таърихи Тоҷикистон ба марҳалаи нави рушди давлатдорӣ ва муттаҳидсозӣ оварда расонд.

Муҳаққиқ О.Раҳмон аҳаммияти сиёсию таърихии ин иҷлосияро чунин арзёбӣ мекунад: "...Иҷлосияи XVI-ум нуқтаи сарҳисобест, ки дар худшиносии воқеии миллӣ таҳаввулоти куллӣ ба миён овард" [184.14-24]. Мавсуф андешарониҳои хешро перомуни иҷлосия идома дода, таъкид кардааст, ки "Муҳимтар аз ҳама дар иҷлосия шахсияти бузурги миллӣ рӯйи кор омад, ки бо ҷасорати инсонӣ ва хиради сиёсӣ миллату кишварро аз вартаи парокандагӣ ва нобудӣ берун кашид" [184, с.9-10] ва ҳақ ба ҷониби ӯст.

Ба назарии муҳаққиқи таърихи сиёсати даврони истиқлолият И. Усмонов, аҳаммияти таърихии ин иҷлосия асосан дар он аст, ки он "тавонист роҳбариятеро интихоб намояд, ки давлат ва сарзаминро аз парокандашавӣ ва миллатро аз худкушӣ наҷот диҳад" [269, с.178].

Муаррих З. Акрамӣ бо равиши нав ва таҳлилии муфассал заминаҳои ташаккули давлатдории муосири тоҷиконро омӯзиш намуда, паҳлӯҳои мухталифи Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил кардааст. Ин назария ва таҳқиқоти ӯ имкон медиҳанд, ки маърифати амиқтар ва дарки ҷанбаҳои мураккаби ин

марҳалаи таърихии Тоҷикистон ба даст оварда шавад, ки дар рушди сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар нақши таърихӣ доштааст.

Ба андешаи ӯ “Маҳз қарорҳои таърихии иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони нави мамлакатро имкон доданд, ки масоили муҳими ҳаётро ҷиҳати манъи ҷанги бародаркуш, бозгашти гурезагон ба ватан, дарёфти роҳҳои гуфтушунидҳо ба Иттиҳоди мухолифини тоҷик, бунёди давлатдории нав ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳал намоянд” [45, с.80].

Сарфи назар аз омилҳои мухталиф, Иҷлосияи XVI нақши ҳалкунанда дар танзими сиёсати муноқишаҳои солҳои 90-уми Тоҷикистон бозид. Муҳаққиқ Ф. Абдурашитов таъкид мекунад, ки дар ин иҷлосия масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва амниятӣ баррасӣ шуданд, аз ҷумла муроҷиат ба давлатҳои ИДМ барои ҷалби неруҳои сулҳҷӯй ба минтақаи даргир, таъсиси артиши миллӣ, ба расмият шинохтани ҳизбҳои сиёсӣ, пароканда сохтани гурӯҳҳои ғайриқонунӣ ва посдории марзҳои давлатӣ. Ин тадбирҳо барои барқарор кардани субот ва пешгирии густариши низоъ нақши муҳим доштанд.

Иҷлосияи XVI ҳамчун нуқтаи гардиш дар раванди танзими вазъи сиёсиву амниятии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта шинохта мешавад. Қарорҳои қабулида дар ин иҷлосия заминаи муҳим барои барқарорсозии сулҳу субот ва таҳкими истиқлоли давлатиро фароҳам оварданд [39, с.22-27].

Дар муҳокимаи иҷлосия, масъалаи авфи тарафҳои даргир матраҳ буд, аммо бо сабаби будани командонҳои ҷабҳаи халқӣ ва мухолифини кишвар дар хориҷа, ин масъала наметавонист ҳал шавад. Бо даъвати Раиси Шурои Олӣ, Эмомалӣ Раҳмонов санаи 26-уми ноябр Сангак Сафаров, Ёқуб Салимов ва 11 қумандон ба шаҳри Хуҷанд парвоз карданд.

Баъдан 4 нафар қумондон аз Ҳисору Регар бо онҳо ҳамроҳ шуда,

дар толори хурди қасри Арбоб паси дарҳои баста музокироти байни қувваҳои муқобил оғоз гардид, ки 18 нафар намояндагони Фронти халқӣ ва 33 нафар қумандонҳои мухолифин низ ҳузур доштанд.

Дар ин иҷлосия Раиси навтаъйини Шурои Олӣ, Эмомалий Раҳмонов, низ ҳузур дошт. Сангак Сафаров масъалаи оштиро пешниҳод кард, ки онро ҷонибҳои ду тарафи қумандонҳо пазируфтанд. Таъсиси артиши миллӣ ва қувваҳои сарҳадӣ аз масъалаҳои муҳимми ин иҷлосия буданд.

Ҳамзамон, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ки дар ин иҷлосия мавриди муҳокима қарор гирифт, аз ҷумлаи чораҳое буд, ки ба рушди иқтисодии кишвар оғоз бахшид [344].

Гузашта аз ин, санади ҳамчун субъекти муносибатҳои байналхалқӣ эътироф шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз дар ин иҷлосия тасдиқ гардид. Ба андешаи А.Раҳмонзода “Иҷлосияи XVI дар мавриди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои муайяне қабул кард, ки барои дақиқ кардани шарикони стратегии кишвар ва барпо кардани ҳусни ҳамҷаворӣ ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва ғайраҳо муҳим мебошанд [344].

Дар анҷумани тақдирсоз санаи 2-юми декабри соли 1992 Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани вилояти Хатлон дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тавсиб расид.

Дар Иҷлосияи сарнавиштсоз 74 санади ҳуқуқӣ қабул гардид, ки аз ҷумлаи онҳо 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот буданд. Ҳамаи ин санадҳо барои барқарор кардани суботи сиёсӣ дар шароити мураккаби он солҳо ва таҳкими низоми навини миллии давлатдории тоҷикон нақши таърихӣ доштанд.

Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон поягузорӣ дар давлатдории муосири тоҷикон ба ҳисоб меравад, ки дар таҳкими истиқлолияти кишвар ва ҷилавгирӣ аз парокандагӣ таъсири муҳим

дошт. Дар таърихнигории ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ин иҷлосия ҳамчун марҳалаи муҳимми даврабандӣ ва таҳлили рӯйдодҳои сиёсӣ мавқеи махсус дорад.

Мутаассифона, муҳаққиқон бештар ба нақли ҳодисаву рӯйдодҳои ин ҷанг маҳдуд шуда, ин рӯйдоди сиёсиро умуман даврабандӣ накардаанд. Масалан, дар пажӯҳиши диссертатсионии М.Г. Ганҷакова [309.213], ки яке аз бобҳои асосии он бевости ба таҷассуми ҷанги дохилии солҳои 1992-1997 ихтисос дода, дар ин самт мақолаҳои зиёде таълиф шуда бошад ҳам, вале муҳаққиқ аз дарабандии ин воқеати муҳимми сиёсӣ худдорӣ кардааст.

Муаллифони "История таджикского народа" [94, с.438-488] , ки ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) бахшида шудааст, ин воқеаи муҳимро ба ду давра тақсим кардаанд.

Муҳаққиқони асар давраи аввали ин рӯйдодро, ки аз 5 майи соли 1992 оғоз ёфтааст ва то декабри ҳамон сол, яъне то анҷоми иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, давом кардааст, ҳамчун марҳалаи нангину пуршиддати ҷанги шаҳрвандӣ муайян мекунанд. Ин давраро метавон шадидтарин марҳалаи низоъ номид, ки дар он тақрибан 50 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон қурбон шуданд. Иҷлосияи мазкур дар давраи ҷанг тағйироти ҷиддӣ ворид намуда, ба раванди таҳаввулоти сиёсӣ таъсири бузург гузошт.

Бар асоси маълумоти Комиссариати олии СММ, ҳазорон нафар аз аҳолии Тоҷикистон дар натиҷаи вазъиятҳои ниҳодии кишвар, барои наҷот ёфтан аз хатарҳо, маҷбур ба тарки макони доимии худ шуда, гурезаи марзи Афғонистон гардиданд.

Зарари иқтисодие, ки ба ҷумҳурӣ расид, тақрибан ба 300 миллиард рубл баробар буд. Ҳудуди 80% нерӯи саноатии кишвар ғайрифаъол гардид ва ҳаҷми даромади миллии соли 1992 нисбат ба соли 1991 ба андозаи 31% кам шуд [334] .

Охири соли 1992 вазъи иқтисодии кишвар дар як бухрони шадид қарор дошт, ки хатар барои якпорчагии Тоҷикистон ва ягонагии вилоятҳои он ба вуҷуд овард. Пешниҳоди роҳбарияти вилояти Бадахшони Кӯҳӣ барои табдил кардани вилоят ба як ҷумҳурӣ мухтор нишонаи амиқи нобаробарии сиёсӣ ва идоракунии дохилӣ буд, ки ба суботи кишвар ва истиқлолияти он таҳдид мекард.

Давраи дуюм пас аз иҷлосияи XVI Шурои Олӣ аз январи 1993 то 27 июни 1997 идома ёфт. Муҳаққиқ Мирзоев Ҷ.А. ин давраро ба ду марҳала тақсим мекунад, ки марҳалаи аввал шуруъ кардани гуфтушунидҳо байни тоҷикистониён ва бедор кардани умед ба сулҳро дар бар мегирад.

Марҳалаи дуюм, ки аз апрели соли 1994 оғоз ёфта, то 27 июни соли 1997 идома кард ва бо имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” ба анҷом расид [133, с.54-58].

Ба андешаи мо, маҳдуд кардани таҳлили даврабандии рӯйдодҳои тақдирсоз танҳо ба доираи иҷлосияи мазкур наметавонад пурра воқеиятро инъикос кунад. Дар баробари ин, дар ҳамон давра рӯйдодҳои дигари муҳиме низ ба вуқуъ пайвастаанд, ки таъсири ҷиддӣ ва созандае дар ташаккули равандҳо ва натиҷаҳои сиёсиву иҷтимоӣ доштанд. Ин ҳодисаҳо ҳамчун замина ва шароити воқеӣ ба иҷлосия таъсир расонида, нақши ҳалкунанда дар муайянсозии самтҳои сиёсӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти кишвар бозиданд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи давра ва шинохти омилҳои гуногуни таъсиргузор дар фаҳмиши пурраи равандҳои таърихӣ ва арзёбии дурусту амиқи онҳо муҳим мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки мақолаҳои илмии дар нашрияҳои гуногун ва матбуоти даврӣ ба табъррасида [31; 32; 296; 129; 138; 140; 297] низ лаҳзаҳои алоҳидаи ҷанги шаҳрвандиро инъикос намудаанд. Дар ҳамаи асарҳои муҳаққиқон ва манбаъҳои матбуоти даврӣ маълумоти пурра ва мукаммал дар бораи заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1992-1997), инчунин раванди он ва натиҷагирии

ниҳоии низоъ пешниҳод гардидааст.

Алалхусус мақолаҳо ва таҳқиқотҳои Н. Абдуллоев [31] ва Р. Шукуров [296; 297] дар инъикосу таҳқиқи давраи аввали ҷанги шаҳрвандӣ хеле диққатҷалбкунанда мебошанд.

Таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол, бахусус бархӯрди сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар рисолаҳои докторӣ ва номзадии муҳаққиқони ватанӣ низ, аз қабили И.Р. Абдуллоев [302, с.179], А. Абдуқодиров [301, с.24], Р. Бобоҷонова [306, с.22], А.А. Муродов [319, с.24], М. Ганҷакова [309, с.213], Д. Урунова [326, с.26], Ғ.Р. Мирзоев [316, с.192], М. Равшанзод [323, с.26], У.А. Бобоҷонова [307, с.26], Р.Х. Мирзоев [317, с.192], Ҷ.А. Мирзоев [318, с.212] ва дигарон мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст.

Муаллиф М. Ганҷакова дар рисолаи илмии худ таҳти таҳқиқ қарор додани низоъҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1991-1997 мебошад, ки ин давра барои таърихи муосири кишвар тақдирсоз ва пурпечутоб буд. Муҳаққиқ дар асараш заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандиро бодиққат таҳлил намуда, ҳадафҳо ва манфиатҳои тарафҳои даргирро муфассал баррасӣ мекунад. Инчунин, ӯ марҳалаҳои муҳимми гуфтушунидҳо ва равандҳои ба сулҳ расидани тоҷикистониёнро ба таври назаррас таҳлил кардааст, ки ин равандҳо дар ниҳоят заминаи барқарории суботи сиёсӣ дар кишвар гардиданд.

Ҳамин тавр, М. Ганҷакова на танҳо ҷанбаи таҳқиқотии низоъро ёдрас мекунад, балки таҷрибаи сулҳофарии тоҷиконро ҳамчун як падидаи муҳимми сиёсӣ ва намунаи амалкардаи муваффақ барои дигар давлатҳо ва минтақаҳои даргир таъриф менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки истифодаи ин таҷриба дар ҳаллу фасли мунокишаҳои сиёсӣ ва минтақавӣ метавонад аҳаммияти стратегии бузург дошта бошад.

Бо дарназардошти он ки рисолаи ӯ яке аз аввалин таҳқиқоти ҳамаҷониба ва систематикии заминаҳо ва равандҳои низоии сиёсӣ дар

солҳои аввали истиқлолият маҳсуб мешавад, арзиши илмии ин асар ҳамчун манбаи асосӣ барои омӯхтани ин давраи муҳим ва мураккаби таърихӣ ба таври назаррас баланд меравад. Ин таҳқиқот имконият медиҳад, ки на танҳо омилҳои асосӣ ва рушдёбии низоъ дар Тоҷикистон равшан гарданд, балки роҳҳои самарабахши расидан ба сулҳ ва устувории сиёсиро низ фароҳам оварад.

Муҳаққиқ Д.Урунова [326, с.26] низ рисолаи номзадии хешро таҳти унвони «Становление новой политической структуры в Республике Таджикистан, 1991-1997гг.» вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлолро мавриди назар қарор дода, низоми нави сиёсии Тоҷикистонро, ки ба мушкилоту бархурдҳо рӯ ба рӯ омад веқеъбинона баррасӣ намудааст.

Рисолаи номзадии муҳаққиқи тоҷики дигар, Ғ.Р. Мирзоев [316, с.192] ба таҳлили омилҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва марҳалаҳои асосии он бахшида шудааст.

Муаллифи рисола дар таҳлили худ бештар ба раванди ба даст овардани сулҳу субот тамаркуз карда, нақши кишварҳои минтақавӣ, бахусус Россия ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳониро дар ин раванд мусбат арзёбӣ намудааст. Аммо, ба андешаи баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Ғ.Р. Мирзоев , ки худ ҳамчун иштирокчии фаъоли даргириҳои низомӣ ва яке аз командирони саршиноси Ҷабҳаи халқӣ дар солҳои 90-уми асри XX ба шумор мерафт, таҳқиқоти ӯро наметавон пурра воқеъбинона донист, зеро онҳо бештар бо дарназардошти манфиатҳои як ҷониб ба анҷом расидаанд. Аз ин рӯ, чунин пажӯҳишҳо бояд бо назари танқидӣ ва таҳлили амиқ, бо риояи ҳақиқат ва воқеиятҳо баррасӣ шаванд.

Рисолаи Равшанзод Маликфаридун [322, с.26], замина, сабаб, рафти ҷанг, давраҳои он ва раванди сулҳофарии тоҷиконро фаро мегирад. Мақолаи ӯ «Таърихнигории масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон» [182, с.65-68] аз нахустин таҳқиқот маҳсуб меёбад.

Ин масъала дар корҳои таҳқиқотии Ҷ. Мирзоев васеътар бозгӯӣ шудааст. Муҳаққиқ зимни ин таҳлилҳо ба масъалаҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ, аз ҷумла заминаҳо ва сабабҳои дохиливу хориҷии сар задани он, даврабандӣ ва оқибатҳои фоҷеабори ин воқеа, инчунин равандҳои музокиротии байни тоҷикон, таъмини сулҳ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ диққати махсус додааст. Ин таҳқиқот бо назари ҳамаҷониба ва илмӣ ҷанги шаҳрвандиро ҳамчун ҳодисаи мураккаб ва таъсиргузор бар ҷомеаи Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст.

Таҳқиқоти Ҷ. Мирзоев дар маҷмуъ дарки амиқ ва фарогири ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистонро фароҳам оварда, ҷанбаҳои мухталифи ин низоъро бо назари илмӣ ва таърихӣ таҳлил кардааст. Ин асар барои фаҳмиши беҳтари равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва таъмини сулҳи пойдор дар Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад [318, с.212].

Ҳарчанд таҳқиқоти Ҷ. Мирзоев асосан таърихи сиёсии Тоҷикистонро дар даврони соҳибистиқлолӣ дар маҷмуъ баррасӣ мекунад, аммо масоили муҳимми марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳ дар он пурра таҳлил нашудаанд.

Дар баробари ин, нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар поёни ҷанг ва дигар ҷанбаҳои муҳимми ин раванд дар таҳқиқоти онҳо камтар инъикос ёфтаанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки рисолаи мазкур бар он аст, ки таърихи сиёсии Тоҷикистонро бештар аз лиҳози умумӣ ва на ба таври ихтисос ба ҷанги шаҳрвандӣ ва равандҳои мушаххаси он таҳлил кунад. Аз ин рӯ, барои дарки пурраи воқеаҳо ва омилҳои таъсиргузор ба ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳ бояд таҳқиқоти ҷудогона ва муфассалтаре дар ин самт сурат гиранд.

Ҳамин тавр, барои фаҳмиши воқеии ин рӯйдоди муҳимми таърихӣ зарур аст, ки он бо дурнамо ва назари фарогири миллӣ ва бе ғаразҳои сиёсӣ ё гурӯҳӣ мавриди таҳқиқ қарор гирад. Танҳо чунин муносибати

фарогир ва бидуни ягон манфиати шахсӣ метавонад барои манфиати умумии миллати тоҷик ва таҳкими оромии ҷомеа мусоидат намояд. Ин равиш имконият медиҳад, ки сабақҳои таърихӣ дуруст фаҳмида шуда, роҳҳои пешгирии низоъҳои минбаъда баррасӣ гардад.

## 2.2. Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ

Аз омӯзиши адабиёти мавҷуда бармеояд, ки дар таҳқиқу омӯзиши таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши муҳаққиқони ватанӣ бо муҳаққиқон ва коршиносони хориҷӣ дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ хеле назаррас аст. Ин пажӯҳишҳо, ки дар осор ва мақолаҳои онҳо паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистонро фаро мегиранд, саҳми арзандаи дуҷонибаро нишон медиҳанд. Мо метавонем ин осорро ба ду гурӯҳ тақсим кунем: аввало, таҳқиқоти муҳаққиқони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки бештар бо назари минтақавӣ ва ҳамсоягӣ ба ин масъала назар мекушоянд; ва дуюм, пажӯҳишҳои коршиносон ва таҳлилгарони хориҷӣ, ки аксар вақт бо диди фарогир ва таҷрибаи байналмилалӣ ба таҳлили ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи Тоҷикистон машғуланд. Ин тақсимот имконият медиҳад, ки мавзуъ аз нуқтаҳои гуногуни назар баррасӣ шавад ва таҳқиқоти илмию таърихӣ бо назари ҳамвори миллӣ ва байналмилалӣ такмил ёбад, ки ин ба фаҳмиши амиқи раванди мураккаби таърихии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Мавриди зикр аст, ки равандҳои сиёсии баъд аз фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ дар Осиёи Марказӣ ба вуқуъ пайваста дер боз таваҷҷуҳи коршиносон ва муҳаққиқони соҳа, қабл аз ҳама муҳаққиқони кишварҳои узви ИДМ-ро ба худ ҷалб кардааст. Бо кӯшиши мутахассисони муносибатҳои байналмилалии ватанӣ ва хориҷӣ, муаррихон, сиёсатшиносон, минтақашиносон перомуни равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ шумораи зиёди адабиёти илмӣ таълиф гардид.

Қабл аз ҳама, таълифоте, ки дар онҳо муносибатҳои байналхалқӣ дар минтақа тавсиф гардидаанд, диққат ҷалбкунандаанд. Ин таҳқиқот аз силсилаи очеркҳое, ки ба сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва сиёсати минтақавии субъектҳои асосии сиёсати хориҷӣ бахшида шудаанд, иборатанд. Пас аз миёнаҳои солҳои 90-ум ба саҳнаи рақобати стратегӣ ва иқтисодии кишварҳои абарқудрат табдил ёфтани минтақаи Осиёи Марказӣ дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «бозии бузурги ҷадид» ном гирифтааст. Дар ин росто аз ҷониби муҳаққиқони рус ва коршиносон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ асару мақолаҳои зиёде рӯйи кор омаданд, ки дар онҳо перомуни низоми сиёсӣ ва рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ назарияҳои гуногун пешниҳод гардиданд. Муҳаққиқоне, ки фарогири омӯзиши равандҳои сиёсии Осиёи Марказианд, сарчашмаҳои гуногунро мавриди баҳрабардорӣ қарор додаанд, ки онҳоро ба якчанд гуруҳҳо ҷудо кардан мумкин аст. Яке аз чунин сарчашмаҳо ёддоштҳо ва нашрияҳои даврагианд. Ёддоштҳои ходимони давлатӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Дар миёни онҳо китоби бо забони русӣ эҷод шудаи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро таҳти унвони «Дар бораи замон ва худам» махсус қайд кардан зарур аст [183.232]. Асарҳои собиқ Президенти Қазоқистон Н. Назарбоев таҳти унвони «Дар маҷрои таърих», «Дар остонаи асри XXI», «Даҳсолаи бухронӣ» [154, с.296; 155, с.240] хеле мароқоваранд, ки дар онҳо муаллиф роҷеъ ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Қазоқистон дар рӯзҳои пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, пайомадҳои заволи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ барои кишвараш, фароянди мураккаби шаклгирии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ташаккули сиёсати хориҷии давлат ибрози андеша кардааст.Чунин гуруҳи сарчашмаҳо, амсоли нашрияҳои даврагӣ, иттилоотан хеле ғанӣ буда, барои омӯзиши нуқтаи назари сиёсатмадорони кишварҳои минтақа, Русия, коршиносону

донишмандони соҳибихтиёр ва таҳлилгарони холис оид ба мавзуи пажӯҳишшаванда имкониятҳои васеъро фароҳам месозанд.

Адабиёти сиёсатшиносӣ ва сотсиологӣ, ки дар онҳо ба масоили умдаи минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ба масоили амниятӣ таваҷҷуҳ карда мешавад, хеле густурда аст. Ба ин қабил адабиёт асарҳое чун «Многомерные границы Центральной Азии» [139, с.97]. ва «Современные этнополитические процессы и миграционная ситуация в Центральной Азии» [246, с.229], инчунин таҳқиқоти Е.М. Кузмин [114.232], китоби дарсии В.П. Зиновев ва Е.Ф. Троиский [92, с.334], монографияи Е.Ф.Троиский [260, с.184], монографияи С.М. Юн [299, с.432], асарҳои М. Олкотт [169, с.487], С. М. Акимбеков [43, с. 400] мақолаҳои Д. Линч, Р. Зайделман ва Э. Гизаро дохил кардан мумкин аст. Адабиёти мазкур рушди пасошуравии Осиёи Марказиро дар маҷмуъ ва ҳар як ҷумҳуриро дар алоҳидагӣ муфассал тавсиф менамоянд. Аммо, мутаассифона, дар ин гуна адабиёт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳо таваҷҷуҳ камтар зоҳир шудааст.

Мутахассисони давлатҳои собиқ Шуравӣ, махсусан муаррихони рус, дар омӯзиши таърихи сиёсии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ нақши муҳимро бар ӯҳда доранд, зеро бо таҷрибаи бой ва дастрасии васеи манобеи архивӣ таҳлили ҷанги шаҳрвандӣ ва дигар рӯйдодҳои муҳимми сиёсиро амалӣ мекунанд. Ин муҳаққиқон бо таҳияи тасвири умумӣ ва таҳлили равандҳои мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ заминаҳои илмӣ барои фаҳмиши амиқи солҳои аввали истиқлолиятро фароҳам овардаанд. Ин дастовардҳо бо назари ҳамвори минтақавӣ ва таърихӣ имконият медиҳанд, ки мавзуъ аз чанд ҷиҳат ва бо истифода аз маълумоти гуногунҷабҳа мавриди таҳлил қарор гирад.

Масалан, дар таҳқиқоти В. И. Бушков ва Д.В. Микулский [63, с.310; 64, с.160; 65, с.13; 66, с.120; 67, с.89; 69, с.148;], А. Гушер [72, с.6-13], М. Хрусталев [280, с.74], Н. В. Солоник [247, с.25-41], Р.Бобохонов [60, с.55-62], В.В.Дронов [310, с.26] ва В.Носов [163, с.76]  паҳлуҳои гуногуни

мавзуи мавриди назар бозгӯӣ шудаанд.

Дар омӯзишҳои муаррихони даврони аввали Тоҷикистон соҳибистиқлол, масъалаҳои муҳимми омилҳои ба вуқуъ пайвастани ҷанги шаҳрвандӣ, оқибатҳои мудҳиши он ва ҳамзамон зуҳур ва ташаккули низоми сиёсии навини кишвар ба таври васеъ ва муфассал инъикос шудаанд. Ин пажӯҳишҳо бо истифода аз манобеи гуногун ва таҳлилҳои амиқ равандҳои мураккаби таърихӣ ва сиёсиро, ки дар солҳои аввали истиқлолият Тоҷикистонро фаро гирифта буданд, ба таври воқеан илмӣ ва бо назари танқидӣ шарҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, осори онҳо барои дарки амиқи таърихи муосири Тоҷикистон ва таҳлили сабабу паёмадҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳамчун манбаи арзишманд ва муътамад шинохта мешаванд.

Дар монографияҳои муаррихони рус В.И. Бушков ва Д.В. Микулский «Анатомия гражданской войны в Таджикистане» ва «Таджикская революция и гражданская война (1989-1994 гг.)» бештар паҳлӯҳои этникӣ ва иҷтимоии воқеоти сиёсии Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-уми асри XX баррасӣ шудааст [63, с.310; 64, с.160; 65, с.13; 66, с.120; 69, с.148].

Асарҳои мазкур таҳлилҳои дақиқ ва пурмазмунро оид ба омилҳои иҷтимоӣ ва нажодӣ пешниҳод карда, ҷараёнҳои мураккаби сиёсиро бо назари илмӣ ва амиқ баррасӣ мекунанд. Аз ҳамин нуқтаи назар, онҳо манбаи боарзиш ва муҳим барои дарки амиқи сабабу оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва таҳаввулоти сиёсӣ дар Тоҷикистон маҳсуб мешаванд.

Ҷанги шаҳрвандӣ заминаи муборизаи манфиатҳои табақавӣ ва минтақавиро фароҳам овард, ки дар натиҷа хусусиятҳои гуногун ва мураккаб касб намуд. Ин раванд боиси тағйирёбии муносибатҳо ва зоҳиршавии рафторҳои нав дар доираи муносибатҳои сиёсӣ шуд. И.Р. Абдуллоев таъкид мекунад, ки олимони Русия дар таҳлили бархӯрдҳои сиёсии ибтидои солҳои 90-ум бештар ба назарияи зиддияти қавмӣ ва

рақобати минтақавӣ аҳаммият дода, паҳлуҳои дигар ва таҳқиқи афкори навро камтар баррасӣ кардаанд.

Ба ибораи дигар, онҳо раванди тавлиди назарияҳои навро, ки метавонад роҳҳои нави ҳалли мушкилоти сиёсиро пешкаш кунад, камтар мавриди баррасӣ қарор дода, бештар дар доираи ақидаҳои кӯҳна ва анъанавӣ таҳлилҳои худро анҷом додаанд.

Ҷанги шаҳрвандӣ боиси мураккаб шудани муборизаҳои манфиатҳои табақавӣ ва минтақавӣ гардида, раванди муносибатҳои сиёсиро ба самти тағйироти ҷиддӣ раҳнамун сохт. Таҳлилҳои И.Р. Абдуллоев нишон медиҳанд, ки дар он давра таҳқиқотҳои сиёсӣ бештар ба андешаҳои кӯҳна такя карда, ҷиддият ба назарияҳои нав ва пешқадам камтар дода мешуд, ки ин камбудӣ дар таҳқиқоти он замон ҷои худро дошт [302, с.179]. Аз назари мо, ин равиши таҳқиқӣ маҳдуд аст ва ҷанбаҳои дигари ҳодисаҳо дар пасманзари масъалаҳои қавмӣ пинҳон мемонанд.

Р.С. Бобохонов, ходими илмии Академияи улуми Федератсияи Россия, дар мақолаи худ бо унвони «Гражданская война в Таджикистане (1992-1997): Причины, ход, последствия и уроки» ба таҳлили ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар солҳои 1992-1997 рӯ овардааст [60, с.55-62].

Ӯ ин ҷангро аз ҷиҳати сабабҳо, раванд ва оқибатҳои он мавриди омӯзиш қарор дода, кӯшиш кардааст, ки омилҳои аслии сар задани ҷангу таъсири он ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии кишварро равшан намояд. Мақолаи ӯ имконият медиҳад, ки ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ҳамчун як ҳодисаи низомӣ, балки ҳамчун раванде бо сабабҳои мураккаб ва пайомадҳои гуногун аз нуқтаи назарҳои гуногун таҳлил шавад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти Бобохонов аҳаммияти калон дорад, зеро он равандҳои дар пасманзари ҷанги шаҳрвандӣ рухдодаро муфассал ва бо назари мукаммал баррасӣ менамояд ва имкони омӯзиши сабақҳои зарурӣро фароҳам меорад.

Бо дарназардошти он ки муаллиф дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар шаҳри Москва қарор дошт ва бо манбаъҳои дохилӣ камтар ошно буд, эҳтимолан бисёре аз маълумотҳо аз манобеи мансуб ба мухолифин гирифта шудаанд.

Аз ин рӯ, назарияи ӯ дар тасвири ҳодисаҳо ва воқеаҳо пурра воқеъбинона набошад. Ин мавзуъ моро водор месозад, ки хулоса гирем мақолаи мазкур бештар бо нақлҳои шоҳидони як тараф, яъне мухолифин, асос ёфтааст ва на бо санадҳои воқеии муътамад.

Муаллифи мақола дар мавриди сабабҳои сар задании ҷанги шаҳрвандӣ ба мисли дигар муҳаққиқон ду омилро ҷудо намудааст: дохилӣ ва берунӣ. Вале, мутаассифона, аз ҷониби президент Набиев дар майдони «Озодӣ» тақсим гардидани яроқро сабаби асосии дохилии оғози ҷанги шаҳрвандӣ номидааст [60, с.55-62], ки ба ақидаи ӯ розӣ шудан душвор аст.

Мухолифин ва тарафдорони онҳо дар моҳи апрели соли 1992 гирдиҳамоии панҷоҳрӯза ташкил намуда, аз ҳисоби гурӯҳҳои силоҳбадаст дастаҳои мусаллаҳ созмон доданд. Онҳо шабонгаҳ бо ин дастаҳо машқҳои ҳарбӣ анҷом медоданд, ки дар натиҷа ҷомеаро ба таҳлука меандохтанд, ва бисёре аз манбаъҳои муътамад ин ҳодисаро тасдиқ мекунанд [114, с.232].

Дар мавриди омилҳои берунии муноқишаи тоҷикон муҳаққиқ барқароршавии тартиботи толибонро дар Афғонистони ҳамсоя, рақобати байни Амрико ва Эронро ҷиҳати ба тахти нуфузи хеш даровардани Тоҷикистон, кумаки милиявии «ваҳҳобиён»-ро аз ҷониби давлатҳои исломӣ, поин рафтани нақши Россия ҳамчун танзигари асосии муносибатҳои байнидавлатӣ дар фазои пасошӯравиро ҷудо кардааст, ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Ба назари мо азбаски Р.С.Бобохонов дар хориҷи кишвар зиндагӣ карда, дар ягон амалиётҳои ҳарбӣ бевосита иштирок накардааст, бинобар ин мушоҳидаҳои ӯ дарбораи ҷанги шаҳрвандӣ аз санадҳои

ғайривоқеӣ ва сохтаю бофта таркиб ёфта, хулосаҳои ӯ оид ба мунокишаҳои байни тоҷикон ба воқеият мувофиқ нестанд.

Дар омӯзиши равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ таҳқиқоти муаллифони рус ва умуман кишварҳои узви ИДМ, ки кӯшидаанд мақом ва ҷойгоҳи минтақаро бо дарназардошти вазъи геополитики он инъикос намоянд, низ мабаи хеле арзишманд маҳсуб меёбанд. Ба ин гуруҳ асарҳои К.С. Гаджиев, Е.М. Кузмин, В. Парамонов, Ю. Тиссовский дохил мешаванд.

Асарҳои муаллифоне, ки ба назари онҳо муносибатҳои байналмилалии муосир дар минтақа, пеш аз ҳама, дар натиҷаи рақобат ва низои манофеи абарқудратҳои ҷаҳонӣ, амсоли ШМА, Чин, Россия ва ЕС роҳандозӣ мегарданд, гуруҳи дигари манбаъҳоро дар самти омӯзиши равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ таркиб додаанд. Муаллифони ин гунна асарҳо манофеи ҷонибҳои рақобаткунандаро ба манфиатҳои ҳарбӣ-стратегӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ ҷудо карда, Осиёи Марказиро минтақаи бархӯрди ин рақобатҳо муайян кардаанд. Ин нуқтаи назар бештар дар таҳқиқоти А.Д. Воскресенский, Е.М. Примаков, А.И. Гушер, С. Караганов, Е.Г. Пономарева ва ғайраҳо баръало инъикос ёфтааст. Ҳамзамон аксари таълифоти муаллифони мазкур ё ба мафиатҳои як ҷониб ва ё ба доираи як манфиатҳо – ё ҳарбӣ-стратегӣ ва ё иқтисодӣ бахшида шудаанд.

Таҳқиқоти муаллифоне, ки минтақаи Осиёи Марказиро ҳамчун мавзеи низоъҳои этносиёсӣ ва минтақаи бархӯрди арзишҳои тамаддунҳои бузурги ҷаҳонӣ, амсоли насрония, конфутсиячигӣ ва ислом муайян кардаанд, гуруҳи навбатии манбаъҳоро дар боби омӯзиши равандҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд. Ба ин гуруҳ асарҳои Г.Г. Кадимов, В.И. Коваленко, А.В. Манойло, А.И. Петренко, А.В. Федякин ва ғайраҳо шомиланд.

Дар самти таҳқиқи ҳамкориҳои самараноки ниҳодҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷиҳати таъмини суббот дар минтақа асарҳои С.В. Жуков, О.Б.

Резникова, Б.А. Шмелев, А.Г. Задохин, В.В. Штол, ки дар онҳо нақши созмонҳои байналхалқӣ, амсоли СММ, САҲА дар танзими муноқишаҳои минтақавӣ инъикос гардидаанд, манбаи хеле арзишманд маҳсуб меёбанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар пажӯҳиши равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 1992-1997 муҳаққиқон ва сиёсатшиносони дигари ИДМ, назири Е.П. Бажанов [56, с.145], В. Белокрениский [59, с.176], А.Д. Вешняков [69, с.148], А. Джекшенкулов [76, с.121], М. Дмитриев [78, с.236], И.Д. Звягелская [91, с.178], А.А. Казансев [96, с. 340], Д.Б. Малишева [118, с.256] ва чанде дигарон низ саҳм гузоштаанд, ки мутаассифона, таҳлилу баррасии онҳо дар чорчӯбаи як рисола аз имкон берун аст.

Дар таҳқиқоти сиёсатшиносони қазоқистонӣ У.Т. Касенов, С.К. Кушкумбаев, дипломати қирғиз А.Д. Ҷекшенқулов арзишҳои миллӣ ва фаъолнокии дипломатии кишварҳои минтақа дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аммо аз ҷониби ин муаллифон, ки бештар ба назарияҳои расмӣ такя кардаанд, нақши омилҳои берунӣ ва дохилӣ, ки чорчӯбаи мустақилияти сиёсии роҳбарияти давлатҳои Осиёи Марказиро муайян мекунанд, коста, ғайри воқеӣ инъикос гардидаанд.

Дар қатори таҳқиқоти муҳаққиқони кишварҳои узви ИДМ, ки муносибатҳои муосири байналхалқиро дар Осиёи Марказӣ тавсиф кардаанд, асарҳои Е.М. Кузмин ва А.А. Казансев хеле арзишманданд.

Баррасии сарчашмаҳои марбут ба мавзуъ нишон медиҳад, ки мутахассисон ва таҳлилгарони кишварҳои минтақа ва ИДМ ба масъалаи равандҳои сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудаанд. Аз ин натиҷагирӣ метавон фаҳмид, ки дар оянда низ ин мавзуъ зери таваҷҷуҳи доимӣ қарор гирифта, таҳқиқоти ҳамаҷониба анҷом дода мешавад ва дурнамои сиёсии минтақа мавриди арзёбӣ қарор хоҳад гирифт.

Рӯйдодҳои сиёсии солҳои 90-уми асри XX дар асарҳои пажӯҳишии

шореҳони  хориҷи дур низ инъикос пайдо кардааст. Таълифоти муҳаққиқони хориҷиро олими тоҷик Н.Т Раҳимов дар маҷмуае таҳти унвони «Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997гг.): Обзор зарубежной литературы» [219, с.60] (Мавод ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1992-1997): Тавсифи адабиёти хориҷӣ) ба таври мухтасар ва муъҷаз  баён кардааст.

Маводи таҳлилии мазкур ба бозтоби пажӯҳишҳои муҳаққиқони хориҷӣ бахшида шудааст, ки ба масъалаҳои калидии муноқишаи таҳмилӣ ва маҳаллӣ дар Тоҷикистон рӯй овардаанд, онҳо равандҳои расидан ба оштии миллӣ ва мустаҳкам намудани ҳамдигарфаҳмиро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Таҳлили фаъолияти илмию таҳқиқотии муҳаққиқони амрикоӣ нишон медиҳад, ки дар донишгоҳҳо ва марказҳои илмии ИМА таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба масоили марбут ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон вуҷуд дорад. Шахсиятҳое чун Даря Фейн, Ричард Фрай, Ҷон Шоберлейн-Энгел, Борис Румер, Марта Б. Олкотт, Иден Неби ва дигарон дар самтҳои гуногун:  аз таърих ва фарҳанг то сиёсату иқтисод, таҳқиқоти амиқ анҷом додаанд.

Пажӯҳишҳои муҳаққиқони амрикоӣ нишон медиҳанд, ки масоили таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, дар фазои илмии байналмилалӣ мавқеи намоён доранд. Таваҷҷуҳи густурда ба воқеаҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 бозгӯи аҳаммияти таҳқиқи амиқи ин рӯйдодҳо дар раванди фаҳми умумии тағйироти сиёсиву иҷтимоии минтақа мебошад [219, с.5].

Таҳқиқоти муаллифон ҳангоми баррасии ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки асоси тадқиқот ба таҳлили заминаҳо, сабабҳо ва паёмадҳои ин ҷанг нигаронида шудааст. Маҳз ин омилҳо ҳамчун унсури асосии таҳлил ва баррасии илмии онҳо интихоб шудааст.

Аксари муаллифони мақолаҳои ин маҷмуа ба масоили вазъи сиёсии Тоҷикистон каму беш дахл кардаанд, вале чор мақолаи пажуҳишии С. Гретский [71], Д. Худоназаров [281], А. Тураҷонзода [263.65] ва О. Руа [226, с.27-30], ба ақидаи Н. Т. Раҳимов, бевосита ба воқеаҳои сиёсии Тоҷикистони солҳои 90-уми асри XX ихтисос дода шудаанд.

Н.Т. Раҳимов дар шарҳи таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ оид ба ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон солҳои 1992–1997 таъкид мекунад, ки нашрияи «Чэлизд» ба чопи маводи иттилоотӣ оғоз намуд, ки ба масъалаҳои таърих ва фарҳанги давлатҳои навбунёди Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубӣ бахшида шудаанд. Ин иқдом ҳамчун талоши ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи илмии байналмилалӣ ба рӯйдодҳои минтақа арзёбӣ мегардад.

Ин силсиларо китоби муҳаққиқ И.Нэби «Таджикистан» ҳусни оғоз бахшидааст, ки он кишвари моро ба сифати маркази илму фарҳанги мардумони Осиёи Марказӣ муаррифӣ менамояд. Ҳамзамон дар ин нигошта тибқи маълумоти Н.Т. Раҳимов Тоҷикистони давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба таври умумӣ тасвир намуда, дар фасли «Таърих» тасалсули муфассали ҳодисаҳоро аз моҳи январи соли 1992 то моҳи январи соли 1994 (саҳ. 43-69) замима намудааст» [219, с.6].

Аммо, ба ақидаи Н. Т. Раҳимов ба таҳқиқи воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) бо ҷиддият муҳаққиқ Шаҳрбону Тоҷбахш машғул буда, дар ин маврид якчанд мақолаҳо ба табъ расонидааст.

Дар мақолаи «Таджикистан: забытая гражданская война» [304], ки бо ҳаммуаллифии Насим Ҷавод таълиф шудааст, муаллифон сабабҳои авҷгирии ҷанги шаҳрвандиро таҳлил намуда, ҳамзамон пешниҳодҳоеро оид ба баргардонидани фирориён, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва дигар масъалаҳои марбут пешкаш менамоянд [219, с.7]. Ин таҳқиқот равиши комплексӣ ба ҳаллу фасли мушкилоти пасои ҷангро дарбар мегирад.

Дар хулосаи китоби худ, Н. Т. Раҳимов рӯйхати иловагии китобномаҳои англисзабоне, ки то ибтидои соли 1997 дар бораи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992–1997) чоп шудаанд, пешниҳод мекунад. Ин рӯйхат аз нигоҳи таҳқиқоти бунёдӣ дар ин соҳа манбаи боарзиш ва ҷолиб маҳсуб мешавад, ки метавонад барои омӯзиш ва фаҳми амиқи равандҳои ҷанг заминаи муфид фароҳам оварад.

Шумораи даҳуми маҷаллаи «Аккорд», ки соли 2001 ба табъ расидааст, барои таҳлили ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон манбаи хеле муфид ва пурмазмун ба ҳисоб меравад. Дар ин шумора маҷмуи мақолаҳоеро метавон ёфт, ки аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони ҳам дохили кишвар ва ҳам хориҷӣ ба монанди Кэтрин Барнс, Ширин Акинер, Оливе Руа, Камолуддин Абдуллоев, Саодат Олимова, Музаффар Олимов ва Абдунабӣ Satторзода таҳия шудаанд. Ин таҳқиқотҳо аз нуқтаи назари таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рӯйдодҳои солҳои 1992-1997-ро таҳлил мекунанд ва ҳамчунин таъсири ҷангро ба сатҳи рушди минтақавӣ ва вазъи аҳолӣ таҳқиқ менамоянд. Ҳамин тавр, ин шумораи маҷалла на танҳо ҳамчун манбаи бойи иттилоотӣ, балки ҳамчун пойгоҳи назариявӣ барои фаҳми мукаммали ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хизмат мекунад ва метавонад ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаҳои марбут истифода шавад.

Муаллифон Кэтрин Барнс ва Камолуддин Абдуллоев бар он назаранд, ки шумораи мазкури «Аккорд» ҳодисаҳои сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-умро бо такя ба санадҳои мавҷуда таҳқиқ карда, мавқеи ҷонибҳои аслӣ дар низои дохилиро равшан месозад [55, с.8-16].

Бояд зикр кард, ки чор мақолаи шумора, аз ҷумла мақолаҳои И. Асадуллоев [52, с.28-30], С. Олимова [168, с.31-33], А. Сатторзода [239, с.34-36], Ш. Акбарзада [42, с. 37-39] нерӯҳои асосии сиёсиро, ки дар ҳаёти ҷамъиятии солҳои 90-уми Тоҷикистон мавқеи хукмронро соҳиб буданд, таҳқиқ ва баррасӣ намудаанд.

Устоди мактаби шарқшиносӣ ва африкашиносии университети Лондон, мутахассиси оид ба Осиёи Марказӣ Ширин Акинер дар мақолаи худ сабабҳо ва рафти ҷанги шаҳрвандиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки дар соли аввали ҷанг аз бист то шаст ҳазор нафар қурбон гардиданд, ки 50 ҳазор нафари онҳо ба давраи шидатноки ҷанг – аз моҳи май то декабри соли 1992 мувофиқ меояд. Мавсуф дар такя ба ҳуҷҷатҳои расмии СММ таҳлилҳои хешро идома дода, шумораи гурезагонро дар соли аввали ҷанг 600 ҳазор нафар ҳисобидааст, ки аз ин микдор тахминан 80 ҳазор нафар дар қаламрави Афғонистон паноҳ бурдаанд [44, с.18-27].

Дар иртибот ба равандҳои сиёсии дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба амал омада таваҷҷуҳи коршиносон, муҳаққиқон ва сиёсатшиносони кишварҳои хориҷи дур, амсоли Аврупо ва Амрико низ баҳри омӯзиш, таҳлил ва баррасии равандҳои сиёсии минтақа меафзояд. Дар байни асарҳои маҷмуӣ монографияҳои муҳаққиқи амрикоӣ М. Олкоттро, ки солҳои 1997 ва 2005 таълиф гардидаанд, махсус қайд кардан зарур аст. Монографияҳои Олкотт аз маводи санадӣ бой буда, дар онҳо муаллиф ҳамаи равандҳои сиёсии дар Осиёи Марказӣ ба амал омадаро бо дарназардошти арзишҳо ва меъёрҳои ҷамъияти муосири ғарбӣ инъикос намудааст. Ба масоили марбут ба равандҳои сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, назири З. Бжезинский, С. Хантингтон, Г. Киссинджер, А. Тойнби ва ғайраҳо бахшида шудаанд. Муҳаққиқони хориҷӣ ба рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамкории байналхалқӣ дар минтақа аҳаммияти зиёд медиҳанд. Ин гуна таҳқиқотро метавон ба якчанд гуруҳ ҷудо кард. Дар онҳо таҳлили муносибатҳои сиёсӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо бо абарқудратони ҷаҳонӣ ва минтақавӣ инъикос гардидааст. Ҳамзамон манзараи умумии бархӯрди манфиатҳои ИМА, Россия ва Чин дар Осиёи Марказӣ дар ин асарҳо пешниҳод намегардад.

Ба гурӯҳи аввали манбаъҳои хориҷӣ ҳуҷҷатҳои расмӣ ва

баромадҳои роҳбарон, дипломатҳо ва арбобони сиёсии давлатҳои ШМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин ва дигар давлатҳои хориҷи дур, ҳуҷҷатҳои расмии ВКХ, сафоратхонаҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои созмонҳои байналхалқӣ (СММ, ИДМ, СААД, СҲШ, ИА ва ғ.) шомиланд. Манбаи муҳимми таҳқиқи стратегияи ғарбӣ ҳуҷҷатҳои расмии Департаменти давлатии ШМА ва Шурои Иттиҳоди Аврупо маҳсуб меёбанд.

Ба гуруҳи дуюми манбаъҳои хориҷӣ таҳқиқоте мнсубанд, ки аз ҷониби сиёсатмадорон, дипломатҳо ва таҳлилгарони ҳарбӣ перомуни масоили умдаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таълиф гардидаанд. Ба ин гуруҳ асарҳои: Р. Вайд, К. Луи, З. Баран, Р. Визерспун, П. Гоббл, А. Карлтон, У. Мерри, Б. Олкотт, Б. Рубин, Д. Смит, В. Сокор, Ф. Старр, С. Фредерик, И. Хан ва ғ. дохил мешаванд.

Бояд зикр кард, ки дар омӯзиш, таҳлил ва баррасии равандҳои сиёсии дар кишварҳои Осиёи Марказӣ сурат гирифта, воситаҳои ахбори умуми хориҷаи дур саҳми назаррас доранд. Маводҳои пешниҳоднамудаи онҳо дар бораи минтақаи Осиёи Марказӣ хеле арзишманданд. Воситаҳои ахбори умуми Ғарб ба лоиҳаи ҳамгироии Авруосиё ва равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ баҳои гуногунранг медиҳанд, таҳлилгарон имконоти муттаҳидшавиро арзёбӣ менамоянд, ба хотири ҷонибдорӣ ва хилофият далелу бурҳон ироа мекунанд. Сарчашмаи асосии иттилоот маводи нашрияҳои зерин мебошанд: интернет-портали “Ino СМИ», Радиои «Озодӣ» нашрияҳои даврагии Британияи Кабир.

Айни ҳол, Осиёи Марказӣ дар саҳнаи геополитикии ҷаҳони муосир мақом ва нақши муҳим дошта, дар бораи паёмад ва дурнамои он дар доираҳои илмии ҷаҳон баҳсҳои зиёде мавҷуданд. Бояд қайд кард, ки ин масъала баъд аз пошхӯрии Иттиҳодияи Шуравӣ ба миён наомадааст, зеро бархӯрди Британияи Кабир ва Русия барои нуфузи сиёсӣ дар минтақа ҳанӯз қабл аз таъсиси Иттиҳоди Шуравӣ сар шуда буд ва то ҳол

масъалаи актуалӣ ба шумор меравад. Осиёи Марказӣ минтақаи муҳимми ҳамкориҳои бисёрсамта ба ҳисоб меравад. Мавқеи ҷуғрофии мусоид, сарватҳои табиӣ, нафти хом, газ ва дигар захираҳои табии минтақа диққати қудратҳои ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст.

Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати ҷойгиршавии географӣ минтақаи васеъест, ки метавонад ба ду бахш тақсим шавад: шимоли он, ки кишварҳои Қазоқистон ва Қирғизистонро дар бар мегирад ва ҷануби он, ки Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро фаро мегирад [81, с.10].

Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар рисолаҳои докторӣ ва номзадии муҳаққиқони хориҷӣ низ, аз қабили В.В. Дронов [310, с.26], О. Х. Шарафиева [327, с.242], И.Х. Афандихонов [305, с.18], А.В. Архангелский [304, с.24], В.В. Егозарян [311, с.189] мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта, дар онҳо масоили гуногуни марбут ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, раванди гуфтушунидҳо ва истиқрори сулҳу субот таҷассум ёфтаанд.

Олими рус О.Х. Шарафиева дар мақолаҳои алоҳида сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар солҳои 1992-1997 ва марҳалаҳои асосии гуфтушунидҳои байни ҷонибҳои даргирро таҳлил кардааст. Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳои дастрасӣ ба осори илмии муҳаққиқони тоҷик, ки асосан шоҳиди ҳол буданд, ба ӯ имкони инъикоси воқеӣ ва муфассали сабабҳо ва раванди ҷангро нadодааст. Ҳамзамон, ӯ оғози ҷанги шаҳрвандиро ба соли 1990 нисбат додааст, ки ин нуқтаи назар бо таърихи маъмули эътирофшуда байни аксари муҳаққиқон: 5-уми майи соли 1992 муқобилат мекунад. Ин фарқият нишон медиҳад, ки маҳдудиятҳои манобеъ ва нигоҳҳои гуногун ба таҳлили комил ва ботафсил дар бораи равандҳои мураккаби ҷанг таъсир мерасонанд.

Муҳаққиқи рус О.Х. Шарафиева [327, с.242] сабабҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва марҳалаҳои муҳимми гуфтушунидҳоро дар

таҳқиқоти мухталиф баррасӣ намудааст. Ин пажӯҳишҳо барои фаҳми амиқтари равандҳои низоъ ва кӯшишҳои ҳалли он манбаи муҳим ба ҳисоб меравaнд.

Умуман, бо вуҷуди он, ки роҷеъ ба ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу субот дар Тоҷикистон ҳам дар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ҳам дар кишварҳои хориҷи дур таълифоти зиёд рӯи кор омада бошад ҳам, муаллифони онҳо воқеаҳои мазкурро аз нигоҳи худ арзёбӣ намуда, ба назари мо бо сабаби огаҳӣ надоштан аз манбаъҳои дохилӣ имкон надоштанд, ки тамоми паҳлӯҳои ин ҳаводиси сиёсиро воқеъбинона инъикос намоянд.

# БОБИ Ш. ТАҶАССУМИ МАСОИЛИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯИ ОШТИИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

## 3.1. Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ

Дар солҳои 90-уми асри XX, ки таваҷҷуҳи аҳли илм ва сиёсатмадоронро раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994 – 1997 ба худ ҷалб кард. Сулҳи тоҷикон аз ҷиҳати сиёсӣ бо он ҷиҳат арзишманд арзёбӣ мегардад, ки дар муддати кӯтоҳ ҷонибҳои даргирро дар атрофи мизи музокирот муттаҳид сохт. Ин раванд, ки бо миёнаравии созмонҳои байналмилалӣ ва дастгирии давлатҳои минтақавӣ бо муваффақият анҷом ёфт, намунаи беназири ҳалли низоъҳои минтақавӣ ба шумор меравад. Таҳқиқи сулҳи Тоҷикистон ва таҳлили оқибатҳои пошхӯрии давлатҳои сермиллат, махсусан дар Осиёи Марказӣ, ба таври амиқ ба тағйироти геополитикӣ ва геостратегии минтақа равшанӣ меандозад. Суқути Иттиҳоди Шуравӣ бо эҳё гардидани кишварҳои тозаистиқлол ва шиддат гирифтани низоъҳои сиёсӣ ва қавмӣ, ба хусусан дар Тоҷикистон, боиси даргириҳои мусаллаҳона ва хунрезӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ шуд. Дар чунин шароити ҳассос, нерӯҳои солими ҷомеа тавонистанд бо ҳамдигарӣ ва муттаҳид шудан ба роҳҳои сулҳомез ба ҳалли мушкилоти пешомада даст ёбанд. Ин раванд бо гузариш ба гуфтушунид ва ҷустуҷӯи ризоияти миллӣ, ки ниҳоят ба имзои Созишномаи истиқрори сулҳ оварда расид, нишон медиҳад, ки роҳи асосии ҳалли низоъҳои сиёсӣ ва муноқишаҳои мусаллаҳона дар сатҳи ҷаҳонӣ тавассути гуфтушунид ва муколама байни тарафҳои даргир ва таҳаммул ба мувофиқаи умумӣ аст.

Дар ҳодисаҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ зарурати баргузории чунин музокирот аз оғози низоъ эҳсос мешуд, аммо фақат

дар соли сеюми ҷанг имкони амалисозии онҳо фароҳам омад. Даври аввали гуфтушунид, ки бо миёнаравии намояндаи махсуси Дабири кулли СММ ва вазири корҳои хориҷии Русия дар моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Москва баргузор гардид, бо вуҷуди вазъияти сиёсиву иҷтимоии мураккаб заминаи мусоид барои давраҳои минбаъдаи музокирот фароҳам овард. Гуфтушунидҳо дар ҳашт давра, аз ҷумла сатҳи олӣ бо иштироки роҳбарони аслии тарафҳо, ба мувофиқаи мусбӣ миёни дастаҳои даргир анҷом ёфтанд. Муҳим аст, ки таъкид кунем, ки амалӣ шудани ин раванд асосан ба ташаббус ва кӯшишҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раҳбари он вобаста буд. Ин иқдом бо дастгирии назаррас ва фаъолонаи созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои минтақавӣ иҷро гардид. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки ҳамкории минтақавӣ ва миёнаравии созмонҳои бонуфуз барои барқарорсозии сулҳ ва оромии сиёсӣ дар кишварҳои даргир нақши ҳалкунанда дорад.

Вазири вақти меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ш. Зуҳуров ва раиси Кумитаи координатсияи неруҳои демократии Тоҷикистон дар давлатҳои ИДМ О. Латифӣ аз масъулини ин воҳӯрӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар марҳалаи аввали гуфтушунид муҳимтарин санаде, ки қабул шуда, ба вазъи гуреза ва муҳоҷирон таъсири хуб расонид, ин «Протокол дар бораи таъсиси Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон» ба шумор мерафт. Аҳаммияти сиёсии ин санад аз он иборат аст, ки он ба ташкили аввалин комиссияи ҳалли масъалаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва хосатан мушкилоти гурезаҳо ва муҳоҷирин равона карда шуда буд.

Санади ба 19-уми апрели соли 1994 мансуб ва асоси таъсиси Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ аз Тоҷикистон, ки ҳайати кории онро бо таври баробар намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифин ташкил

медоданд, як қадами муҳимми институтсионалӣ дар раванди ҳалли низоъ ба шумор меравад. Гарчанде ки ин комиссион дар баррасии масъалаҳои мушаххаси сиёсӣ комилан муваффақ нашуд, нақши он дар муқаррар намудани усулҳои ҳамкории тарафҳои даргир бори аввал ҷиддан эҳсос гардид. Дар ин замина, фаъолияти комиссия имкон фароҳам овард, ки мавқеъҳои мухолиф тадриҷан наздик шаванд ва фазои ҳамкориро барои гуфтушунидҳои минбаъда муҳайё созад. Аз ин ҷиҳат, таъсиси чунин механизми ҳамоҳангсоз ва ҳамкорӣ ҳамчун поя ва заминаи муҳим барои пешбурди раванди сулҳ ва таҳкими муътадилии сиёсӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ мешавад. Ин намунаи аввалини институтсионализатсияи равобити байни ҷонибҳои даргир, ки дар муҳити ниҳоят мураккаби низоъ ва беназмиҳо амалӣ гардид, барои таҳқиқи таҷрибаи ҳалли низоъҳои мусаллаҳона дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти таърихӣ ва назариявӣ дорад.

Баъдан марҳалаи дигар дар шаҳри Теҳрон дар тарҳи 12-17 сентябри соли 1994 баргузор шуд, ки дар он намояндагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро А. Достиев, муовини аввали Раиси Шурои Олии Тоҷикистон, ва намояндагии мухолифинро А. Тураҷонзода, муовини аввали Раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон ба уҳда доштанд. Дар раванди ин вохӯрӣ ҷараёни татбиқи ҳадафҳои дар пештар гузошташуда баррасӣ гардида, ҳамзамон дар охири вохӯрӣ «Созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалҳои дигари хусуматомез дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон» ба имзо расонида шуд, ки ин санад рафти ин чорабиниҳоро ба манфиати тоҷикон ҷоннок намуд.

Созишномаи фавқ зарурати ташкил намудани Комиссияи муштарак, ки бо миёнаравии СММ тарафҳоро муваззаф менамуд, ки иҷроиши шарту шароитҳои созишиномаи оташбасро бе чунучаро риоя намоянд [20, с.230-231].

Бояд қайд намуд, ки комиссияи мазкур дар самти коҳиш додани бархӯрдҳои мусаллаҳона саҳми калон гузоштааст ва минбаъд барои дар таркиби Комиссияи оштии миллӣ фаъол намудани зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Даври сеюми музокироти ҷонибҳои даргир аз 21 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод баргузор шуд, ки дар ҷаласаи ҷамъбасти он ҳуҷҷати муҳим бо унвони «Протокол дар бораи Комиссияи муштарак оид ба иҷрои Созишнома дар бораи муваққатан эълон кардани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон ва дар дохили кишвар» тасдиқ гардид. Ин протокол тартиби кори Комиссияи муштаракро муайян мекард, ки таъсисаш қаблан, 17 сентябри 1994 дар вохӯрии машваратӣ дар шаҳри Теҳрон байни ҷонибҳо мувофиқа шуда буд. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки тарафҳо бо истифода аз фазои байналмилалӣ ва миёнаравии созмонҳои бонуфуз, талошҳои худро барои иҷрои созишномаҳои оташбас ва идомаи гуфтушунидҳо тақвият бахшиданд, ки ин барои барқарорсозии сулҳ дар минтақа муҳим буд.

Вазифаи ин комиссия назорат ва иҷрои бандҳои созишнома буда, он масъалаҳои мубрам ва ҳалталабро фарогир буд. Албатта, Комиссияи муштарак ҳамчун мақоми марказӣ дар назорати иҷрои бандҳои созишнома нақши калидӣ дошт. Ҳузури ин ниҳод барои таъмини амалӣ шудани оташбас ва пешбурди ҳалли мусолиматомези низоъ дар минтақа муҳим буд [29, с.226].

Комиссия ҳақ дошт, ки дар сурати риоя нашудани талаботҳои оташбас, иттилооти заруриро аз роҳбарияти ҷонибҳо барои ҳалли буҳронҳои низомӣ ва сиёсӣ талаб кунад.

Дар банди 4-уми «Протокол дар бораи Комиссияи муштарак...» вазифаҳои комиссияи мазкур равшан ва возеҳ муайян гардида аст, ки намунаи чанде аз онҳоро дар зер зикр менамоем:

"– назорати аз тарафи ҷонибҳои бо ҳам муқобил иҷро гардидани талаботҳои Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили мамлакат;

– дар асоси иттилооти воқеӣ таҳқиқи ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи Созишномаи мазкур;

– ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифини тоҷик, ба СММ ва намояндагони нозирони гуфтушунидҳои байнитоҷикон пешниҳод намудани роҳҳои бартараф намудани қоидавайронкунӣ ва оқибатҳои риоя накардани талаботи Созишнома" [31].

Дар асоси талаботи санади болозикр аъзоёни Комиссияи муштарак дар раванди иҷроиши вазифаҳои худ мебоист бо созмонҳои байналхалқӣ ҳамкорӣ менамуданд, вале дар баъзе ҳолатҳо ин тартибот аз ҷониби мухолифин сарфи назар гардида, ба муташанниҷ шудани вазъ боис мегардид.

Дар он лаҳзаи ҳассос Комиссия вазифадор буд, ки дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, мисли Намояндагии СММ дар Тоҷикистон, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва Кумитаи Байналхалқии Салиби Сурх, масъалаҳои баҳснокро ҳал намояд. Дар ин раванд, кафолати амният ва дахлнопазирии аъзои Комиссия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мухолифин яке аз талаботи калидии созишнома маҳсуб меёфт, ки барои иҷрои он таъмини базаи моддӣ-техникӣ ба ду ҷониб супорида шуд. Ҳукумати Тоҷикистон дар қаламрави худ ва мухолифин дар Афғонистон масъулияти муҳайё сохтани шароитро ба зимма доштанд. Илова бар ин, созмонҳои байналмилалӣ ба монанди нерӯҳои дастаҷамъонаи сулҳофари ИДМ, ки дар он давра дар Тоҷикистон қарор доштанд, кумаки молиявӣ пешниҳод карда, ҳатто фонди махсуси маблағгузорӣ таъсис доданд. Ҷойгиршавии бинои маъмурии Комиссияи муштарак дар шаҳри Душанбе низ нишондиҳандаи ташкили зичи ин ниҳод дар маркази сиёсӣ ва идории

кишвар буд. Ин ҳама нишон медиҳад, ки амалӣ намудани созишнома ва таъмини фаъолияти Комиссия ҳамчун механизми асосии назорат ва ҳамоҳангсозӣ бо дастгирии васеи байналмилалӣ ва саҳми тарафҳои даргир сурат гирифта, дар ташаккули суботи сиёсӣ ва таъмини сулҳ дар минтақа нақши муассир дошт.

Комиссияи муштарак бо мақсади таъмини иҷрои талаботи созишнома дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон ва дар дохили мамлакат дар давраи музокирот таъсис дода шуд. Ин ниҳод масъули назорат ва идоракунии иҷрои бандҳои созишнома буд, ки барои барқарорсозии сулҳ ва коҳиш додани низоъҳои мусаллаҳона дар минтақа нақши муҳиме дошт.

Таъсиси Комиссияи муштарак ҳамчун механизми калидӣ барои назорат ва идоракунии иҷрои созишномаи оташбас нишондиҳандаи ҷиддияти тарафҳо дар раванди сулҳ буд. Ин ниҳод бо фаъолияташ саҳми муассир дар коҳиш додани хушунатҳо ва ҳалли низоъҳои мусаллаҳона дар минтақа гузошт [16].

Ин раванд ба анҷоми вохӯрии муҳимми байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ дар санаҳои 10-11 декабри соли 1996 мусоидат намуд, ки ҳамчун марҳалаи калидӣ дар равандҳои сулҳ ва ҳамоиши миллӣ арзёбӣ мешавад. Ин вохӯрӣ заминаи мусоид барои идома ва таҳкими музокирот байни тарафҳои даргир фароҳам овард ва нақши муассир дар раванди ба ҳам омадани миллат ва барқарорсозии субот дар кишвар бозид.

Гуфтушунидҳои байни тоҷикон, ки бо ҳидоят ва ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо миёнҷигарии созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои минтақа дар давоми солҳои 1994-1997 баргузор шуд, ба натиҷаҳои назаррас оварда расиданд. Ин музокирот бо

имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар 27 июни 1997 дар Москва, ки ба анҷом расидани ҷанги хунин ва харобкунанда дар Тоҷикистон мусоидат кард, субот ва ваҳдати миллӣ, инчунин сулҳро ба кишвар баргардонд.

Маводи фарогири ин мавзуъро вобаста ба мазмун муҳаққиқон шартан ба тариқи зайл тасниф кардаанд: а) асарҳо ва баромадҳои Пешвои миллат [215, с.374]; б) ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-меъёрии давлатӣ ва байналхалқӣ; в) санадҳои сохторҳову муассисаҳои гуногун аз идораҳои давлатӣ то созмонҳои минтақавиву байналхалқӣ; г) адабиёти ёддоштӣ; д) матбуоти даврӣ, интернет.

Воқеан, Президенти мамлакат аз рӯзҳои аввал дар раванди сулҳ бевосита иштирок ва роҳбарӣ карданд ва бо мавқеи устувори хеш сулҳу суботро амалӣ сохтанд. Раванди соҳибистиқлолии Тоҷикистон бо қадамҳои устувор ба сӯи сулҳ ва ризоияти миллӣ роҳ кушод, ки ин барои пойдории давлат ва барҳам додани ҷанги шаҳрвандӣ нақши калидӣ дошт.

Мавзуоти мухталифи масоили мазкур дар асарҳои маҷмуӣ ва баромадҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон [215, с.374] ва раиси Комиссияи оштии миллӣ С.А. Нурӣ [143, с.360] таҷассум ёфтаанд.

Гурӯҳи дуюм фарогири санадҳои ҳуқуқии кишвар аст, ки Конститутсия, қонунҳо ва асноди қонунгузорӣ, хусусан қонунҳои охири солҳои 80-ум ва ибтидои 90-умро дар бар мегирад. Ин асноди оинномавии аҳзобу ҳаракатҳои сиёсӣ барои фаҳмидани шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва мавқеи сиёсии ҳизбҳо кумак мерасонанд.

Баррасии воқеии раванди сулҳи тоҷикон бо истифода аз ҳуҷҷатҳо ва санадҳои созмонҳои байналмилалӣ, ки дар танзими низоъ дар Тоҷикистон нақши фаъол доштанд, манбаи арзишманди сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳама бештар нақши намояндаи махсуси Котиби кулли СММ таъкид мешавад, ки бо пайгирии амиқи вазъ дар Тоҷикистон ва

истифодаи усули «дипломатияи мусолиҳатомез» байни ҷонибҳои даргир ва кишварҳои ҳамсоя кор карда, ҳамзамон гузоришҳои таҳлилӣ оид ба вазъи сиёсиро мунтазам пешниҳод мекард, ки ин ба пешбурди равандҳои сулҳ таъсири назаррас дошт.

Равандҳои сулҳи тоҷикон нишон доданд, ки ҳамкории созмонҳои байналмилалӣ ва дипломатиҳои мусолиҳатомез метавонад дар ҳалли муноқишаҳои дохилӣ нақши калидӣ дошта бошад. Таҷрибаи намояндаи махсуси Котиби кулли СММ шаҳодат медиҳад, ки пайгирии дақиқ ва чораҳои дипломатӣ барои расидан ба сулҳ ва суботи сиёсии минтақа муҳим мебошанд [5].

Дар барқарор шудани сулҳ дар Тоҷикистон, ки як равандҳои мураккаб ва бисёрҷабҳа буд, кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), хосса Русия, ҳамчун шарики стратегӣ, нақши калидӣ бозиданд. Таъсири ин кишварҳо дар раванди сулҳ на танҳо дар сатҳи сиёсӣ, балки дар таҳия ва тасдиқи санадҳои марбут ба вазъи сиёсии кишвар равшан аст, ки ин санадҳо ҳамчун манбаи муҳим ва нодир барои таҳлили воқеаҳои он замон ва фаҳмиши контексти геополитикии минтақа арзёбӣ мешаванд. Ҳамкории муназзам ва таъсири муассири кишварҳои ИДМ дар таъмини суботи Тоҷикистон таҷрибаи муҳиме барои тадбиқ дар минтақаҳои дигар ба шумор меравад.

Ҳуҷҷатҳои мувофиқавӣ, ки дар рафти гуфтушунидҳои байни тоҷикон ба имзо расидаанд, ҳамчун манбаи муҳим барои таҳлили раванди сулҳ ва барқарорсозии ризоияти миллӣ шомил мешаванд. Ҳарчанд марҳалаҳои ибтидоии музокирот бо мушкилот ва душворӣ ҳамроҳ буд, нашри Коммюникеҳои муштараки пас аз ҳар давр нишонаи он буд, ки ҷонибҳо қадамҳои устувор ба сӯи оштии миллӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои баҳснок меандешанд.

Ин ҳуҷҷатҳо на танҳо ҷузъиёти муҳокимашударо сабт менамоянд, балки ба таҳқиқгарон имкон медиҳанд, ки рушди стратегияи музокирот

ва таҳкими иртиботи байни ҷонибҳоро амиқтар дарк кунанд. Аз ин ҷиҳат, санадҳои мувофиқавӣ ҳамчун асоси ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои рушди равандҳои сулҳ ва суботи иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозанд [23].

Санадҳои муҳимми гуфтушунидҳои байни тоҷикон, ки дар «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ҷамъбаст шудаанд, ҳоло дар марҳалаи таҳқиқ қарор доранд. Сулҳи тоҷикон ҳамчун ҳодисаи нодир ва таҷрибае барои рушди раванди сулҳ дар ҷаҳон таҳқиқ мешавад.

Лозим ба зикр аст, ки асару мақолот ва рисолаҳои илмии дар ин мавзуъ таълифгардида дар давраҳои гуногун ба анҷом расидаанд. Осори таърихии ин давраро  ба се марҳала тақсим кардан мумкин аст: осори солҳои 1992-1997, ки дар давраи низоъ офарида шуданд; осори солҳои 1997-2000, ки дар даврони устуворшавии сулҳ ва марҳалаи баъди низоъ пайдо шуданд; осори баъд аз солҳои 2000 эҷодшуда.

Умуман, таҳлили раванди гуфтушуниди байни тоҷикон ҳамчун як таҷрибаи нодир дар пешбурди музокирот байни ҷонибҳои даргир, ки бо имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ анҷом ёфт, имконият медиҳад, ки дар бораи муфид будани ин таҷриба барои муқобила бо ҳодисаҳои монанд хулоса барорем. Теъдоди бузурги адабиёти мавҷударо муҳаққиқи муносибатҳои байналхалқӣ Х. Самиев [235, с.344-348] ба чунин гурӯҳҳои алоҳида тасниф кардаст, ки мо низ ақидаи ӯро ҷонибдорем: а) осоре ба таҳлили назариявии низои байни тоҷикон бахшидашуда [298, с.371]; б) осори муаррихон ва сиёсатшиносон вобаста ба минтақа ва фазои пасошуравӣ [298, с.371]; в) осори муҳаққиқон, ки бевосита ба ҷанги шаҳрвандӣ ва махсусияту марҳилаҳои давомёбии он бахшида шудаанд.

Гурӯҳи охиринро метавон ба бахшҳои таҳқиқи сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, равандҳои танзими низоъ, гуфтушунидҳо ва аҳамияти байналхалқии дастёбӣ ба сулҳ тақсим кард. Асарҳои ба нақши

сулҳофаринии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшидашуда низ шомили ин гурӯҳанд.

Аз таҳлили асарҳои муҳим, ба мисли «История таджикского народа» [94, с.438-488], «Бунёди давлатдории навин» [62, с.416] ва «Очеркҳои таърихи Тоҷикистон соҳибистиқлол» [171.463] бармеояд, ки масъалаҳои марбут ба гуфтушунидҳои миёни тоҷикон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ бо назари дақиқ ва муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин манбаъҳо ҳамчун асоси илмӣ ва таърихӣ барои дарки раванди мураккаби барқарорсозии сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ нақши муҳим доранд.

Асарҳои илмӣ ва публитсистӣ, ки ба оштии миллӣ ва барқарорсозии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд, аз назари сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ аҳаммияти зиёд доранд.

Дар байни онҳо бахусус асарҳои В. Бушков ва Д. Микулский [63, с.310], Р. Масов [124, с.244-250], Е. Белов [58, с.434], С. Махонина [127, с.168], Р. Абулҳаев [40, с.47-110] А. Достиев [79, с.204], И.Усмонов [267, с.552], К. Абдулов [37, с. 425], Ш.С.Саъдиев [240, с.28] ва дигарон арзиши баланди илмӣ дошта, рӯйдодҳои вижаи раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳи деринтизорро таҷассум кардаанд.

Азбаски сулҳи тоҷикон падидаи нодир дар фазои сиёсии ҷаҳон мебошад, роҷеъ ба масоили ҳаётан муҳим ҳам дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он таълифоти зиёди пажӯҳишӣ рӯи кор омада, аҳаммияти сиёсии ин равандро хеле барҷаста ва муҳим арёбӣ намуданд. Хоссатан, ин раванд таваҷҷуҳи аксар муаррихонро ба худ ҷалб намудааст, зеро чунин ҳодисаи нодир дар таърихи тоҷикон хеле муҳим ва ибратангез мебошад ва бори дигар тоҷиконро ҳамчун миллати тамаддунсоз ва сулҳовар дар сатҳи ҷаҳонӣ шиносонд.

Дар рисолаи номзадии собиқа сафири Федератсияи Русия дар Тоҷикистон Е.В. Белов [58, с.434] ва мақолаи Р. Абулҳаев масъалаҳои раванди гуфтушунидҳои миёни тоҷикон бо диққати ҷиддӣ таҳлил шудаанд.

Ин асарҳо хусусиятҳои гуфтушунидҳо ва иштироки давлатҳои кафилро дар раванди сулҳ ба таври дақиқ баррасӣ карда, нақши Созмони Милали Муттаҳид ва Русия дар ҳамоиши тоҷиконро низ ба таври васеъ таҳқиқ менамоянд.

Раванди гуфтушуниди байни тоҷикон дар як қатор таҳқиқот, аз ҷумла «Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон)» [223, с.236], асарҳои И.Усмонов [272, с.6-8], З. Саидов [230, с.112] ботафсил дарҷ гардидаанд. Маҷмуаи таҳқиқоти «Роҳи сулҳ» бо истифода аз санадҳои муҳимми таърихӣ ва манбаъҳои аслӣ, равандҳои гуфтушунидҳои миёни тоҷиконро дар доираи низоъ ва истиқрори сулҳ ба таври муфассал бозгӯ мекунад. Таҳқиқоти И. Усмонов, М. Тоштемиров ва З. Саидов бештар ба омилҳои низоъ, нақши созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои аъзои ИДМ дар расидан ба сулҳ равона шудаанд. Яке аз масоили муҳим дар маҷмуа ин таҳлили сабақҳои таърихӣ ва аҳаммияти байналмилалии сулҳи тоҷикон аст, ки таҷрибаи он ҳамчун намунаи муваффақ дар ҳалли низоъҳои дигар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ шудааст. Мақолаи муштараки Х. Самиев ва Ф. Мудатова бо истифода аз манбаъҳои расмӣ, ёддоштҳо ва протоколҳои гуфтушунид, сабабҳо ва омилҳои ҳалли низоъро бо равиши илмӣ ва воқеъбинона таҳлил намудааст.

Онҳо аҳаммияти байналмилалии сулҳи тоҷиконро асосан дар нуктаҳои зерин таъкид мекунанд:

«а) эътимоди қавии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон чун ба давлате, ки бунёди ҷомеаи демократиро ихтиёр кардааст ва дар ин азм устувор аст, пазироии он ба анҷумани хеш ва ниҳодҳо ва созмонҳои бузурги сиёсӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ;

б) эътирофи Тоҷикистон ҳамчун кишвари воқеан ҳам тарафдори таҳким ва тавсеаи арзишҳо ва муқаррароти байналмилалӣ ва фаъол дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва глобалӣ;

в) эътирофи Сарвари давлати Тоҷикистон ҳамчун шахсият ва сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, ки андеша, рафтор ва равиши давлатдории ӯ метавонад чун намунаи давлатмардони замони нав хидмат намояд» [234, с. 116-120].

Профессор А.Н. Маҳмадов дар китоби «Тоҷикистон дар масири Истиқлолият» идеологияи музокирот, вазъи геополитикӣ ва Консепсияи амнияти миллиро унсурҳои муҳимми муттаҳидсозии нерӯи миллӣ ва ҳамгироии сиёсӣ ва амниятии кишвар мебинад, ки барои таъмини суботи дохилӣ ва берунӣ муҳим мебошанд. Тафсири Маҳмадов барои дарки амиқи механизмҳои музокирот ва таҳкими истиқлолият дар Тоҷикистон заминаи назариявӣ ва амалӣ фароҳам меорад.

Ӯ қайд менамояд, ки “Дар натиҷаи кушишҳои зиёди Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва гуфтушунидҳои сиёсӣ бо Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳукумати Тоҷикистон тавонист Созишномаи сулҳи асоснокро ба имзо расонад, ки он тағйироти сохтори конистиутсионӣ, ҳалли масъалаҳои низомӣ, ҳуқуқӣ ва проблемаҳои гурезагонро пешбинӣ намуда буд. Баробари ба фаъолият шуруъ намудани Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ), татбиқи созишномаҳои имзогардида ва ҳамкории мунтазами он бо Ҳукумати ҷумҳурӣ боиси қатъи амалиётҳои низомии доманадор ва ба эътидол омадани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ гардид” [122, с.105].

Дар китоби «Межтаджикский конфликт: путь к миру» («Муноқишаи байни тоҷикон: роҳ ба сӯи сулҳ») гузоришҳои таҳлилӣ ва таҳқиқоти муаллифон ва муҳаққиқони тоҷик дар мавриди масъалаҳои мушаххаси муноқишаи дохилии тоҷикон ҷамъбаст гардидаанд. Ин маҷмуа бо таҳлили ҳамаҷониба ва систематикии омилҳо, равандҳо ва натиҷаҳои низоъ, инчунин роҳҳои ҳалли он, ба таҳқиқи муфассали

раванди сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ин асар ҳамчун як манбаи муҳимми илмӣ ва амалии омӯзиши низоъҳои дохилӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ хизмат мекунад.

Дар ин гузоришҳо як гурӯҳ муаррихон ва муаллифон ва шореҳони сиёсӣ бори дигар дар ин сатҳи баланди илмӣ аҳаммияти таърихӣ ва сиёсии сулҳи тоҷиконро баррасӣ намуда, ба таваҷҷуҳи ҳозирин аз афзалиятнокии ин падидаи нодири сиёсӣ сухан ба миён оварданд. Тадриҷан сулҳ ва оштии миллии тоҷикон дар марказҳои милии байналмилалӣ, таҳқиқотҳои алоҳида ва дастаҷамъона мавриди пажӯҳиш ва омӯзиш қарор дода шуд.

Асари арзишманди «Таджикистан: испытание независимостью» («Тоҷикистон: озмоиши истиқлолият») ба таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ-и таърихи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст [335]. Ин асар ҳамчун кӯшиши ҳамаҷонибаи таҳқиқи мунокишаи байни тоҷикон ва омилҳои он пазируфта мешавад. Ба ин тартиб, он манбаи муҳим ва пурмазмунест барои фаҳмиши равандҳои мураккаби таърихиву сиёсӣ дар Тоҷикистон.

Монография таҳти омодагӣ ва таҳлили 11 мутахассиси соҳаҳои гуногун таҳия шудааст, ки пайдарҳамии мантиқии мавзуъро дар таҳқиқот амиқ баён мекунад. Ҳар як фасли китоб ба мавзуъҳои мушаххас, аз ҷумла худогоҳӣ ва худмуайянкунии миллӣ, ҳамчунин андозаҳои гуманитарии низоъ бахшида шуда, ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳоро равшан месозад.

Гуфтушуниди байни тоҷикон ва раванди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар пажӯҳиши муҳаққиқони насли нав аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Ин падидаи нодири сиёсӣ дар таҳқиқотҳои муаррихони ватанӣ ва шореҳоне мисли Н. Салимов [233, с.135], М. Тоштемиров, З. Саидов [258, с.79] ва С. Фаттоев [273, с.127] васеъ

инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои онҳо ба фаҳмиши амиқтар ва таҳлили воқеаҳои мусоидат ба сулҳ дар Тоҷикистон саҳм мегузоранд.

Муҳаққиқони маъруфи асри XX, махсусан ҳодисаҳои сиёсӣ дар Тоҷикистонро дар солҳои 90-ум ба таври амиқ таҳлил кардаанд. Онҳо таъсири созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, мисли СММ ва САҲА, ҳамчунин давлатҳои кафили минтақаро дар равандҳои танзими муноқишаи тоҷикон бо эътимод таъкид намудаанд. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқот ин баррасии нақши муҳимми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар раванди расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ мебошад. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки нақши ӯ барои ба анҷом расонидани музокирот ва таҳкими сулҳ барҷаста ва муассир буд. Ин таҳқиқотҳо ҳамзамон манбаи арзишманде барои фаҳмиши равандҳои мураккаби сиёсӣ ва иҷтимоии он замон дар Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии А.А. Абдуқодиров [301, с.24] ва Д.А. Урунова [326, с.26] равандҳои барқарорсозии низоми сиёсӣ дар Тоҷикистон пас аз истиқлолият мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ин тадқиқотҳо сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҳизбҳои мухолифинро таҳлил мекунанд. Ҳамчунин равандҳои ҳамоии Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик бо таври муфассал шарҳ дода шудаанд.

Солҳои 2000-ум муаррихон ва шореҳони сиёсӣ паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва заминаҳои сулҳи тоҷиконро таҳқиқ намудаанд, ки саҳми онҳо дар баррасии воқеият назаррас аст.

Муаррихи тоҷик М.Г. Ганҷакова [309, с.213] дар рисолаи илмии худ таърихи сиёсати солҳои 90-умро таҳлил намудааст. Вай равандҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва гуфтушунидҳои байни мухолифин ва ҳукумати конститутсионӣ ро баррасӣ кардааст. Таҳқиқоти ӯ барои

фаҳмиши равандҳои сиёсӣ ва низоъҳои он давра манбаи муҳим маҳсуб мешавад.

Пажӯҳишгари масоили сиёсӣ Ш. Саймуддинов [323, с.152] бошад дар рисолаи илмии хеш давраи ба миён омадани оштии миллӣ дар Тоҷикистон ва аҳаммияти онро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба омилҳои дохилии ҳалли низоъҳои сиёсии Тоҷикистон бештар диққати махсус додааст. Як нуқтаро мебояд зикр кард, ки ҷанбаҳои сиёсии оштии миллӣ ва ваҳдати миллӣ низ ба таври бояду шояд дар рисолаи илмии Ф.К. Восиев [308, с.165] таҳлил гардида, мушкилиҳои ҷойдошта дар раванди мазкур муфассал баён гардидааст.

Бо дарназардошти он, ки дар рисолаи илмии мазкур масъалаҳои оштии миллӣ ва раванди ҳалли низоъҳои сиёсӣ дар солҳои 90-ум дар Тоҷикистон таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд, онҳо аз ҷиҳати масъалагузории илмҳои сиёсӣ сурат гирифта, барои илми таърих то андозае арзиши методологӣ ва хронологӣ доранд.

Дар ин асос метавон гуфт, ки раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, бахусус марҳалаи ниҳоии он бо фаъолгардонии шартномаҳои қаблан ноилшуда, ҳамчун намунаи нодир ва камёфт дар ҷаҳони муосир арзёбӣ мешавад. Ин раванд на танҳо нишон медиҳад, ки ҷонибҳои даргири низоъ тавонистанд бо роҳи музокирот ва ҳамоиши манфиатҳо ба созиш бирасанд, балки барои таҳқиқоти гуногуни илмӣ низ майдони васеъ фароҳам овардааст. Аз нуқтаи назари таърих ва таҷрибаи байналмилалӣ, чунин тарзи баҳамоии тарафи даргир назар ба дигар равандҳои сулҳ ва созишҳо камёб ва беназир аст, ки барои муҳаққиқон, муаррихон, сиёсатшиносон ва ҳуқуқшиносони дохилию хориҷӣ манбаи арзишманде гардидааст. Ин таҳқиқотҳо имконият медиҳанд, ки на танҳо сабабҳо ва шароитҳои расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон амиқ омӯзиш дода шаванд, балки инчунин таҷрибаи муфиди он барои ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва

байналмилалӣ истифода шавад. Аз ин лиҳоз, раванди сулҳ дар Тоҷикистон ҳамчун як намунаи барҷаста ва муваффақ барои барқарорсозии оромӣ ва таҳкими рисолатҳои демократӣ ба ҳисоб меравад.

## 3.2. Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва таҳқиқи он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ

Роҳандозии сулҳу субот миёни мухолифин ва Ҳукумати конститутсионӣ дар Тоҷикистон дар асоси фаъолияти комиссияҳои фаврии оштии миллӣ имконпазир гардида, аз оғози ин раванди мураккаб ва ҳассосу тақдирсоз ҷонибҳои даргир ҳалли мушкилотро маҳз тавассути чунин сохторҳои муштарак амалӣ месохтанд. Комиссияи оштии миллӣ барои мухолифин ва Ҳукумати конститутсионӣ имконият фароҳам овард, ки ба масъалаҳо бо эҳтиром ба манфиатҳои якдигар бингаранд ва ҳалли мушкилотро дар як фазои баробар муҳокима кунанд. Ин механизм боиси таҳкими равобити байни тарафҳо ва ёфтани роҳҳои сулҳомез барои баррасии баҳсҳо гардид.

Комиссияҳо василаи иртибот байни гурӯҳҳои мухталиф ва миллатҳо буданд, ки хунрезӣ ва ташаннуҷи сиёсиро мехостанд пешгирӣ намоянд. Онҳо ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон эҳтиром гузошта, равиши мувофиқро барои ҳалли муноқишаву нооромиҳо пеш гирифта, бо роҳи мусоиди сиёсӣ ва иҷтимоии суботи кишварро таъмин мекарданд. Ин комиссияҳои муштарак на танҳо ҳамчун заминаи музокирот хизмат намуданд, балки нақши муҳим дар барқарор кардани эътимод байни ҷонибҳоро бозиданд. Ин ниҳодҳо ба ташаккули муҳити боварибахш мусоидат намуда, боиси коҳиши шиддати муқовимат ва эҳёи иродаи сиёсӣ барои расидан ба сулҳ шуданд. Аз ин рӯ, нақши комиссияҳои муштарак дар амали шудани равандҳои сулҳсозӣ хеле калидӣ буда, онҳоро метавон ҳамчун механизми муассири мусолиҳаи сиёсӣ арзёбӣ

кард.

Яке аз мавридҳои муҳим дар раванди тақвияти фаъолияти комиссияҳои зудтаъсиси оштии миллӣ, вохӯрии таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ мебошад, ки рӯзҳои 10-11 декабри соли 1996 дар Хосдеҳи Афғонистон баргузор гардид. Ин дидор дар шароити мураккаби сиёсиву амниятӣ сурат гирифта, ба фазои муколама ва эътимоди сиёсӣ миёни ҷонибҳо нерӯи нав бахшид. Гуфтугӯ ва тавофуқоти бадастомада дар ҷараёни ин вохӯрӣ заминаи мусоиди амалӣ гардидани марҳалаҳои навбатии гуфтушунид ва рушди самараноки фаъолияти комиссияҳо гардид. Ин иқдоми муштарак ҳамчун як гардиши муҳимми таърихӣ дар таъмини сулҳу суботи устувор дар кишвар арзёбӣ мешавад.

Вохӯрии таърихии роҳбарони ду ҷониби даргир – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ дар Хосдеҳ на танҳо барои коҳиши танишҳои сиёсӣ, балки барои ба роҳ мондани марҳалаи нави гуфтушунидҳо заминаи воқеӣ фароҳам овард. Маҳз дар ҳамин мулоқот ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки бо мақсади роҳандозии марҳалаи гузариш ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шавад. Пас аз ин, дар 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Маскав вохӯрии навбатии ду роҳбар баргузор шуд ва дар он қарор дода шуд, ки Комиссия бо раҳбарии намояндаи мухолифин таъсис ёбад. Аъзои Комиссия бояд дар раванди гуфтушунидҳои минбаъда, махсусан мулоқоти 5 январи 1997 дар Теҳрон, тасдиқ мешуданд. Ин иқдом барои таҳкими равандҳои музокира ва пешбурди созишҳои оянда муҳим буд. Ин тасмим заминаи созишоти минбаъдаро муҳайё сохт.

Дар он давра, самтҳои калидӣ ва рисолати асосии Комиссияи оштии миллӣ чунин мушаххас гардида буданд: «расидан ба оштии

миллӣ бо роҳи амалисозии созишномаҳои дар раванди гуфтушунидҳо баимзорасида, ташкили фазои боварӣ ва якдигарфаҳмӣ, бо мақсади барқарорсозӣ ва таҳкимбахшии ризоияти шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба роҳ мондани гуфтугуи нерӯҳои мухталифи сиёсӣ» [21].

Талаботи иҷроиши созишномаҳое, ки ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳангоми роҳандозии раванди оштии миллӣ дар Тоҷикистон ба тасвиб расида буданд, ба нақшаи назарсанҷӣ ва амалӣ табдил гардиданд. Ба ҳар як тавофуқнома, ки бо мақсади таъмини субот ва оромӣ ба даст омад, на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ диққати зиёд дода шуд. Иҷрои созишномаҳо ва назорати онҳо вазифаи асосии Комиссияҳо ва маъмурияти махсус буд, ки барои мутобиқ гардонидани қарорҳо бо шароити воқеӣ таъсис ёфта буданд. Ҳадафи асосии иҷрои чунин созишномаҳо, махсусан дар масъалаи гурезаҳо, ба ватан баргардонидани онҳо ба роҳи мусолиҳатомез ва осоишта буд. Барои амалӣ кардани ин, зарур буд, ки заминаи иҷтимоӣ, иқтисодии ва ҳуқуқии кумак ба ин гурезаҳо фароҳам оварда шавад, то ки онҳо дар муҳити ором ва осоишта ба зиндагии худро баргардонанд. Беҳтар кардани шароити бозгашт ва таъмини ҳуқуқи онҳо ба талаботи ҷомеа ва ҳуқуқи байналмилалӣ зарур буд, ки дар ин робита Комиссияҳо ва мақомоти дахлдор нақши муҳим мебозиданд.

Дар робита бо фаъолияти ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ, инчунин воситаҳои ахбори омма, тағйирот ва таҳрироти қонунҳо ва муқаррароти дахлдор пешниҳод мешуданд. Ин тағйиротҳо ба манзури мутобиқ сохтани вазъият ба низоми сиёсии нав ва эҳтиром ба озодиҳои сиёсӣ ва ҷомеа пешниҳод мегардиданд. Ба ин восита, комиссияҳо ва дигар мақомоти дар заминаи оштии миллӣ, кӯшиш мекарданд, ки як заминаи қавии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои рушди демократия ва адолат дар кишвар таъмин намоянд.

Комиссияи оштии миллӣ дар ҳамбастагӣ бо Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон уҳдадор буд, ки як қатор вазифаҳои муҳимро ба анҷом расонад, ки онҳоро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кард. Мазмуни мухтасари онро ба таври зайл метавон овард:

Бо дарназардошти вазифаҳои дар назди Комиссияи оштии миллӣ гузошташуда, фаъолияти он ба ду самти асосӣ тақсим мегардид:

1. Масоили сиёсӣ: ин самт ба ташаккули сохтори нави ҳокимият ва танзими ҳуқуқии он равона шуда буд. Дар доираи ин раванд масъалаҳои омодасозии тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, таҳияи қонуни нави интихоботи парлумонӣ ва мақомоти маҳаллӣ, ҳамчунин таъсиси Комиссияи марказии интихоботӣ дар давраи гузариш баррасӣ мешуданд. Ғайр аз ин, ба шомил намудани намояндагони мухолифин ба сохторҳои иҷроияи давлатӣ бо дарназардошти таносуби сиёсӣ ва минтақавӣ аҳаммияти зиёд дода мешуд. Муайян кардани санаи интихоботи парлумонӣ бо иштироки нозирони байналмилалӣ низ дар мадди назар қарор дошт. Ин тадбирҳо барои таҳкими ҳокимияти конститутсионӣ ва рушди демократия дар кишвар нигаронида шуда буданд.

2. Масоили ҳарбӣ: ин самт ба танзими равандҳои марбут ба халъи силоҳ ва барқарории амният рабт дошт. Комиссия бояд раванди бесилоҳгардонӣ, парокандасозии гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин, бозгардони онҳо ба ҳаёти осоишта, мубодилаи асирон ва маҳкумшудагон, таҳияи санадҳо ва қонуни авфи умумиро роҳандозӣ намуда, ҳамзамон усули табдил додани ҳаракатҳои ҳарбию сиёсӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ ва ислоҳоти сохторҳои қудратиро таҳия ва назорат мекард.

Комиссияи оштии миллӣ ҳамчун як сохтори сиёсӣ ва амниятии мураккаб, дар раванди барқарории сулҳ, ҳамгароии миллӣ ва эътимодсозӣ байни гурӯҳҳои гуногун дар Тоҷикистон нақши муҳим ва ҳалкунанда бозид. Дар шароити ташаннуҷи сиёсӣ, ки пас аз ҷанги

шаҳрвандӣ дар кишвар ҳукмрон буд, Комиссия барои муттаҳид кардани тарафҳои мухталиф ва мусоидат ба раванди осоиштаи баргардонидани оромӣ ва сулҳ кӯшиш мекард. Бо истифода аз қарорҳои расмии қабулшуда ва ташаббусҳои мусолиҳатомез, Комиссия кӯшиш намуд, ки ҷонибҳои даргирро ба воситаи гуфтугӯ ва эътирофе аз манфиатҳои умумӣ барои ҳал кардани мушкилот роҳнамоӣ кунад.

Бо вуҷуди ин, ҷиҳати асосии эътимод ва амали мувофиқ дар ин раванд ин буд, ки қарорҳои Комиссия бо иштироки Президент ба тасвиб расида буданд ва бояд дар ҳар ҳолат бе таъхир ва тасаввуроти ғайриқонунии дигар амалӣ мегардиданд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар рӯи вазифа қарор доштанд, ки ин қарорҳоро бидуни хилоф ва бо эҳтиром ба қонун дар амал иҷро кунанд, зеро амалияи дуруст ва масъулияти давлатӣ дар иҷрои онҳо ба таъмини сулҳ ва субот дар ҷомеа кумак мерасонид. Ба ин тартиб, мувофиқат бо муқаррароти қонун ва фаъолият дар доираи созишномаҳои расмӣ барои фароҳам овардани як фазои сулҳомез ва амниятӣ зарур буд.

Ба охиррасии муҳлати фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар ҷаласаи аввалини Парлумони нав ва ба воситаи роҳбарияти мақомоти он муайян карда мешуд [21].

Комиссияи оштии миллӣ ҳамчун як ниҳоди калидӣ дар марҳалаи баъдиҷангии Тоҷикистон бо салоҳиятҳои густурда таъсис ёфт, то гузариш аз низои шаҳрвандӣ ба сулҳи пойдорро таъмин намояд. Дар Изҳороти муштараки ҷонибҳо (19 январи соли 1997) вазифаҳо, сохтор ва таркиби шахсии он ба таври равшан муайян гардид ва кафолати амнияти аъзои он махсус зикр шуд.

Қабули Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ дар мулоқоти Машҳад (21 феврали 1997) чаҳорчӯбаи ҳуқуқии фаъолияти Комиссияро муайян намуда, нақши муҳим ва аслӣ дар таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдати миллӣ ва барқарории сулҳ таъкид кард. Дар асоси ин санад

қарор дода шуд, ки нақшаи амали сулҳ ва оштии миллӣ бояд танҳо дар доираи қарорҳои расмии қабулшуда амалӣ гардад. Ба ин тартиб, фаъолияти Комиссия пас аз имзои санадҳои сиёсиву низомӣ шуруъ гардид, ки ин як марҳалаи муҳим дар раванди барқарории сулҳ дар кишвар буд. Дар ниҳоят, натиҷаҳои кори Комиссия дар ҷаласаи нахустини Парлумони нави Тоҷикистон эълон мегардид, ки дар он қарорҳои ниҳоӣ ва дастовардҳои сулҳ тасвиб мешуданд.

Комиссия бо риояи принсипи баробарӣ таъсис ёфта, ҳайати он аз 26 нафар, ки намояндагони Ҳукумат ва Иттиҳоди мухолифини тоҷикро шомил мекард, иборат буд. Роҳбарии Комиссия ба намояндаи мухолифин дода шуда, ки ин ишора ба эътирофи ҳуқуқи мухолифон ва зарурати ҳамкории байни тарафҳои мухталиф мекунад. Муовини раис, ки аз ҷониби Ҳукумат таъин мешуд, вазифаи мусоидат ва назорат дар кори Комиссияро бар ухда дошт.

Ҳамаи аъзои Комиссия ба таври доимӣ фаъолият мекарданд ва тағйири онҳо танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, ба монанди ғайриимкон шудани иҷрои вазифаҳо, иҷозат дода мешуд [29].

Минбаъд чунин нафарон ба ҳайати Комиссияи оштии миллӣ шомил карда мешавад:

**Рӯйхати аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ аз ҷониби ҳукумат:**

1. Абдуразоқов Абдуманнон;

2. Алиев Зариф Малахович;

2. Абдуразоқов Абдуманнон;

3.Додхудоева Басгул;

4.Достиев Абдумаджид;

5.Зуҳуров Шукурҷон;

6.Масов Раҳим;

7.Олимов Кароматулло;

8.Пулодов Ҳомид;

9.Раҳмонов Тағай;

10.Усмонов Иброҳим Кенҷаевич;

11.Ҳайдаров Хайрулло;

12.Ҳомидов Халифабобо;

13.Шоев Шермаҳмад Тешаевич.

**Рӯйхати аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ аз ҷониби Иттиҳоди мухолифини тоҷик:**

1.Сайид Абдулло Нурӣ;

2. Атобек Амирбеков;

3. Муҳаммадшариф Ҳимматзода;

4.Отахон Латифӣ;

5.Файзиддин Имомов;

6.Абдунабӣ Сатторов;

7.Муҳаммадалӣ Файзмуҳаммад;

8.Қиёмиддин Ғозиев;

9.Ҷума Ниёзов;

10.Мансур Ҷалилзода;

11.Каримов Абдураҳим;

12.Сангинов Ҳабиб;

13.Мирзоҳодиев Мирзомуҳаммадӣ [29].

Барои таъмини амнияти аъзои Комиссияи оштии миллӣ, ки мақоми дахлнопазир доштанд, як гурӯҳи махсуси ҳарбӣ бо 80 нафар ташкил гардид, ки принсипи баробарии ҷонибҳоро риоя мекард. Ин гурӯҳ масъулияти ҳифзи аъзои Комиссияро дар раванди муҳимми оштии миллӣ бар ӯҳда дошт. Ҳамзамон, қарор ёфт, ки маркази фаъолияти Комиссия дар шаҳри Душанбе ҷойгир шавад, ки ин қадам барои муттаҳидсозии тарафҳои сиёсӣ ва беҳтар кардани ҳамоҳангии фаъолиятҳои онҳо замина фароҳам овард.

Барои иҷрои вазифаҳои тахассусӣ дар сохтори он чаҳор зеркомиссия – сиёсӣ, низомӣ, ҳуқуқӣ ва паноҳандагон – ташкил карда шуд, ки ҳар яке масъалаҳои муҳимми давраи гузаришро баррасӣ менамуданд.

Қобили зикр аст, ки фаъолияти зеркомиссияҳо барои татбиқи муқаррароти созишномаҳо ва иҷрои уҳдадориҳои тарафайн аҳаммияти калидӣ дошт. Зеркомиссияҳои мазкур на танҳо роҳҳои расидан ба сулҳро пешниҳод менамуданд, балки ҷараёни иҷрои онҳо ва риояи меъёрҳои ҳуқуқиро низ назорат мекарданд. Мулоқоти 27 июни соли 1997, ки дар шаҳри Маскав баргузор гардид, ҳамчун як марҳалаи муҳимми равандҳои оштии миллӣ ва барқарорсозии сулҳ дар Тоҷикистон муаррифӣ мешавад. Дар ин вохӯрӣ, ҷонибҳои муқобил ба баррасии масъалаҳои калидӣ, ки ба танзими осоиштаи низоъ ва таҳкими эътимоди тарафайн рабт доштанд, пардохтанд. Имзо шудани Созишномаи умумии барқарорсозии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ин мулоқот, баръало нишон дод, ки тарафҳо барои раванди сулҳ, ки ба муддати тулонӣ дар кишвар хомӯш буд, як қадам ҷиддии дигар ба пеш бардоштанд.

Протокол, ки дар натиҷаи ин мулоқот ба имзо расид, ба якдигарфаҳмии байни ҷонибҳо ишора мекард ва ёдоварӣ менамуд, ки Комиссияи оштии миллӣ вазифадор шуд, ки то 7 июли соли 1997 дар шаҳри Маскав барои мусоидат ба татбиқи ин созишҳо ва ҳамоҳангсозии тадбирҳои зарурӣ даъват шавад. Ин қарор, ки дар он таъкид карда мешуд, ки Комиссия ба таҳкими сулҳ ва дастовардҳои ба даст оварда дар заминаи созишномаҳо кӯмак мерасонад, аҳаммияти хоссае дошт. Мулоқоти Маскав иқдоми сулҳовар дар раванди оштии миллӣ буд, ки самари он ба ҳамагон маълум аст.

Бояд таъкид кард, ки имзои Созишномаи сулҳ танҳо қадами аввал набуд, балки оғози марҳалаи нави рушди ҷомеа ва таҳкими давлатдории

миллӣ ба ҳисоб мерафт. Комиссия вазифадор буд, ки бо такя ба ҳадафҳои стратегӣ, манфиатҳои умумиҷамъиятӣ ва эҳтироми арзишҳои инсонӣ, раванди сулҳро ба як воқеияти устувор табдил диҳад.

Ҳамин тавр, 4 июли соли 1997, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фармоне таҳти унвони «Дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ» ба имзо расониданд. Ин фармон як қадами расмии муҳим дар раванди оштии миллӣ ва барқарорсозии сулҳ дар кишвар буд. Эълони ин фармон аз тариқи воситаҳои ахбори умум ба ҷомеа, на танҳо ба як қадам дар татбиқи созишномаҳои сулҳ, балки ба як таҳаввулоти муҳим дар сохторҳои сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар табдил ёфт. Таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ҳамчун сохтори асосии татбиқи сулҳ, ба мақсади муттаҳидсозии ҷомеа ва роҳандозии тадбирҳои осоиштаи баҳамоии байни тарафҳои даргир, нақши муҳиме дар барқарории субот дар Тоҷикистон иҷро мекард. Ҳамин санад оғози марҳалаи нави ба низом даровардани вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар ба ҳисоб мерафт. Баъдан, дар рӯзҳои 7-11 июли ҳамон сол Комиссияи оштии миллӣ кори худро аз шаҳри Москва оғоз намуд. Дар нахустин ҷаласаҳои худ аъзои Комиссия ба масъалаи бахшиши мутақобила ва эълони авфи умум таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карданд. Натиҷаи чунин мулоқотҳо ин шуд, ки рӯзи 14 июли соли 1997 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати махсусе тасдиқ гардид, ки дар он масъалаи бахшидан ва авфи тарафҳо расмият дода шуд. Қонуни авфи умум бошад, рӯзи 1 августи соли 1997 дар иҷлосияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, бо ҷонибдории аксарияти вакилон қабул карда шуд. Ин қадам ҳамчун рамзи оғозёбии фазои нави эътимод, таҳкими субот ва пояҳои сулҳи устувор дар сарзамини мо ба ҳисоб мерафт. Ба ин васила, ташкили Комиссияи оштии миллӣ ва қабули санадҳои расмӣ оид ба бахшиш ва авфи умум як нуқтаи калидӣ дар раванди барқарорсозии давлатдорӣ ва

мустаҳкам намудани ваҳдати миллӣ гардид. Ин тадбирҳо замина фароҳам оварданд, то ҷомеаи тоҷик ба роҳи сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва пешрафти давлат қадам гузорад.

Мутобиқ ба санадҳо ва тавофуқномаҳои қаблӣ, интизор мерафт, ки раиси Комиссияи оштии миллӣ ва раҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ рӯзи 9 сентябри соли 1997 ба Душанбе ташриф оварад, вале пас аз музокироти иловагӣ ташрифи ӯ ба 11 сентябр гузошта шуд. Дар ин рӯз намояндагони давлатӣ, аз ҷумла муовини раиси Шурои Олии Тоҷикистон ва аъзои Комиссия бо иштироки намояндагони давлатҳои кафили сулҳ ӯро расман истиқбол карданд. Ин вохӯрӣ ва нишасти пас аз солҳои тӯлонӣ ҷонибҳои муқобил дар Душанбе рӯзи 15 сентябр ба оғози марҳалаи нави музокироти сулҳ ва баҳрабардорӣ аз роҳи таъмини субот дар кишвар мусоидат намуд. Дар ҳамоиши мазкур Комиссияи оштии миллӣ ба баррасии масъалаҳое, ки ба доираи ваколати он ворид мегардиданд, шуруъ намуд. Пеш аз ҳама, ҷонибҳо оид ба роҳу усулҳои татбиқи амалии асноди то он вақт ба имзо расида гуфтугӯ намуда, қарорҳои заруриро қабул карданд. Тавре ки дар боло ишора шуд, КОМ ба чор зеркомиссия тақсим карда шуда буд. Дар рӯзҳои аввали фаъолият зеркомиссияҳо нақшаҳои кори худро таҳия намуда, қариб ҳар рӯз маҷлисҳои корӣ мегузарониданд ва аз натиҷаҳои фаъолият хулосабарорӣ менамуданд. Ҳар рӯзи душанбе тамоми аъзои КОМ барои пешниҳоди ҳисоботи зеркомиссияҳо назди раиси комиссия ва муовини ӯ ҷамъ меомаданд. Зеркомиссияи масоили ҳуқуқӣ асосан бо иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи умумӣ» ва мувофиқи созишномаҳои тарафҳо фаъолият мекард. Ин зеркомиссия масъулияти аз ҳама нозук ва муҳимро ба уҳда дошт, зеро барқарор кардани эътимод миёни тарафҳо танҳо тавассути риояи қонун ва таъмин кардани ҳуқуқҳои баробар имконпазир буд. Бо чунин роҳ, Комиссияи оштии миллӣ ба сифати як ниҳоди олии ҳамоҳангсоз қадами аввалро ба

сӯи барқарории сулҳи устувор, таҳкими итминон ва эъмори ҷомеаи орому суботманд дар Тоҷикистон гузошт. Ҳамзамон ёдовар бояд шуд, ки зеркомиссияи фақуззикр дар тули амалкарди хеш басноди меъёрию ҳуқуқии созмонҳои байналхалқӣ таваҷҷуҳи махсус доштанд.

Фақат дар муддати ду ҳафтаи аввал зиёда аз 1236 шаҳрванди мамлакат барои кумак ва ёрӣ ба КОМ муроҷиат намуда буданд [325, с.159].

Гурӯҳи махсуси шашнафарӣ бо иштироки баробари ҷонибҳо барои дастгирии ҳуқуқии ҷабрдидагон ва наздиконашон, ки маълумоти онҳо номаълум аст ё пайвандонашонро аз даст додаанд, таъсис ёфта, роҳбари он О. Латифӣ буд.

Комиссияи оштии миллӣ дар асоси қарори расмии худ вазифадор гардид, ки парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи умумӣ» озод гардида буданд, таҳқиқ ва баррасӣ кунад. Қонуни мазкур, ки бо мақсади мусоидат ба озод кардани нафарони маҳкумшуда, ки дар ҷараёни равандҳои сулҳ ва оштии миллӣ иштирок мекарданд, қабул гардида буд, барои раванди барқарорсозии сулҳ ва якдигарфаҳмии миллӣ муҳим буд. Вале, барои таъмини адолат ва эътимодсозии ҷомеа, муҳим буд, ки парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки тибқи ин қонун авф гардидаанд, дуруст ва амиқ баррасӣ шаванд.

Бар асоси фармони Комиссия, дар соли 1997, ки тибқи он як муҳлати муайян (то ноябр) барои омӯзиш ва таҳқиқи парвандаҳо таъин гардид, аз 700 парванда 500-тои онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ин баррасии амиқ барои муайян кардани дурустии озод кардани афроди мазкур ва тавсеаи раванди оштии миллӣ зарур буд. Комиссия бояд бо назардошти вазъи иҷтимоии ҳар як парванда ва эҳтимолияти таҳкими сулҳ, барои ҳар парвандаи ҷиноятӣ, ки шахс озод шуда буд, чораҳои зарурӣ қабул менамуд.

Ҳадафи асосии ин раванди таҳқиқот, ки бо муназзами таҳлил ва

баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ анҷом меёфт, таъмини амнияти ҷомеа аз шахсони таҳти авф қароргирифта ва эҳтимолияти дурустии раванди авф ва шомил кардани афроди ғайриқонунӣ озодшуда ба ҷомеа дар асоси рисолат ва одилона баррасӣ намудани ин ҳолатҳо буд. Аз ин рӯ, чораҳои қабулшуда бояд на танҳо ба эътимодсозӣ ва эълони озодӣ нигаронида мешуд, балки дар ҳамин вақт ба таҳкими субот ва амнияти умумии ҷомеа низ кумак мекард.

Бар асоси хулосаи Комиссияи оштии миллӣ, Ҳукумат иҷозат дод, ки 161 маҳбус, ки тибқи Қонуни «Дар бораи авфи умумӣ» таҳти баррасӣ қарор гирифта буданд, озод шаванд. То 20 октябри соли 1997, 78 нафари онҳо раҳо шуданд, ки аз ин 58 нафарашон намояндагони мухолифин ва 20 нафар дигар  ғайримухолифин буданд.

Ин иқдом, ки дар доираи раванди сулҳ ва оштии миллӣ амалӣ шуд, нақши муҳим дар таҳкими эътимод ва ҳамоҳангии байни давлат ва мухолифин дошта, барои суботи ҷомеа мусоидат намуд [5].

8 октябри 1997, зеркомиссияи Комиссияи оштии миллӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мизи гирд баргузор кард, ки дар он намояндагони ҳукумат, ҳуқуқшиносон ва ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок карданд. Муҳокимаҳо ба тағйирот ва иловаҳо ба Конститутсия равона шуд. Аъзои зеркомиссия дар таҳия ва баррасии лоиҳаҳои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ саҳми муҳим гузоштанд. Ҳамзамон, зеркомиссия оид ба масъалаҳои ҳарбӣ дар татбиқи «Протокол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ» фаъолона ширкат дошт ва иҷрои протоколҳои қаблӣ оид ба реинтегратсия ва аттестатсия мунтазам масъалагузорӣ мешуд.

Вазифаи зеркомиссия татбиқи пурраи ин санадҳо буд, ки барои таъмини суботи низомӣ ва мустаҳкамсозии ҳамкорӣ дар раванди оштии миллӣ аҳаммияти калон дошт.

Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки ҳамеша байни ҳукумат ва иттиҳоди мухолифин баҳсҳои шадидро ба бор меовард, ҷамъоварии силоҳ ва

аслиҳа буд. Дар натиҷаи ин мушкилот, Ҳукумати Тоҷикистон аз ноябри 1992 то апрели 2000 панҷ фармон барои мусодира кардани яроқ ва аслиҳаи ғайриқонунӣ қабул намуд, ҳамчунин се фармони дигар барои авфи иштирокчиёни ҷанги шаҳрвандӣ содир кард [79, с.204].

Таъкид кардан муҳим аст, ки дар раванди бесилоҳгардонӣ, ҷамъоварии неруҳои ҳарбии мухолифин ва гузаронидани аттестатсияи давлатӣ ба онҳо, нақши ин зеркомиссия хеле назаррас буд.

Узви фаъоли комиссияи оштии миллӣ ба натиҷаи кории ин зеркомиссия баҳои баланд дода, чунин менависад:

“Дар самти реинтегратсия ва аттестатсияи неруҳои ҳарбии мухолифин ҳамчунин нозирони ҳарбии СММ, ки бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Тоҷикистон омада буданд, низ саҳми беандоза гузоштаанд” [149, с.250].

Барои беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти зеркомиссияҳои тобеъи худ, Комиссияи оштии миллӣ ба иқдомҳои мушаххас рӯ меорад. Дар ин замина, тибқи супориши Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси КОМ Абдуллоҳи Нурӣ, зеркомиссияи масъалаҳои ҳарбӣ, Комиссияи муштараки тиббӣ ва Комиссияи муштараки аттестатсионӣ таъсис дода шуд, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ кор мекарданд ва роҳбарии онҳоро раиси зеркомиссияи ҳарбӣ Ҳабиб Сангинов, намояндаи мухолифин, бар уҳда дошт.

Комиссияҳои мазкур раванди ташхиси тиббии ҷангиён, реинтегратсияи неруҳои мусаллаҳи мухолифин ва парокандасозии онҳоро назорат менамуданд [325, с.159].

Се моҳи аввали фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар ҳалли масъалаҳои ҳарбӣ ба дастовардҳои муҳим ноил гашт. Аз сентябри 1997, бақайдгирии ҷангии мухолифин, ки дар Тоҷикистон қарор доштанд, оғоз ёфт. Дар минтақаҳои Тавилдара ва Ғарм, беш аз 1000 нафар ба қайд гирифта шуданд, ҳамзамон масъалаи бозгардонии ҷангӣёни мухолифин

аз Афғонистон низ то андозае ҳал шуд. Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар охири сентябр ба ҳукумат муроҷиат намуда, иҷозат хост барои бозгардонии 260 ҷангӣ ва воруди онҳо ба Қалъаихумб, вале бо сабаби вазъияти муташанниҷи Афғонистон, ин раванд ба таъхир афтода, ҷангӣён то муҳлати муайяншуда ба он ҷо нарасидаанд; ин ҳолат бо қарори КОМ, ки гурӯҳҳои мусаллаҳ бояд то 16 ноябри 1997 намояндаашонро муайян кунанд, ҳамоҳангӣ дошт.

Агар то 16 ноябри соли 1997 мавқеи гурӯҳҳои мусаллаҳ муайян намегардид, фаъолияти онҳо ғайриқонунӣ эътироф шуда, ба таври маҷбурӣ беяроқ ва безарар карда мешуданд [10]. Вобаста ба вазъ ин раванд бо сабабҳои гуногун то анҷоми фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ давом мекунад.

Дар мақолаи Серкова В.В. «К вопросу о двойственном характере прав человека», ки дар маҷмуаи “Власть силы, сила власти” ба нашр расидааст, ин масъала хуб арзёбӣ шудааст. Дар ду марҳалаи аввалини фаъолияти худ, зеркомиссияи ҳарбӣ беш аз 6842 ҷангии неруҳои мусаллаҳи мухолифинро ба қайд гирифтааст, ки аз ин теъдод 6079 нафар пас аз ташхиси тиббӣ барои пайвастан ба сафи қувваҳои мусаллаҳи миллӣ омода дониста шуданд. Ин нишон медиҳад, ки зеркомиссия на танҳо ба сабти аъзои неруҳо аҳаммият медод, балки равандҳои тиббӣ ва омодагӣ барои ҳамоҳангсозии онҳоро бо қувваҳои давлатӣ низ мунтазам амалӣ мекард.

Дар ин давра, 6764 нафар барои аттестатсияи давлатӣ пешниҳод шуданд, ки 4275 нафарашон пас аз ташхиси тиббӣ барои хизмат дар мақомоти қудратӣ тавсия шуданд, ва 2430 нафари боқимонда бо хоҳиши худ ва тавсияи Комиссияи муштараки аттестатсионӣ ба корҳои шаҳрвандӣ ва мулкӣ мегузаранд.

Зеркомиссияи КОМ оид ба масъалаҳои сиёсӣ вазифаи хеле мураккабро бар дӯш дошт, зеро бояд 30% мансабҳои давлатӣ ба

намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик супурда мешуд. Ҷустуҷӯи ҷойгоҳҳо ва номзадҳои сазовор дар семоҳаи аввали фаъолият кори душвор ва тақозои таҳлилҳои дақиқро дошт. Ҳамзамон, зеркомиссия вазифадор буд равандҳои озодсозии асирони ҳарбиро тибқи санадҳои тасдиқшуда ба роҳ монад. Дар ин замина, дар сентябри соли 1997 бо ширкати намояндагони СММ ва Неруҳои сулҳофари ИДМ дар Тавилдара ду гурӯҳи асирон, ки беш аз 119 нафарро ташкил медоданд, аз маҳбасҳои сунъии мухолифин раҳо гардиданд.

Комиссия ва ҳайати кори он масъули назорат ва таъмин намудани иҷрои талаботи «Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ» буданд, ки дар вохӯрии байни Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ моҳи майи соли 1997 дар Бишкек имзо гардид. Ҳуҷҷат меъёрҳои асосии ташаккули сохтори сиёсӣ дар давраи баъдиҷангро муайян намуда, ба чор бахш тақсим мешуд, ки ҳар кадом ба масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, аз қабили авф, қонунгузорӣ, интихобот ва ислоҳоти мақомот тамаркуз дошт. Илова бар ин, зеркомиссияи масъалаҳои гурезаҳо ба татбиқи меъёрҳои «Протокол оид ба масъалаи гурезагон», ки пеш аз ин 13 январи 1997 дар Теҳрон ба имзо расида буд, равона карда шуд.

Зеркомиссия аз рӯзҳои аввали фаъолияташ натиҷаҳои назаррас нишон дода, барои баргардонидани гурезаҳо ба Ватан талошҳои зиёд ба харҷ дод. Бо вуҷуди ин, дар ин раванд мушкилиҳои зиёд мавҷуд буданд, ки ҳаллу фасли онҳо на ҳамеша аз иродаи аъзоёни зеркомиссия вобаста буд ва баъзан онҳо дар ҳалли баъзе масъалаҳо оҷиз мемонданд. Зеркомиссия диққати аслии худро ба вазъи гурезагоне равона карда буд, ки дар Афғонистон қарор доштанд ва бо дарназардошти вазъи мураккаби сиёсию низомии он кишвар барои ҳарчи зудтар таъмин намудани шароити баргардонии онҳо ба Ватан кӯшиш мекарданд. Бо вуҷуди амалиётҳои ҳарбии Толибон дар октябри 1997, беш аз 6700

гурезагон аз моҳи июл то 18 октябр ба Тоҷикистон баргашта, Комиссияи оштии миллӣ тавассути муроҷиат ба ҷомеа даъват намуд, ки ба ин гурӯҳ дар ҳама ҷабҳаҳо кумак расонанд.

Дар охири моҳи сентябр ва аввали октябр, мушкилоти баргардондани зиёда аз 6000 гуреза, ки дар манзили муваққатии Сахӣ, наздик ба Мазори Шариф ҷойгир буданд, ба як мавзуи нигаронкунанда табдил ёфта буд. Ин ҳолат бо амалиёти низомии дастаҳои гуногуни афғон, ки дар атрофи манзил ҷойгир шуда буданд, мураккаб мешуд. Ҳангоми яке аз амалиётҳо, 4 гуреза ҷони худро аз даст доданд ва 40 нафар дигар ҷароҳат бардоштанд. Ба ин ҳолат, ки бо дархостҳои чандин маротиба аз қисмҳои низомии афғон барои муваққатан боздоштани амалиётҳо ва ташкил кардани шароити баромади гурезагон, ноумедӣ оварда буд, ҳеҷ як посухи мусбати ҷиддӣ дода намешуд. Вазъ ором гашта, танҳо аз 24 октябри соли 1997 раванди бозгашти гурезагон оғоз ёфта, то охири декабр пурра анҷом ёфт, ки ин раванд ба оромии нисбии минтақа ва муҳити сиёсӣ вобаста буд. Шаҳрвандоне, ки дар солҳои 1992–1993 маҷбур шуданд қаламрави Тоҷикистонро тарк кунанд ё макони зисти худро тағйир диҳанд, ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешуданд: гурезагони сиёсӣ, ки асосан роҳбарон ва фаъолони Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби демократӣ, ҳаракати «Растохез» ва ҷамъияти «Лаъли Бадахшон», намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик буданд; гурезагони низомӣ, ки дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок доштанд; ва гурезагони маҳаллӣ. Ин тақсимот нишонаи фарқиятҳои назарраси иҷтимоиву сиёсӣ ва мақсадҳои гуногуни гурӯҳҳо буд, ки барои баргардонидани онҳо стратегияҳои мушаххасро талаб мекард.

Ба гурӯҳи гурезагони маҳаллӣ бошад, аҳолии осоишта шомил мегардиданд, ки қисмате аз онҳо тарки кишвар карда ба ҷумҳуриҳои гуногун рафта буданд, вале қисми зиёдашон бо мақсади ҳифзи амнияти худ танҳо маҳалли зисташонро дар дохили Тоҷикистон иваз намуданд.

Дар доираи татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, Созмони Милали Муттаҳид давлатҳои омодаи ёрӣ ба Тоҷикистонро барои иштирок дар як ҳамоиши байналмилалӣ даъват намуд. Ин ҳамоиш рӯзҳои 24–25 ноябри соли 1997 дар шаҳри Вена, пойтахти Австрия баргузор гардид. Дар кори он намояндагони 45 кишвар, 15 сохтору зерсохтори СММ ва 17 созмони минтақавию байналмилалӣ ширкат варзиданд. Ин нишаст саҳми муҳим дар раванди таҳкими сулҳ, эътидол ва суботи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон гузошт. Гурӯҳбандии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифта, ба ҳайати он ҳамчунин роҳбари мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва дигар намояндагони онҳо низ ворид гардиданд. Ҳадафи асосии баргузории ин конфронс дар ҷамъоварии маблағи 65 миллион доллари ИМА ифода меёфт, ки он барои татбиқи амалии созишномаҳои қаблан ба имзот расида зарур шумурда мешуд. Дар фарҷоми нишаст эълон гардид, ки маблағи ҷамъшуда аз 96 миллион доллари амрикоӣ бештар мебошад. Аммо қисми зиёди ин маблағҳо барои ёрии башардӯстона равона гардида, танҳо 39 миллион доллари он бо ҳадафҳои аввалияи конфронс мувофиқат мекард. Бо вуҷуди он ки ҷонибҳо ва иштирокчиёни конфронс раванд ва марҳалаи таҳкими сулҳи тоҷиконро ҳамаҷониба ҷонибдорӣ намуданд, боз ҳам баҳсу баррасӣ атрофи ноороми вазъияти кишвар зиёд буд. Зеро то санаи 16 ноябри соли 1997 шумораи зиёди гурӯҳҳои мусаллаҳ ва ҷиноятпеша ба таври расмӣ худро на намояндаи ҳукумат ва на тарафи мухолифин эълон надода буданд.

Ин гурӯҳҳо баъдан ба омили асосии нооромиҳо табдил ёфтанд. Муҳаққиқи тоҷик Маҳмадов А.Н., ки пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ба ҳайати Комиссияи ҳукуматӣ дохил шуда буд, фаъолияти ғайриқонунии гурӯҳҳои мусаллаҳро хеле дақиқ ва воқеъбинона тасвир намудааст. Аз таҳлили мухтасари гуфтаҳои

муҳаққиқ Маҳмадов А.Н. бармеояд, ки дар моҳи августи соли 1997 дар минтақаи Кофарниҳон ҳудуди 11 гурӯҳи мусаллаҳи ғайриқонунӣ бо роҳбарони муайян ба монанди Исматов Қосим, Юнусов Нозим, Қурбонов Раҳмон, Файз ва дигарон посгоҳҳои сайёр ташкил намуда, аҳолиро таҳқир ва озор медоданд. Илова бар ин, дар давраи омадани гурӯҳи Ризвон Садиров, дар маҳаллаҳои гуногуни ноҳияҳои Ленин, Кофарниҳон ва Варзоб дидбонгоҳҳои махсус ва ғайриқонунӣ муқаррар карда мешуданд, ки вазъи амниятиро мураккаб менамуд. Ҳамчунин, гурӯҳҳои Сангинов Раҳмон (Раҳмон Гитлер) ва Муаккалов Мансур, ки дар Теппаи Самарқандӣ ва Роҳатии ноҳияи Ленин ҷойгир буданд, пай дар пай посгоҳҳои ғайриқонунӣ мегузоштанд, ки ин ҳолат ба таҳкими амнияти минтақа халал мерасонд.

Аз таҳлили маълумот бармеояд, ки дар вилояти Кофарниҳон ва ноҳияҳои атроф дар моҳи августи соли 1997 гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ бо фаъолияти посгоҳҳои сайёр ва дидбонгоҳҳои махсус амнияти ҷомеаро ҷиддан халалдор карда, боиси таҳдид ба оромии мардум гардиданд [122, с. 105].

Ин ҳодиса ҳамчун намунае аз таъсири манфии фаъолияти ҷиноии гурӯҳҳои мусаллаҳ бар амнияту суботи иҷтимоӣ шинохта мешавад. Дар 18 ноябри соли 1997, ду шаҳрванди Фаронса, ки ба мақсади кумаки гуманитарӣ дар Душанбе қарор доштанд, аз ҷониби дастаи ҷиноии таҳти раҳбарии Ризвон Садиров рабуда шуданд. Ин амалиёти гурӯҳи ҷиноӣ бо мақсади таъмини озодии бародари раҳбари гурӯҳ, ки дар доираи ҳукумат барои иштироки ҷиноӣ зери муҷозот қарор дошт, анҷом ёфт. Амалиёти бесилоҳсозии неруҳои дахлдор дар 30 ноябри ҳамон сол бо тирандозии байни тарафҳо анҷом ёфта, дар натиҷа худи Ризвон Садиров фавтид ва аъзои гурӯҳи ӯ ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд, ки ин натиҷаи таъсири мусбат ва қонунмандии амалкарди мақомоти давлатӣ мебошад. Дар ин муддат аз ҷониби дастаҳои ҷиноӣ

гаравгонгирии намояндагони созмонҳои байналхалқӣ зуд-зуд ба миён меомад, ки боиси аз кишвар баромадани намояндагони созмонҳо мешуд ва вазъиятро дар кишвар вахим мегардонид. Аз ҳамин сабаб , зиёда аз 70% намояндагони хориҷӣ, ки барои расонидани кумакҳои гуманитарӣ омада буданд, ба шимоли мамлакат кучонида мешаванд, ки минтақаи шимоли Тоҷикистон нисбатан оромтару бехавфтар ба шумор мерафт. Ҳодисаҳои болозикр чунон таъсири манфии худро ба як қатор ташкилотҳои ғайридавлтӣ расонид, ки онҳо аз тарси ҷони худ фаъолияти худро муваққатан қатъ намуданд [6].

Моҳи феврали соли 1998 раванди барқароршавии сулҳи тоҷикон каме мустаҳкамтар мегардад ва дар ин самт муваффақиятҳои навбатии назаррас ба миён меоянд, ки умеди шаҳрвандони кишварро расидан ба сулҳу осоиштагӣ бедор месозанд. 12-уми феврали соли 1998 5 нафар аъзоёни Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба мансабҳои давлатӣ таъин мегарданд, аз ҷумла муовини раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода 10-уми март ҳамон сол муовини раиси ҳукумат таъин мегардад.

Ҳамчунин 20-уми апрели соли 1998 раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйхати 8 нафар намояндагони хешро, ки ҷиҳати ба мансабҳои давлатӣ таъин гардидан, пешниҳод менамояд.

Моҳи майи соли 1998 вазъи сиёсӣ дар Тоҷикистон пас аз қабули ду қарорҳои муҳимми сиёсӣ дар самти таҳкими сулҳу субот дубора муташанниҷ гардид. Аз ҷумла, рӯзи 21 май Парлумони ҷумҳурӣ номзадии ду намояндаи баландмақоми мухолифин – А. Тураҷонзода ва Дӯстмурод Усмонро барои ишғоли мансабҳои давлатӣ рад намуд, ки ин амал боиси нигарониҳои ҷиддӣ дар робита бо иҷроиши муқаррароти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ шуд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар посух ба ин ҳолат изҳор дошт, ки номзадии ҳарду шахс дар

ҷаласаи ояндаи парлумон боз пешниҳод хоҳад шуд, вале ба далели муайян набудани санаи дақиқи ҷаласа, онҳо бояд вазифаҳои амалкунандаи худро иҷро намоянд.

Дар пайи ин мушкилот, рӯзи 23 май Парлумони Тоҷикистон ба қонуни «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» тағйироти асосӣ ворид намуд, ки қаблан дар ҷаласаи Комиссияи оштии миллӣ мувофиқа шуда буд. Таҳрири нави қонун фаъолияти ҳизбҳои дорои хусусияти динӣ дар қаламрави ҷумҳуриро манъ мекард, ки ин маҳдудият ҷузъе аз роҳҳои ҳуқуқии иштирок ва саҳмгузории мухолифин дар ҳаёти сиёсии кишварро маҳдуд месохт. Ин тағйирот таҳдиде ҷиддӣ ба иҷрои ягон аз шартҳои муҳимми Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ буд, ки дар он ҳуқуқ ва имконияти мухолифин барои иштироки сиёсӣ кафолат дода мешуд.

Дар робита ба ин қарор, роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайфиддин Амонӣ Нурӣ ва муовини ӯ Аҳмадшоҳ Тураҷонзода ба Президенти мамлакат нома ирсол намуда, изҳор доштанд, ки тағйироти қонун бо талаботи Созишномаи умумӣ мувофиқ нест ва бояд баррасӣ шавад. Барои баррасии ин масъала рӯзи 2 июни соли 1998 мулоқоти байни Эмомалӣ Раҳмон ва С.А. Нурӣ баргузор гардид. Дар ин нишаст комиссияи вижаи 12-нафара таъсис ёфта, ки аз намояндагони ҳукумат, аъзои Комиссияи оштии миллӣ ва вакилони парлумон иборат буд ва вазифадор шуд, то 22 июн моддаҳои баҳсбарангези қонунро таҳлил ва пешниҳодҳои худро ба ҳукумат пешниҳод намояд.

Дар натиҷаи баррасии масъалаҳо, рӯзи 18 июн комиссия пешниҳод кард, ки дар қонун фаъолияти ҳизбҳои дорои хусусияти динӣ иҷозат дода шавад, ки ин иқдом нишонаи таҳаввулоти мусбат дар равандҳои сиёсии кишвар арзёбӣ мегардад. Президенти ҷумҳурӣ пас аз баррасии лоиҳаи такмилёфта онро ба парлумон барои тасдиқи такрорӣ ирсол намуд, ки ин раванд таҳкими заминаҳои ҳуқуқии сулҳро дар Тоҷикистон

таъмин намуд.

Бо гузашти чанд моҳ ва дар доираи иҷрои яке аз шартҳои Созишномаи умумӣ, яъне ҷудо намудани 30 фоизи мансабҳои давлатӣ ба намояндагони мухолифин, то моҳи сентябри соли 1998 аз 33 вазифа 17-тои он ба намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик супорида шуд. Ин таъйиноти муҳим бо фармони Президент сурат гирифта, А. Тураҷонзода ба мақоми муовини аввали сарвазир ва Зокирҷон Вазиров ба мақоми муовини дигари сарвазир таъин шуданд. Ғайр аз ин, намояндагони мухолифин ба вазифаҳои роҳбарии вазорату ниҳодҳои муҳимми давлатӣ ва комитетҳо, аз ҷумла вазири хоҷагии қишлоқ, раиси Кумитаи гумрук, раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода, раиси Кумитаи саноат ва дигар вазифаҳои калидӣ таъин гардиданд. Ҳамчунин муовинони вазирони фарҳанг, алоқа, экология, нақлиёт ва геология низ аз ҳисоби мухолифин интихоб шуданд, ки ин нишонаи тавсеаёбии иштироки мухолифин дар сохторҳои давлатдорӣ буд. Дар ҳамин замина, роҳбарии як қатор ноҳияҳо низ ба намояндагони мухолифин супурда шуд, ки ин ба тақвияти ҳамгироии сиёсӣ ва идомаи раванди оштии миллӣ мусоидат кард.

Марги Отахон Латифӣ, узви Комиссияи оштии миллӣ ва фаъоли Иттиҳоди мухолифин, дар авоили моҳи сентябр 1998, як ҳодисаи сахт ва нигаронкунандаи буд, ки боиси буҳрони ҷиддие дар раванди сулҳ гардид. Ин ҳодиса боиси нигарониҳои ҷиддӣ дар сатҳи дохилӣ ва байнулмилалӣ гардид ва Котиби генералии СММ ин амали таҳриккунандаро маҳкум кард. Ҳарчанд ҷонибҳо барои ин ҳодиса якдигарро гунаҳкор медонистанд, ин амал нишон дод, ки раванди таҳкими сулҳ ва эътимоди байни тарафҳо ҳанӯз пурра мустаҳкам нашудааст ва ҳассосиятҳои сиёсӣ метавонад фазои ҳамкориро халалдор созад. Ин воқеа таҳдиди ҷиддӣ ба суботи сиёсӣ ва устувории равандҳои созишнома ба ҳисоб мерафт ва нишон дод, ки барои пойдории сулҳ

заруратi идомаи гуфтушунидҳо ва таъмини амнияти ҳама тарафҳо тақвият ёбад.

Бо ин таҳлил маълум мешавад, ки соли 1998 дар Тоҷикистон ҳамзамон бо пешрафтҳои муҳимми сиёсӣ дар соҳаи ҳамгироӣ ва ҷалби мухолифин ба низоми давлатдорӣ, ҳанӯз ҳам зиддиятҳо ва мушкилоти амиқе вуҷуд дошт, ки тавонистанд ҷараёни сулҳро мураккаб ва баъзан таҳдид кунанд. Аз ин рӯ, таҳкими равандҳои оштии миллӣ ва таъмини иҷроиши қатъии муқарраротi Созишномаи умумӣ барои барқарории суботи сиёсӣ ва рушди устувор мусоидат мекард.

Рӯзҳои 26 ва 28-уми сентябр вохӯриҳои байни Президенти Тоҷикистон ва раиси Комиссияи оштии миллӣ бо иштироки намояндагони мухолифин баргузор шуд, ки дар он ҷонибҳо барои рафъи буҳрон ва иҷрои Созишномаи умумӣ ба мувофиқаи 10 масъала расиданд. Аз ҷумла, таъмини амнияти намояндагони мухолифин, таъсиси комиссияи муштараки тафтишоти куштори Отахон Латифӣ, суръат бахшидан ба ислоҳот бо иштироки мухолифин, мубориза бо ҷинояткорӣ тавассути гурӯҳи махсус, татбиқи қонуни авфи умумӣ, таблиғи сулҳ дар васоити ахбор ва беҳтар намудани шароити Комиссия.

Ин тадбирҳо барои эътимодсозӣ ва таҳкими ҳамкорӣ дар раванди сулҳ муҳим буданд, аммо иҷрои қатъӣ ва ҳамкории доимӣ барои пойдории оромӣ зарур аст [11].

Пас аз расидан ба созишномаҳои асосии сулҳ, Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар сентябри 1998 фаъолият дар Комиссияи оштии миллӣ ва ҳамкориашон бо ҳукуматро идома доданд. Ин иқдоми ҷонибҳо барои амалӣ кардани созишҳои сиёсиро нишон медиҳад. Қабули қонуни «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ва тасдиқи номзадҳои мухолифин барои ворид шудан ба сохторҳои давлатӣ дар 13 ноябр, ҳамчун марҳалаи муҳим дар рушди демократия ва амалӣ кардани сулҳ арзёбӣ мешавад.

Моҳи ноябр, гурӯҳи кории муштарак барои назорат ва санҷиши иҷрои «Протоколи масъалаҳои ҳарбӣ» таъсис ёфт. Натиҷаҳои кори он дар ҷаласаи 23 ноябр муаррифӣ гардид, ки ҷонибҳо барои иҷрои шартҳо ва таҳкими сулҳ пайваста талош меварзанд. Дар маҷмуъ, ин раванди сиёсии пас аз созишномаҳо амнияти сиёсиро дар кишвар қавӣ мекунад. Раиси Иттиҳоди мухолифин ва ҳамзамон роҳбари КОМ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ин нишаст таъкид кард, ки иҷрои комили талаботи ду марҳалаи аввал ҳанӯз таъмин нашудааст. Сабаб дар он буд, ки қисме аз ҷангиёни мухолифин то ҳол дар мавзеъҳои муайяншуда ҷамъ наомада буданд ва ҳамчунин миқдори силоҳу аслиҳаи супоридашуда хеле кам ба назар мерасид. Дар охири соли 1998, махсусан 25 декабр, С.А. Нурӣ расман эълон кард, ки ҳамаи намояндагони мухолифин аз Афғонистон ба Тоҷикистон баргардонида шудаанд ва пойгоҳҳои ҷангии онҳо пурра барҳам дода шудаанд. Баъдан, 28 декабр, дар изҳороти минбаъдаи худ, ӯ таъкид кард, ки мутобиқ ба Созишномаи умумии сулҳ, Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар аввали соли 1999 нерӯҳои мусаллаҳи худро пурра пароканда хоҳад кард ва фаъолияти ҳизби сиёсӣ худро расман лағв хоҳад намуд. Ин иқдом як қадами устувор баҳри амалӣ кардани шартҳои созиш ва гузариш ба фазои сиёсӣ бо ҳукумат буд, ки боиси устувории бештар ва таҳкими сулҳ дар кишвар гардид. Ин иқдомҳо нишонаи ҷиддият ва омодагии ҷонибҳо ба татбиқи созишҳои сулҳ ва барқарорсозии суботи сиёсии кишвар мебошанд. Баъди ин мувофиқи талаботи «Протоколи масъалаҳои ҳарбӣ», ҳар гурӯҳи мусаллаҳе, ки аз иҷрои муқарраротИ протокол саркашӣ мекард, ғайриқонунӣ ҳисобида шуда, бо роҳи маҷбурӣ безарар гардонида мешуд. 28-уми ноябри соли 1998 Президенти Тоҷикистон барои идомаи ислоҳоти давлатӣ ва таъмин намудани ҳиссаи 30%-и мухолифин дар сохторҳои давлатӣ, ба Иттиҳоди мухолифини тоҷик шаш ҷойи иловагӣ дар мақоми муовинони вазир пешниҳод кард. Бо вуҷуди ин, танҳо рӯзи 27-уми январи соли 1999

рӯйхати номзадҳои мухолифин барои ишғоли мансабҳои нав пешниҳод гардид. Таъхири иҷрои пурраи «Протоколи масъалаҳои ҳарбӣ» ба сабаби амалҳои ғайриқонунии гурӯҳҳои мусаллаҳ дар кишвар ва худдории ҷангиён аз супурдани аслиҳа буд. Дар шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳо ҳанӯз гурӯҳҳои мухолифин яроқи худро насупорида, аз амал кардани созишҳо худдорӣ мекарданд, Комиссия оштии миллӣ қарорномаи расмӣ қабул кард, ки мувофиқи он, ҳамаи ҷангиёни мухолифин бояд ба минтақаҳои муайяншуда ҳозир шуда, аслиҳаи худро супоранд. Ин раванди сусти безараргардонии гурӯҳҳои мусаллаҳ, ки ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ба итоати роҳбарияти Иттиҳоди мухолифин розӣ намешуданд, боиси афзоиши амалҳои ҷиноятӣ, ҳам дар пойтахт ва ҳам дар дигар манотиқи ҷумҳурӣ шуд. Тирпарронии гурӯҳҳои мусаллаҳ дар назди бинои Комиссияи оштии миллӣ ва амали ҷиноятӣ, ки дар 30 декабри 1998 ба ҳалокати панҷ нафар ва захмӣ шудани шаш нафар анҷомид, як раванди бесуботӣ ва эҷоди хатарҳои ҷиддӣ дар таҳкими сулҳу субот буд. Ин амал на танҳо аз ҷониби ҳукумат ва созмонҳои байналмилалӣ, балки худи С.А. Нурӣ низ шадидан маҳкум шуд. Ӯ иҷрои суст ва беинтизоми раванди муттаҳидсозии нерӯҳои мухолифин бо қувваҳои давлатӣ ва рафти сулҳофариро омили нигаронкунанда арзёбӣ намуд.

Дар оғози соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаи муҳим ва стратегиро оид ба раванди сулҳофарӣ матраҳ намуд, ки дар он пешниҳод кард раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ва баргузории интихоботи президентӣ ва парлумонӣ дар ҳамон сол баргузор шавад. Ин иқдом нишондиҳандаи талошҳои мақомоти давлатӣ барои қонунӣ ва устувор намудани низоми сиёсӣ пас аз солҳои буҳрон ва ноороимиҳои сиёсист. Бо мақсади таъмини иҷрои ин иқдомҳо ва суръат бахшидани раванди сулҳу субот, Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 2-юми марти соли 1999 бо роҳбарияти

Комиссияи оштии миллӣ ва намояндагони гурӯҳи нозирон мулоқот орост, ки дар он як қатор супоришҳои мушаххас ба ҳукумат ва Комиссия дода шуд.

Супоришҳо бо ҷиддият ба масъалаҳои гуногун равона шуда буданд, ки асосан ба амалӣ сохтани қонуни авфи умумӣ, ба қайд гирифтани ҷангиёни боқимонда, баррасии масъулият ва пешбарии намояндагони Иттиҳоди мухолифин ба мансабҳои роҳбарикунанда, инчунин ба фаъолсозии раванди ворид намудани намояндагони мухолифин ба сохторҳои давлатӣ ва минтақавӣ тамаркуз доштанд. Ҳамчунин таъкид шуд, ки то 12-уми март бояд раванди барқарорсозии хонаҳои истиқоматӣ, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ зарар дида буданд, суръат бахшида шавад ва санҷиши давлатиро оид ба намояндагони мухолифин дар манотиқи ҷудогонаи кишвар анҷом диҳанд.

Ин тадбирҳо ҷиддитар намудани ҳамкории ҳукумат ва мухолифинро таъмини амнияти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар нишон медоданд, ки муҳимтарин қадамҳо дар ҷараёни амалисозии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории миллӣ буданд. Бо ин роҳ, мақомоти давлатӣ талош доштанд, ки таъмини ваҳдати миллӣ, бозсозии иҷтимоиву сиёсӣ ва барқарорсозии сохторҳои давлатӣ дар ҳама сатҳҳоро таъмин кунанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи муваққатӣ иштирокдоронро вазифадор намуд, ки то 12-уми марти соли 1999 маърузаи муфассал оид ба иҷрои масъалаҳои муҳокамашуда пешниҳод кунанд. Ин иқдом нишон медиҳад, ки роҳбарияти кишвар ба масъалаи пайгирии қатъӣ ва назорати ҷиддӣ дар раванди амалӣ намудани созишнома ва тағйироти конститутсионӣ аҳаммияти махсус медиҳад.

Комиссияи оштии миллӣ рӯзи 26 марти соли 1999 лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияро пешниҳод кард, ки дар таҳия ва муҳокимаи он аъзои комиссия дар атрофи як қатор масъалаҳо ба мувофиқа

расиданд. Ин иқдом на танҳо як амали техникии қонунгузорӣ, балки ҷараёни мураккаби сиёсӣ ва ҳамоҳангсозии мавқеи ҷонибҳои мухталиф буд, ки барои таҳкими сулҳ ва таъмини вазъи устувор дар кишвар зарур буд.

Пас аз имзои «Протоколи кафолатҳои сиёсӣ дар давраи омодагӣ ва баргузории интихоботи парлумонӣ» байни Эмомалӣ Раҳмон ва С.А. Нурӣ, ки як қадами муҳимми эътимодсозӣ ва таъмини ваҳдати миллӣ маҳсуб мешуд, Иттиҳоди мухолифини тоҷик, гарчанде пештар интихоботро бойкот карда буд, рӯзи 8-уми ноябри соли 1999 фаъолияти худро дар Комиссияи оштии миллӣ идома дод. Ин нишон медиҳад, ки мухолифин бо вуҷуди ихтилофот ба раванди сулҳ ва ҳалли сиёсӣ баргашта, ҳамкориро аз сар гирифтаанд.

Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро бо баррасии лоиҳаи Қонуни «Дар бораи интихобот» шуруъ намуд. Ду масъалаи асосӣ ва баҳсбарангези муҳокима – тақсими курсиҳои парлумонӣ дар палатаи поён ва муҳлати баргузории интихоботи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буд, ки дар байни ҷонибҳо зиддият эҷод мекард. Мавқеи палатаи болоии парлумон ба ин масъала мухолифат нишон медод, ки ин ҳолат нишонгари мушкилоти дохилии сохторҳои қудратӣ ва номувофиқатии манфиатҳои сиёсӣ буд.

Барои ҳаллу фасли ин ихтилофот созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили САҲА, СММ ва давлатҳои кафили сулҳи тоҷикон ба миён омаданд. Нақши ин ташкилотҳо дар миёнҷигарӣ ва мусоидат дар ҳалли баҳсҳои сиёсӣ муҳим буд ва равшан мекунад, ки ҳалли ихтилофоти сиёсӣ дар Тоҷикистон танҳо дар доираи ҷаҳонӣ ва бо дастгирии тарафҳои беруна имконпазир буд.

Ҳамин тариқ, ҷараёни тағйиру иловаҳои конститутсионӣ ва омодагӣ ба интихобот дар соли 1999 нишон медиҳад, ки Тоҷикистони пас аз ҷанг бо ҳузури ҳама ҷонибҳои сиёсӣ, дастгирии созмонҳои

байналмилалӣ ва роҳбарии қавии президент кӯшиш дошт равандҳои демократӣ ва суботро мустаҳкам созад. Аммо вуҷуди мухолифатҳо ва баҳсҳои дохилӣ низ далели мураккабии ин марҳалаи сулҳ ва ниёз ба ҳамоҳангии доимӣ буд.

Мавриди таҳлил аст, ки 3-юми декабри соли 1999 Эмомалӣ Раҳмон ва С.А. Нурӣ дар бораи тарҳи нави қонуни интихоботӣ ба мувофиқа расиданд, ки ин барои таъмини якпорчагии равандҳои демократӣ ва муътадилгардонии низоми интихоботӣ аҳаммияти калони сиёсӣ дошт. Тақсимоти баробари курсиҳо – 63 курсӣ барои Маҷлиси намояндагон ва 63 курсӣ барои Маҷлиси миллӣ, нишондиҳандаи кӯшиши ҳамоҳангсозӣ ва баробарӣ дар намояндагӣ буд, ки барои таъмини мувозинат дар қудрат миёни ҳокимиятҳои гуногун зарур буд.

Ҳамчунин, мувофиқа дар бораи баргузории ҳамзамонии интихоботи Маҷлиси миллӣ ва мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ рамзиислоҳоти сиёсӣ ва дастёбӣ ба як давраи нави ҳамкории ҳамаҷониба дар системаи идорӣ буд. Ин иқдом метавонад ҳамчун қадами муҳиме барои беҳтар кардани самаранокии идоракунии давлатӣ ва ҳавасманд кардани иштироки шаҳрвандон дар интихобот арзёбӣ шавад.

Қабули Қонуни нав «Дар бораи интихобот» 10-уми декабри соли 1999 баъди муҳокимаҳои тӯлонӣ ва таҳрироти пайваста аз ҷониби парлумон баёнгари рӯҳияи таҳаммулпазирӣ ва иродаи қавии сиёсӣ барои таҳкими асосҳои демократӣ буд. Қонун ба тарзи равшан ва муназзам тартиби баргузории интихоботро муқаррар намуд, ки ин дар навбати худ ба эътимоднокии раванди интихоботӣ ва таҳкими давлатдории тоҷикон мусоидат кард.

Интихоботи парлумонии 27-уми феврали соли 2000, ки бо бақайдгирии 331 номзад барои 63 курсии Маҷлиси намояндагон баргузор шуд, нишон дод, ки рақобат дар арсаи сиёсӣ фаъолона ҷараён мегирад ва мардум дар ин раванд таваҷҷуҳи калон дорад, тақрибан панҷ

номзад барои як курсии интихоботӣ рақобат карданд. Ончунин, баргузор шудани интихобот дар фазои ором ва бе ҳодисаҳои ҷиддӣ ба он ишора мекунад, ки кишвар дар роҳи таҳкими сулҳу субот ва идораи демократӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Дар маҷмуъ, ин марҳала аз таърихи сиёсати Тоҷикистон гувоҳи қавии талошҳо барои бунёди системаи интихоботӣ боэътимод ва мутавозин буда, метавонад ҳамчун намунаи пешрафти сиёсӣ ва таҳкими институти демократия арзёбӣ шавад.

Натиҷаҳои эълоншудаи интихоботи парлумонӣ 1-уми марти соли 2000 нишон дод, ки раванди интихоботӣ дар Тоҷикистон бо иштироки баланди мардум – 93,23% овоздиҳандагон сурат гирифт, ки нишонаи таҳкими ҳамкории сиёсӣ ва эътимоди ҷомеа ба низоми интихоботӣ буд. Ҳизби халқӣ-демократӣ бо касби 33 курсӣ мавқеи пешсафро ба даст овард ва Ҳизби коммунистӣ ва Ҳизби наҳзати исломӣ бо шумори ниҳоии курсиҳои худ дар парлумон ҷой гирифтанд. Бо вуҷуди ин, нокомӣ ва қоидавайронкуниҳо дар ду ҳавза натиҷаи интихоботро дар онҳо бекор карданд ва дар 13 ҳавзаи боқимонда ягон номзад натавонист аксарияти овозҳоро соҳиб шавад, ки ин номуайянӣ зарурати баргузории даври дуюми интихоботро 12-уми март тақозо намуд. Даври дуюми интихобот, ки дар он Ҳизби халқӣ-демократӣ боз 7 курсӣ ба даст овард, нишон дод, ки бархе ҳизбҳо, аз ҷумла Ҳизби сотсиалистӣ, демократӣ ва адолатхоҳ, натавонистанд ба ҳадди камаш 5%-и овозҳо расида, ба парлумон роҳ ёбанд. Ин вазъ гувоҳи рақобати сиёсӣ ва тарзи фаъолияти интихоботӣ буд, ки дар марҳалаи гузариш ба низоми демократӣ маъракаи интихоботро тақвият мебахшид.

Дар охири моҳи марти соли 2000, дар 23-юми он, интихоботи Маҷлиси Миллӣ ба таври мутобиқ бо талаботи конститутсионӣ баргузор шуд, ки дар он 25 нафар узви палатаи болоии парлумон тавассути маҷлисҳои маҳаллӣ интихоб шуданд. Ин раванд ба муқаррар

намудани сохторҳои конститутсионӣ ва тақвияти ислоҳоти идорӣ мусоидат кард.

Бо баргузории ҷаласаи охирини Комиссияи оштии миллӣ 26-уми марти соли 2000, ки дар он намояндагони мухолифин ва ҳукумат дар ҳузури созмонҳои байналмилалӣ иштирок доштанд, рафти иҷрои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳлил ва натиҷагирӣ шуд. Бо вуҷуди пешрафтҳо, ҷонибҳо ба ин натиҷа расиданд, ки баъзе масъалаҳои муҳим ҳанӯз ҳал нашудаанд ва барои расидан ба сулҳи пойдор зарур аст, ки мақомоти давлатӣ барои ҳаллу фасли онҳо чораҳои иловагӣ андешанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки раванди сулҳ ва эҳёи давлатдории Тоҷикистон ҳанӯз марҳалаҳои ниҳоиро талаб мекунад.

Дар натиҷа, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 1-уми апрели соли 2000 фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ қатъ ва ҳайати он пароканда карда шуд, ки ин қадами ниҳоӣ барои гузаштан аз марҳалаи музокираҳои сиёсии миёнабур ба давраи пурраи идоракунии давлатӣ ва тақвияти суботи сиёсӣ маҳсуб меёфт.

Бояд тазаккур дод, ки масоили марбут ба фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, ки дар заминаи вохӯрии Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А.Нурӣ таъсис ёфта буд, дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва сиёсатшиносони ватанӣ ва хориҷӣ қарор дошт.

Мавзуоти мухталифи масоили мазкур дар асарҳои маҷмуӣ ва баромадҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон [186, с.208; 187, с.312; 217, с.40; 218, с.72; 219, с.60] ва раиси Комиссияи оштии миллӣ С.А. Нурӣ [164.360] таҷассум ёфтаанд.

Ташаббуси Президенти кишвар дар таъсиси Комиссияи оштии миллӣ қадами муҳим ва муассир барои амалӣ кардани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ буд. Бо истифода аз нерӯ ва сабру

заковаташ, Эмомалӣ Раҳмон равандҳои сулҳро тақвият дода, нишон дод, ки барои таъмини субот ва ҳамгироии сиёсӣ омодагӣ дорад. Ин амал барои таъмини иҷрои шартҳои созишнома ва рушди устувори кишвар нақши калидӣ бозид.

Масоили марбут ба фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, пеш аз ҳама дар асари бунёдии «История таджикского народа» [94, с.438-488] ва асарҳои дастаҷамъии «Бунёди давлатдории навин» [62, с.416], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [171, с.463], асарҳои характери илмӣ ва публитсистидошта, аз ҷумла асарҳои Р. Масов [124, с.244-250], А. Достиев [79, с.204; 80, с.224; 81, с.159; 82, с.294; 83, с.192], И. Усмонов [267, с.552; 271, с.106 ], Ш.С. Саъдиев [240, с.28; 241, с. 37-38; 242, с. 341-346; 243, с. 236-241; 244, с. 419-475], И.И. Саъдуллоев [325, с.159] ва дигарон хеле дақиқназарона тадқиқу баррасӣ гардидаанд.

Дар миёни адабиёт, ки ба мавзуи сулҳ ва раванди гуфтушуниди тоҷикон бахшида шудааст, махсусан китоби И. Усмонов «Сулҳнома» мақоми муҳимеро соҳиб аст. Ин асар бо таҳлили дақиқ ва муфассали ҷанбаҳои сиёсӣ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар солҳои 1997-2000 фарқ мекунад. Аз ҳама муҳим он аст, ки китоб равандҳои сиёсиро бо назари ҷиддӣ ва омӯзанда баррасӣ менамояд [267, с.552].

Таълифоти таҳлилӣ ва таҳқиқотии иштирокчиёни бевоситаи ҳамаи даврҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ва Комиссияи оштии миллӣ – чонишини Раиси КОМ А. Достиев [79, с.204; 80, с.224; 81. 159; 82, с.294; 83, с.192], А. Амирбеков [48, с.137] (раиси «Лаъли Бадахшон», намояндаи ИМТ), раиси зеркомиссияи ҳуқуқи КОМ М.Ҳимматзода [283, с.60] ҷиҳати омӯзиши масоили марбут ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, фаъолияти пурсамари КОМ хеле муҳиманд.

Онҳо дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ саҳми назаррас гузошта, нақши фаъолона ва муҳимро дар таҳкими сулҳ ва ваҳдати миллӣ таъкид намудаанд. Онҳо ин нуқтаҳоро дар ёддоштҳои худ сабт карда, онҳоро ҳамчун манбаи боэътимод барои дарки воқеаҳои он давра

арзёбӣ мекунанд, ки барои таҳлил ва омӯзиши раванди сиёсӣ ва иҷтимоии он заминаи муҳимро фароҳам меоранд.

Баъд аз соли 2000 олимону муҳаққиқони кишвар ба таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ шуруъ карданд ва дар доираи ин таҳқиқот рисолаҳои алоҳида таълиф намуданд.

Муаррихи тоҷик И.И. Саъдуллоев [325, с.159] дар таҳқиқоти худ фаъолияти Комиссияи оштии миллиро ба таври васеъ омӯхта, нақши он дар таҳкими сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро равшан кардааст.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва фаъолияти самараноки Комиссияи оштии миллӣ оғози марҳалаи нави муҳимми давлатдории Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин давра бо хусусиятҳо ва рӯйдодҳои сиёсӣ ва иқтисодии фарқкунандаи худ аз давраҳои қаблии таърихи кишвар фарқ мекунад, ки на танҳо барои барқарорсозии сулҳ, балки барои таҳкими институтҳои давлат ва рушди устувори кишвар таъсири муҳим дошт. Ин марҳала ба тадриҷ шароити нави устуворӣ ва таҳкими идоракунии давлатиро ба вуҷуд овард, ки тавассути татбиқи амалии созишномаҳо ва фаъол гардидани Комиссияи оштии миллӣ роҳандозӣ гардид. Аз ҷумла, ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баргузории интихоботи алтернативии президенти кишвар, иҷозати дубораи фаъолияти озоди ҳизбҳои мухолифин, ки қаблан манъ буданд, ва таъсиси парламенти дупалатагӣ аз ҷумлаи рӯйдодҳои таърихие мебошанд, ки ба марҳалаи нав ва муҳим дар таърихи Тоҷикистон марбутанд.

Ин тадбирҳо нишон медиҳад, ки кишвар ба равандҳои демократӣ ва созишҳои сиёсӣ таваҷҷуҳ ва амал мекунад, ки барои рушди устувори давлат ва таҳкими сулҳ зарур буданд.

Бо вуҷуди ин пешрафтҳо, марҳалаи мазкур бо мушкилоти зиёде ҳамзамон буд ва хатарҳои ҷиддие таҳдид мекарданд. Зеро шароитҳо нишон медоданд, ки созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳар лаҳза метавонад зери хатар қарор гирад. Якчанд омилҳо, аз ҷумла муборизаҳои байни гурӯҳҳои даргир ва даргириҳои пойтахти ҷумҳурӣ, вазъи сиёсиро мураккаб гардонданд. Бо вуҷуди ин, нерӯҳои солими кишвар бо масъулияти баланд ва матонат барои ҳифзи сулҳ ва ваҳдат кӯшиш варзиданд ва наҷот додани вазъ ва пешгирии бархӯрди дубора даргириҳоро таъмин намуданд.

Як ҷиҳати хоси ин давра дар он буд, ки тамоми раванди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар дар заминаи созишҳои сулҳ ва ризоияти миллӣ равона гардид, ки дар натиҷа, омилҳои пешгӯишаванда ва муноқишаҳои байниҷамъиятӣ коҳиш ёфтанд. Дар баробари таҳкими сулҳ, давраи гузариш ба низоми демократӣ бо ворид кардани тағйирот дар қонунгузорӣ, созиш барои фаъолияти ҳизбҳои мухолиф ва имкониятҳои нави барои муборизаи сиёсӣ омода кардани гурӯҳҳои мухталиф фарқ мекард. Изҳоротҳои роҳбарияти Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар аввали моҳи августи соли 1999 оид ба пароканда намудани гурӯҳҳои ҳарбӣ дар ивази гузоштани таҳаммулпазирӣ ва таҳкими субот ба самти муборизаи сиёсӣ нишон дод, ки ин марҳала имкони бунёди фазои сулҳ ва оромиро фароҳам овард. Дар маҷмуъ, ин марҳала ҳамчун як давраи муҳим ва печидаи таърихӣ шинохта мешавад, ки барои идомаи таҳкими сулҳ, ваҳдат ва давлатдории устувор дар Тоҷикистон поя гузошт.

Муҳокимаи тафсилотии фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) дар пажӯҳиши И.И. Саъдуллоев, махсусан дар рисолаи ӯ бо унвони «Роль комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000гг.)» [324, с.159] ҷузъиёти гуногуни фаъолияти зеркомиссияҳо ва гурӯҳҳои кориро ба

таври дақиқ таҳлил кардааст. Муаллиф равандҳои парокандашавии гурӯҳҳои яроқбадаст ва баргашти фирориён ба ватанро дар чаҳорчӯби санадҳои гуфтушунид муайян намуда, аҳаммияти беназири онҳо ва ҳамзамон ҷанбаҳои мусбат ва манфии раванди кориро дар назар гирифтааст. Ин таҳқиқот инчунин нишон медиҳад, ки таҷрибаи барқарорсозии сулҳи тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ, бахусус дар Аврупо, ҳамчун намунаи беназири ҳалли муноқишаҳо омӯхта мешавад, ки ин нишонаи бузургии арзиш ва аҳаммияти фаъолияти КОМ мебошад.

Гарчанде ки ин мавзуъ дар адабиёти соҳавӣ ба таври муфассал ва амиқ таҳлил нашудааст, вале фаҳмидани он барои таҳлили дуруст ва амиқи раванди сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар аҳаммияти муҳим дорад. Масъалаҳои баррасишуда бояд дар шакли таҳқиқоти комплексӣ пурра ва ҳамаҷониба, бо истифода аз манбаъҳои бойгонии мавҷуда ва таҳлили таҷрибаҳои байналмилалӣ баррасӣ ва таҳқиқ карда шаванд.

## 3.3. Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат

Пос доштани таърих ва фарҳанги миллати тоҷик ҷузъи ҷудонашавандаи шинохти миллӣ ва бедории маънавии ҷомеа маҳсуб меёбад. Ифтихор аз гузашта ҳамчун силсилае наслҳоро ба ҳам мепайвандад ва робитаи мустаҳкаме миёни дирӯз, имрӯз ва фардоро таъмин менамояд. Дар осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, лаҳзаҳои сарнавиштсози таърихи тоҷикон бо шеваи илмӣ ва воқеъбинона таҷассум ёфтаанд.

Муҳимияти ин осор, беш аз ҳама, дар он аст, ки дар онҳо паҳлӯҳои гуногуни худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, эҳёи хотираи таърихӣ ва ифтихори миллӣ бо диди амиқи таҳлилӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, таҷассум ёфтани воқеиятҳои сулҳи тоҷикон ва наҷоти миллат аз

парешонӣ, дигар нуқтаи муҳимме ба шумор меравад, ки арзишмандии ин навиштаҳоро боз ҳам бештар менамояд.

Дар баробари таҳлил ин, асарҳои Пешвои муаззами миллат равзанае ба сӯи оянда низ ҳастанд, ки дар худшиносии миллат замина ба миён меоранд. Дар онҳо дурнамои рушди давлатдорӣ ва масири таҳкими ваҳдату ягонагии миллӣ, худогоҳии шаҳрвандӣ ва афзоиши тафаккури таърихии насли нав устувор ба назар мерасад. Мазмун ва муҳтавои ин осор хотиррасон мекунанд, ки ҳар фард ҳалқае дар занҷири таърих аст, ки ба воситаи мавҷудияти худ гузаштаро бо оянда мепайвандад. Илова бар ин, асарҳои Пешвои миллат дар раванди устувор намудани рукнҳои давлатдории тоҷикон дар шароити навин муҳим мебошанд. Пешвои миллат бо мақсади баҳо додан ва огоҳ намудани насли наврас ба гузаштаи худ ба навиштани як зумра асарҳои таърихӣ даст задаанд, ки онҳо арзиши баланди таърихӣ дошта, саҳифаи навро дар илми таърихнигории тоҷик кушодааст.

Бояд гуфт, ки арзиши таърихии асарҳои Пешвои миллат бо гузашти айём тақвият хоҳад ёфт. То имрӯз як қатор асарҳои Пешвои миллат рӯи чопро дидаанд, ки аксари онҳо асарҳои силсилавӣ буда, таърихи пурифтихори халқи тоҷикро инъикос менамоянд.

Номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари овардани сулҳ, суботи сиёсӣ, ваҳдати комил ва таъмини амният боз бо эҷоди шоҳасарҳои арзишманду инсонсоз дар сафҳаҳои таърихи тоҷикон бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст. Зеро асарҳои пурмуҳтавои Сарвари давлат маънавиёти миллатро камол бахшида, мактабҳои бузурги ахлоқиву сиёсиро бунёд кардааст. Бешубҳа, заминаи эҳёи дубораи давлатдорию эҷодкории тоҷикон асарҳои пурмуҳтавои Роҳбари давлат буда, онҳо арзиши аслии таърихӣ ва илмӣ доранд. Муҳимтар аз ҳама, дар асарҳои Пешвои миллат баландтарин нуқтаи

худшиносию худогоҳӣ дарҷ гардида, ба ҷаҳонбинии хонанда таъсири мусбат мерасонад. Ба ин зумра асарҳо метавон “Чор соли истиқлолият ва худшиносӣ”(1995), “Тоҷикон дар оинаи таърих”(1995), “Тоҷикон дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин” (1996), “Дин ва ҷомеа” (2013), “Раванди ваҳдат ва назарияи он” (2013), “Чеҳраҳои мондагор” (2016), “Уфуққҳои истиқлол” (2018), “Забони миллат – ҳастии миллат” ва ғайраро ном бурд, ки садҳо ҳазор хонанда доранд ва насли ҷавону ояндасозро дар руҳияи ватандорию хештаншиносӣ тарбият намуда истодаанд.

Асари “Чеҳраҳои мондагор”-и Президенти Ҷумҳурӣ шиносномаи родмардону бузургони илму адаб ва фарҳангу сиёсати миллати тоҷик аст. Ин шахсиятҳо, дар мисоли Зардушт, Куруши Кабир, Имоми Аъзам, Спитамен, Исмоили Сомонӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Мавлонои Балхӣ, Восеъ, Садриддин Айнӣ ва дигарон ҳастанд, ки барои дифоъ ва озодии миллат, башардӯстӣ, ҳамдилии халқҳои олам кӯшидаанд ва ба ин васила, афкори инсондӯстонаи худро дар таърихи башарият ҷовидон мондаанд. Пешвои миллат оид ба хислатҳои ҳамидаи ин ашхоси бузург: хоксорӣ, ҷавонмардӣ ва тавонмандии ин чеҳраҳои мондагор, ки баҳри пойдории давлати миллӣ ва тамаддуни ориёӣ, сулҳу субот ва раҳоӣ аз парокандагӣ ҷаҳд кардаанд, таҳқиқу таҳлили амиқ анҷом додаанд. Бо мутолеаи ин асар мо бо гузаштаи пурифтихорамон ошно гардида, асли хешро мешиносем.

Дар асари дуҷилдаи Пешвои миллат “Тоҷикистон даҳ соли истиқлолият ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ” (2021) масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Асари асосии Пешвои миллат, ки новобаста ба мавзуи таҳқиқии мо дахл дорад, асари “Уфуққҳои истиқлол” мебошад. Ин асари аз нигоҳи таърихӣ ниҳоят муҳим аз ҷониби Пешвои миллат ба ифтихори

27солагии истиқлоли давлатӣ омода гашта, соли 2018 ба нашр расидааст.

Дар китоби «Уфуқҳои Истиқлол» муаллиф Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи бурду бохт ва комёбиву дастовардҳои мамлакат дар чаҳоряк асри замони истиқлоли давлатӣ, марҳалаи эҳё, барқарорсозию рушди давлати миллии тоҷикон, тараққиёти иқтисодии мамлакат, сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои умедбахши он, ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ, манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ, мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир ва фардои дурахшони ҷумҳурии соҳибистиқлоламон сухан меравад.

Мундариҷаи китоб аз сарсухан, 5 боб ва охирсухан иборат мебошад.

Дар сарсухан муаллиф ба аҳамияти истиқлолият барои миллати тоҷик ва нақши он дар эҳёи давлати миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ин боб ҳамчун муқаддимаи китоб ҳадафҳои асарро муайян кардааст. Муаллифи муҳтарам таъкид менамоянд, ки дар боби таърихи қадимӣ ва сарнавишти давлатдории ниёгонамон мо дар китобу навиштаҳои пешини худ ба таври васеъ изҳори назар кардаем ва руҳи шикастнопазиру симои ҷовидонаи миллатамонро дар оинаи таърих инъикос додаем, аммо дар ин китоб дар бораи бисту панҷ соли душвор, вале пурифтихори Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру андешаҳои худро баён намудем.

Боби аввал – «Истиқлолияти давлатӣ – марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлати миллии тоҷикон" ба таҳлили вазъияти мамлакат дар аввали солҳои 1990, баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ бахшида шудааст. Муаллифи муҳтарам чунин иброз менамоянд: «Ба хотири манфиатҳои миллии ҷумҳуриамон мо ба таври огоҳона сиёсати «дарҳои кушода»-ро интихоб намудем, ки дар тамоми

ин давра ҳамчун мактаби сиёсии воқеъбинона ва сулҳомез амал карда, натиҷаҳои зарурӣ дод ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи ҷаҳонӣ муқаррар намуд. Имрӯз Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун чумҳурии мутамаддини демократӣ ва дар ҳамкорӣ бо мамлакатҳои дӯст ҳамчун шарики боэътимод эътироф гаштааст. Сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-и мо бар пояи фарҳанги куҳанбунёди миллии тоҷикон, аз қабили поктинатӣ, дӯстӣ, бародарӣ, таҳаммулпазирӣ ва меҳмоннавозӣ бунёд ёфтаст». Дар ин давра ҷумҳурӣ бо мушкилоти зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ шуд, аммо бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди устувор, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ таъмин гардид.

Боби дуюм “Рушди иқтисодии Тоҷикистон ва дурнамои стратегии он” ба таҳлили масоили соҳибистиқлолӣ, афзалияти стратегии ҷумҳурӣ, амалисозии сиёсати мустақили иқтисодӣ, рушди муносибатҳои иқтисодӣ бо давлатҳои дигар, такмили низоми идораи рушди иқтисод, рушди бахши хусусӣ, авлавияти рушди соҳаи саноат, рушди соҳаи сайёҳӣ, пешбурди сиёсати минтақавии ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Муаллифи муҳтарами китоб иброз менамоянд, ки дар даврони Истиқлолияти давлатӣ қонунгузорие, ки муносибатҳои кориро танзим карда, дар маҷмуъ, ба меъёрҳои байналмилалии меҳнат мувофиқат менамояд, ташаккул ёфт. Сиёсати давлат ба ташкили ҷойи нави кор тавассути мусоидат ба бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, дастгирии рушди соҳибкории хусусӣ ва шуғли занон, инчунин рушди касбҳои мардумӣ ва меҳнати хонагӣ, густариши амалияи истифодаи шаклҳои мавсимии шуғл ва мутобиқ гардонидани малакаи қувваҳои корӣ ба талаботи бозори меҳнат нигаронида шуда, дар ин самт як қатор тадбирҳо амалӣ гардиданд. Дар ин давра шумораи аҳолии қобили кор ду маротиба афзуд ва ҳоло 5,2 миллион нафарро ташкил медиҳад.

Давоми даҳ соли охир ба ҳисоби миёна ҳар сол аҳолии қобили кор ба миқдори 123 ҳазор нафар меафзояд.

Боби сеюм "Сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои умедбахши он" ба дастовардҳои соҳаи илм, рушди соҳаи маориф, миллати солим, муҳоҷират дар даврони Истиқлолияти давлатӣ диққати махсус медиҳанд. Аз ҷумла, муаллифи муҳтарам таъкид менамоянд, ки дар муддати 25 соли истиқлолият мо дар ҳаёти иҷтимоии ҷумҳуриамон ба дигаргуниҳои куллӣ ноил гардидем ва рушди сармояи инсониро барои пойдории давлати миллиамон дар мадди аввал қарор додем. Дар баробари ин, барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ, ташкили ҷойи нави кор, танзими муҳоҷирати корӣ, идораи равандҳои марбут ба даромад ва хароҷоти пули аҳолӣ, пардохти нафақаю кумакпулиҳо, сохтмони иншооти иҷтимоӣ, таъмини ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, беҳтар кардани ҳифзи муҳити зист ва ғайра чандин барномаҳои давлатиро қабул ва дар амал татбиқ намудем. Татбиқи ҳадафҳои дар ин барномаҳо тарҳрезишуда нишон доданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи муқаррароти Конститутсия, ҳамчун давлати иҷтимоӣ, воқеан, ҳалли масъалаҳои соҳаи иҷтимоии ҳаёти ҷомеаро ба ҳайси самти афзалиятноки сиёсати давлат эътироф ва дар амал татбиқ менамояд».

Боби чорум "Ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ дар меҳвари сиёсати дохилии давлат" ба таҳлили масоили фарҳанги миллӣ, забони давлатӣ, низоми идораи давлатӣ, мақоми зан ва ҷавонон дар ҷомеа, озодии виҷдон, озодии баён, таъмини амнияти миллӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллифи муҳтарам, ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳониро ҷомеаи иттилоотӣ ном мебаранд ва дар Тоҷикистон низ барномаи махсуси давлатӣ то соли 2020 дар самти таҳкими он қабул шуд. Унсури муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ дастрасии мустақим ба иттилоот аст ва хизматрасониҳои гуногуни давлатиро ба маротиб осон мегардонад.

Имрӯзҳо шаҳрвандони Тоҷикистон аз дастовардҳои ҷомеаи иттилоотӣ ба таври васеъ истифода менамоянд, ки он, дар навбати худ, хусусияти миллии фарҳанги нави сиёсиро дар ҳоли рушду пешрафт қарор додааст. Пешбинӣ мешавад, ки бо устувор гаштани пояҳои ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон фарҳанги сиёсии шаҳрвандӣ таҳким меёбад ва истифодаи васеи неруи инсониро дар сиёсатгузориҳои давлатӣ ба роҳ монда, барои татбиқи ҳадафманди он шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар боби панҷуми ин асари нодири илмӣ "Манфиатҳои миллӣ ва сиёсати хориҷӣ: мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир" марҳалаҳои ба роҳ мондани сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, барқарор намудани равобити хориҷӣ, муаррифии ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷӣ, амалӣ намудани сиёсати «дарҳои кушод», густариши равобити минтақавӣ ва байналмилалии Тоҷикистон, ташаббусҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Аз ҷониби муаллифи муҳтарам иброз мегардад, ки албатта, солҳои оянда таҳаввулот ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар фазои геополитики ҷаҳон ва хусусан, дар муносибати қудратҳои бонуфузи ҷаҳонӣ фазои татбиқи сиёсати бисёрсамтиро мураккабтар менамояд. Шиддат ёфтани ихтилофи байни қудратҳои ҷаҳонӣ ба вазъияти умумии байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мегузорад, ки вазъияти минтақаи мо низ аз он истисно нест. Аз ин рӯ, воқеияти нави байналмилалӣ ва геосиёсӣ тақозо менамояд, ки таҷрибаи даврони Истиқлолияти давлатӣ ба таври ҷиддӣ омӯхта ва ҷамъбаст гашта, ин сиёсат бо ҷиддияти боз ҳам бештар, бо камоли воқеъбинӣ ва прагматизми сиёсӣ идома дода шавад. Дар ҷамъбасти масъала бояд гуфт, ки самараи чунин сиёсатро мо дар робитаҳои хориҷии гуногунҷанбаи мамлакатамон дар арсаҳои мухталиф мебинем. Дар айни замон Тоҷикистон дар маҷмуъ ба узвияти беш аз 80 созмони минтақавию байналмилалӣ ва ниҳоди молиявии ҷаҳонӣ пазируфта

шуда, ҳамроҳ бо дигар давлатҳо дар ҳалли мушкилоти сиёсию амниятӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳон саҳм мегузорад.

Дар хотима муаллифи муҳтарам хулоса бароварда, таъкид менамоянд, ки «акнун давраи гузариш ба анҷом расид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳалаи эҳёву барқарорсозӣ ба марҳалаи рушди устувор қадам гузоштааст. Албатта, дар ин марҳала низ мушкилоти ҷиддӣ пешорӯйи мо хоҳанд буд, вале, бо вуҷуди ин, мо тамоми шароит ва имкониятро барои ҳаракат ба сӯйи рушди устувор дорем. Муҳимтар аз ҳама, барои оғози чунин марҳалаи тақдирсоз ба боварӣ, эътимод ва иродаи қавии мардуми шарифи Тоҷикистони азиз такя менамоем».

Китоби «Уфуқҳои Истиқлол» барҳақ ҳамчун сарчашмаи боэътимоди таърихӣ, худшиносӣ ва ватандӯстӣ шинохта шудааст. Дар нашрияҳои гуногун, аз ҷумла дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» андешаҳои ҷолиб дар бораи ин китоб чоп шудаанд. Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки ин асар ба ҷавонон дар фаҳмиши амиқи арзишҳои истиқлол кумак мерасонад. Пешвои миллат дар ин китобашон иброз менамоянд, ки ватандӯстии ҷавонон дар шароити кунунӣ аҳамияти хос дорад, зеро онҳоояндаи миллатанд.

Ин асари арзишманди Пешвои миллат дар доираи фаъолияти илмӣ ва таълимӣ низ васеъ истифода мешавад. Масалан, дар Академии миллии илмҳои Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимӣ он ҳамчун манбаи таҳлили жарфбинонаи паҳлуҳои ҳаётан муҳимми зиндагии миллат истифода мегардад. Ҳамчунин аз рӯйи матни китоб гуфторҳои аудиоӣ таҳия шудаанд, ки ба паҳн кардани паёмҳои мубрами он мусоидат мекунанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро огоҳ месозанд, ки “Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои

дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем" [199, с.511; 200, с.512; 201, с.510; 202, с.472; 203, с.560; 204, с.544; 205, с.477; 206, с.575].

Дар замоне ки пешрафти технологияҳои иттилоотӣ бо суръати баланд идома дорад ва таъсири унсурҳои фарҳангии бегона ба арзишҳои миллии мо афзоиш меёбад, эҳтиёҷ ба омӯзиши амиқи гузашта беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мегардад. Донистани таърих, урфу одат ва расму русум, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи насли наврас ва ҳар як фарди ватандӯст мебошад.

Бо фармони Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи аз ҳисоби Фонди Президент бознашр намуда, ба тариқи ройгон дастраси ҳар як оилаи кишвар намудани китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров доир ба зарурияти омӯхтани таърихи пурифтихори миллат гувоҳӣ медиҳад.

Таърихи мураккабу ҳассоси даҳаи 90-уми асри гузашта, ки бо рӯйдодҳои сарнавиштсоз – аз қабили тағйироти сиёсӣ, пайдоиши созмонҳои ҷамъиятӣ, ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ, оғози низои шаҳрвандӣ ва ниҳоят, расидан ба сулҳу оштӣ тавсиф мешавад, пайваста дар маркази таҳлилҳои Сарвари давлат қарор гирифтааст.

Ин рӯйдодҳо дар навиштаҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шеваи муфассал бозтоб ёфта, паҳлӯҳои гуногуни воқеиятҳои он давраро фаро гирифтаанд. Ба хусус, раванди татбиқи сиёсати бозсозӣ дар кишвар, таъсиси ниҳодҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳаводиси моҳи феврали соли 1990, зуҳури андешаи озоду эҳёи ҳувияти миллӣ ва  дар пайи он, фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст омадани истиқлолият, дар осори Сарвари давлат бо диди таҳлилӣ ва равшан инъикос ёфтаанд.

Инъикоси ҳамаҷонибаи воқеаҳои муҳимми таърихӣ дар осори

Пешвои миллат на танҳо сабти рӯйдодҳо, балки омӯзиши амиқи сабақҳои он давраро таъмин мекунад. Таъкид бар аҳаммияти ин давра ҳамчун заминаи таҳкими давлатдории навин ва ваҳдати миллӣ дар хулосаҳои ӯ мақоми хосса дорад [215, с.374; 216; 217, с.40; 218, с.72; 219, с.60].

Баҳогузории рӯйдодҳои моҳи феврали соли 1990 дар осори Пешвои миллат на танҳо ба шарҳи воқеӣ, балки ба таҳлили амиқи ҳолати равонӣ ва рафтори иҷтимоии ҷомеа низ равона шудааст. Баррасии гуногунҷанба ва назари мухталифе, ки гурӯҳе онро талоши ноором сохтани вазъият ва гурӯҳи дигар шӯриши мардумӣ арзёбӣ мекунанд, дар диди таҳлилгаронаи Сарвари давлат бо зикри омилҳои асосӣ ва номбурдани гунаҳкорон бо далелу мисолҳо бозгӯй шудааст.

Сарвари давлат таъкид мекунад, ки вазъият дар ҷумҳурӣ бо он, ки «баъд аз баромади аввали неруҳои исломӣ дар моҳи феврали соли 1990 ҳукумати расмӣ ба муросои бесубот бо қозиёт моил гардида, бо ин ба таҳқири маънавии кормандони милитсия ва амният, ки ба вазифаи хизматии хеш содиқ монда буданд, роҳ дод ва гузашта аз ин, баръакс, нафароне, ки бетартибиҳои оммавиро тархрезӣ карда буданд, ҳамчун қаҳрамони халқӣ муаррифӣ гардиданд, шиддат гирифт» [199, с.560].

Пешвои миллат қайд менамоянд, ки бархе аз муҳаққиқон воқеаҳои моҳи баҳманро ҳамчун ҳаракати эътирозии мардумӣ таҳти роҳбарии нерӯҳои демократӣ тафсир намудаанд. Аммо таҳлили воқеӣ нишон медиҳад, ки саҳнаи идеологии ин фоҷиаро гурӯҳҳои бунёдгарои исломӣ ташаккул дода, садои демократӣ дар он фақат парешон ва суст ба гӯш мерасид: «манзараи идеологии ин фоҷиаро бунёдгароёни исломӣ ороста буданд ва фақат гоҳ-гоҳе аз он садои хираи демократӣ ба гӯш мерасид [198, с.355].

Пас аз рух додани ҳаводиси баҳманмоҳи соли 1990, раванди сиёсии кишвар тадриҷан ба самти буҳрону низоъҳои шадид ҳаракат мекард ва

фазои ҷомеа таҳти таъсири ихтилофҳои сиёсӣ ноором мегардид. Ҷудоии иҷтимоӣ миёни ҷонибдорони системаи коммунистии гузашта ва гуруҳҳое, ки худро нерӯҳои демократӣ меномиданд, ҷомеаи тоҷикро ба ду ҷабҳа тақсим карда буд. Дар ҳамин шароити ҳассосу номуайян, 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлолии сиёсиву давлатии худро расман эълон намуд.

Ин санаи таърихиро Пешвои миллат чунин ба қалам додаанд: «Ин яке аз воқеаи бузургтарин дар таърихи пуршебу фарози халқи мо буд, зеро имкони амалии таъсиси давлати озод ва мустақили миллӣ баъди садсолаҳо аз нав фароҳам гардид» [195, с.256].

Пешвои миллат дар идомаи таҳлили худ вобаста ба истиқлолияти бадастомада таъкид мекунанд, ки дар он лаҳзаи сарнавиштсоз на танҳо ҳукумат, балки мухолифини сиёсӣ ва дигар нерӯҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбӣ натавонистанд умқи маънии истиқлолро ба таври лозим дарк намоянд. Ба гуфтаи Сарвари давлат, мақсади истиқлол аз ҳар гуна манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ё ҳизбӣ болотар буда, арзишест умумимиллӣ ва муқаддас, ки бояд аз ҷониби ҳамаи сокинони кишвар ҳамчун асоси ҳастии давлат ва миллат пазируфта мешуд.

Дар баробари таҳаввулоти дохилӣ, дар ин давраи буҳронӣ омилҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ низ нақши таъсиргузор бозиданд. Хусусан, манфиатҷӯии доираҳои муайян дар кишварҳои хориҷӣ вазъи Тоҷикистонро печидатар сохт. Бино ба маълумоти сарчашмаҳои боэътимод, баъзе аз ин доираҳо дар пайи ҷорӣ кардани идеологияҳои бегона ба ҷомеаи тоҷик буданд, дар ҳоле ки гуруҳҳои дигар кӯшиш доштанд бо роҳҳои гуногун нақшаҳои тақсим ва парокандасозии кишварро амалӣ созанд.

Ин нуктаи муҳимро Сарвари давлат барвақт таъкид карда буданд: «хатари ба қисмҳо ҷудо шуда, аз байн рафтани давлати тоҷикон ва пароканда гаштани миллати тоҷик» [196, с.70-75] ба миён омада буд.

Пешвои миллат истиқлолияти давлатӣро муҳимтарин дастоварди миллати тоҷик дар асрҳои охир мешуморад, ки ифодаи ҳақиқии ҳувият, озодӣ, ифтихор ва номус мебошад. Ин рамзи саодат ва асоси мондгории миллати соҳибихтиёр ва соҳибдавлат аст. Ба шарофати истиқлолият Тоҷикистон ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуд ва бо тамоми хусусиятҳои давлатдории муосир дар харитаи сиёсии ҷаҳон ҷойгир гардид.

Роҳбари давлат таърихи муборизаи ҳазорсола ва талошҳои халқи тоҷикро пас аз сукути давлати Сомониён, ки дар зери ҳокимияти аҷнабиён қарор дошт, барои расидан ба истиқлолият хотиррасон мекунанд ва чунин таъкид менамоянд: «Истиқлолият неъмати бисёр азиз ва ширину ба ҷон баробар аст. Ҳар миллату ҳар давлат барои он мубориза мебарад, зеро истиқлолият ифтихор, осоишу оромӣ, ормонҳои накӯкорию сари баланди ҳар як шаҳрванд мебошад» [199.510].

Мавзуи озодӣ ва истиқлол, ки барои ягон халқ ва миллат осон ба даст наомадааст, дар асарҳои Пешвои миллат бо равшании хосса таҷассум ёфтааст. Роҳбари давлат таҳлили дақиқи раванди ташаккули истиқлолияти миллиро анҷом дода, таъкид мекунанд, ки роҳ ба сӯи истиқлол пур аз мушкилот ва тӯлонист, ки бо шебу фароз, муборизаҳо, иштибоҳҳо ва ихтилофҳои гуногун рӯ ба рӯ мегардид.

Баъди таҳлилҳои амиқ хулосагирӣ менамоянд, ки «дар ниҳоди миллати мо омилҳои бунёдии эҳёи тадриҷии истиқлолият ҳамеша вуҷуд дошт, ки асолату ҳуввияти устувор ва амалан шикастнопазири таърихӣ, суннатҳои беш аз сеҳазорсолаи давлатдорӣ, арзишҳои бузургу созандаи иҷтимоӣ, фарҳангу маънавиёти ғанӣ ва ғайра дар асл шоҳсутунҳои ҳаёти фаъол ва таърихии миллати мо буданд» [199, с. 32-33]..

Пешвои миллат дар таҳлилҳои худ моҳияти истиқлолиятро ҳамчун неъмати нодир ва арзишманд барои ҳар халқу миллат таъриф мекунанд. Ба гуфтаи ӯ, озодӣ ва истиқлолият дар ҳама давру замон нишонаҳои

таърихӣ ва башарӣ буда, рамзи ҳақиқии асолат ва ҳувияти миллӣ мебошанд. Ин арзишҳо кафили пешрафт ва устувории давлату миллат маҳсуб шуда, бетаъсир ба таъмини бақо ва рушд ҳастанд.

Арзишмандии ин неъмати бебаҳоро чунин маънидод сохтаанд: «Гузашта аз ин, истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ, замонати ҳастии воқеӣ ва шарофату эътибори ҷаҳонии миллат аст» [199, с. 32].

Асарҳо, гузоришҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари инъикоси солҳои аввали истиқлолият ва ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), ҳамчун манбаи беназир ва арзишманди таърихӣ боқӣ мемонанд. Дар ин сарчашмаҳо сабабҳо, ҷараён ва натиҷаҳои ин низои мудҳиш бо як назари воқеъбинона ва хосса мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Зимни суханронии худ дар рӯзи 31 декабри соли 1992, Сарвари давлат вазъи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро, ки Тоҷикистонро фаро гирифта буд, бо шеваи дақиқ ва воқеъбинона иброз дошта буданд, ки «Нерӯҳои иғвогар зери шиорҳои зоҳиран демократӣ, вале амалан моҷароҷӯёна коре карданд, ки Ватани хурдакаки моро ба вартаи нобудӣ расонданд. Хавфи пора-пора шудан, решакан гардондани халқи мо аз имкон берун набуд. На танҳо вилоятҳои том, балки ноҳияҳову қишлокҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайра арзи вуҷуд карданд, ки сарфи назар аз ниятҳои неки худ ба якпорчагии Ватани азизамон мусоидат намекарданд» [191, с.512].

Сарвари давлат дар он суханронӣ Ҳизби Демократи Тоҷикистон ва Ҳизби Наҳзати Исломиро ҳамчун омилҳои асосии нооромӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ маҳкум намуда, таъкид карданд, ки Ҳизби Демократи Тоҷикистон «дар баробари дигар корҳои ношоистаи худ аз Тоҷикистон рондани русзабонҳоро рӯйрост талқин кард ва миёни

тоҷику ӯзбекҳо тухми низоъ кошт» [191, с.512].

Роҳбари давлат таъкид намуданд, ки дар ҳамин давраи ҳасос нерӯи аз ҳама пурқувват – руҳониёни бунёдгаро ба фаъолияти ғайриқонунӣ даст зада, масҷидҳо ва идораи қозиётро ба маркази таблиғоти зиддиҳукуматӣ табдил доданд: «Ҳизби наҳзати исломӣ, ки лонаи боэътимоди он қозиёти ҷумҳурӣ гардид, бо мадади долларҳои хориҷӣ ва хайрияҳои беохири масҷидҳову руҳониёни иртиҷоӣ тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ ташкилоти пурқуввати моҷароҷӯёнаеро созмон дода, соҳиби аслиҳа ва муҳимоти ҳарбӣ гардад» [191, с.512].

Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ ва сиёсӣ дар асарҳои Пешвои миллат ва таҳлилҳои коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ бо таъкиди зиёд ёфтааст. Муҳимияти ин иҷлосия дар он аст, ки бо қарор ва санадҳои он аксар сохторҳои давлати навини Тоҷикистон барқарор ва танзим шуданд, ки ин раванд заминаи устувори давлатдориро фароҳам овард. Дар таҳқиқот ва тарғиби ин воқеаи сарнавиштсоз, асарҳо, мақолаҳо, гузоришҳо ва паёмҳои солона ба Маҷлиси Олӣ, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа мешаванд, сарчашмаҳои пурқимат ва боарзиш мебошанд.

Сарвари давлат дар яке аз паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ аҳаммияти таърихии ин иҷлосияро чунин ифода кардаанд: «Роҳи мо ба сӯи чунин низом аз баргузории иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оғози наҷоти миллати мо аз вартаи парокандагӣ ва гузоштани аввалин хишти бинои сулҳ дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон буд, ибтидо мегирад» [198, с.355].

Барқарорсозии сулҳ ва ноил шудан ба ризояти миллӣ бевосита бо иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои сарнавиштсози он робита дорад. Ин маҷлис оғози интихоби роҳбарияти нави олии ҷумҳуриро муайян карда, заминаи асосии таъмини ваҳдат ва оромии кишварро фароҳам овард.

Соли 2021 дар паёми шодбошии худ ба муносибати 24-умин солгарди Рӯзи ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуда буданд, ки «Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки раванди истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҳанӯз аз Иҷлосияи XVI-уми сарнавиштсози Шурои Олии кишвар оғоз гардида буд. Маҳз дар натиҷаи амалӣ гардидани қарорҳои иҷлосияи воқеан таърихӣ дар мамлакат барои барқарорсозии сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ризоияти миллӣ, бунёди аркони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, низоми ҳуқуқии адолатпеша ва оғози барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ заминаи устувор гузошта шуд» [341].

Ба андешаи доктори илмҳои таърих Н.К. Убайдулло «воқеан консепсияи муназзами истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ аз ҳамин иҷлосияи таърихӣ ибтидо гирифт, ки муаллифу таҳиягари он бевосита Пешвои миллат ва раиси онвақтаи Шурои Олии ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд» [264, с.7-12].

Интихоби роҳбарияти нав бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Шурои Олӣ як қадами стратегӣ дар таърихи кишвар буд, ки боиси ташаккули устувории сиёсӣ гардид. Пешвои миллат дар мақоми Раиси Шурои Олӣ ва ҳамзамон Сарвари давлат аз аввалин рӯзҳои фаъолият барномаи пурмасъулиятеро пешниҳод намуд, ки ба ҳалли буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ равона шуда буд. Бо вуҷуди кӯшишҳои барномарезишуда, вазъи шадиди ҷангӣ, ки дар кишвар аллакай оғоз ёфта буд, боиси осебҳои ҷиддӣ ба иқтисодиёт ва талафоти ҷонӣ дар миқёси даҳҳо ҳазор нафар гардид. Ин раванд нишонгари мураккабии вазъи он давра ва мушкилоти фарохест, ки пеши роҳи рушди устуворро мегирифт.

Аз ин лиҳоз, Президенти мамлакат таъкид карда буданд, ки “даҳсолаҳо лозим мешавад, то захму ҷароҳатҳои ин фалокат муолиҷа шаванд ва мо ба он мекӯшем, ки дар ҳар хонавода сулҳ ва оромӣ

ҳукмфармо бошад» [340].

Мулоқоту гуфтушунидҳои миёни ҳукумати расмии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифин дар давраи 1994-1997, ки то ҳашт давра дар сатҳи олӣ баргузор шуданд, ҳамчун қадаме муҳим дар равандҳои сиёсӣ ва сулҳҷӯӣ арзёбӣ мегарданд. Низоми таъсиргузории Созмони Милали Муттаҳид ва иштироки фаъолонаи давлатҳои кафил, аз ҷумла Россия, Эрон, Қазоқистон ва дигарон, шароити мусоидеро барои расидан ба натиҷаҳои созанда фароҳам овард. Ин равандҳои дипломатӣ ба таври бевосита таҳкими ваҳдат ва барқарорсозии сулҳи пойдорро дар Тоҷикистон таъмин намуданд, ки ба таъмини суботи сиёсӣ ва рушди минбаъдаи кишвар замина гузошт.

Раванди сулҳҷӯӣ ва эҷоди ризояти миллӣ дар Тоҷикистон бо такя ба таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва хотимаи ҷанги шаҳрвандӣ, ҳамзамон бо фароҳам сохтани шароити муътадил барои вазъи сиёсӣ, ҳамчун масоили стратегии иҷтимоӣ ва сиёсӣ баррасӣ шуданд. Ин мавзуъҳо таваҷҷуҳи васеи мутахассисон аз соҳаҳои мухталифи илмҳои ҷомеашиносӣ ва таҳлилгарони сиёсиро ба худ ҷалб намуда, ҳамчун падидаҳои асосии демократиясозии ҷомеа маънидод шудаанд. Аҳаммияти таҳлили ин равандҳо на танҳо аз нигоҳи таърихӣ, балки барои пешрафти устувори ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ низ басо назаррас мебошад.

Мавзуоти мухталифи масоили мазкур дар асарҳои маҷмуӣ ва баромадҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон [186, с.240; 190, с.94; 217, с.40; 218, с.72] таҷассум ёфтаанд.

Ин нақши пешбаранда ва ҷиддии роҳбар дар раванди эҷоди ваҳдат ва таҳкими суботи миллӣ нишондиҳандаи ирода ва масъулияти баланди сиёсист.

Мавзуи таҳлили ҷараёни гуфтушунидҳои байни тарафҳои мухолиф ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таъкид мекунад, ки Созишномаи

умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ҳамчун санади таърихӣ ва сарнавиштсоз, барои халқи тоҷик мақоми муҳим ва таъсиргузор доштааст. Ин ҳуҷҷат на танҳо пояи мустаҳками таҳкими давлатдории миллӣ гардид, балки аз парокандагии миллат низ ҷилавгирӣ кард ва бо ин роҳ мардумро аз хатари нобудӣ раҳо бахшид. Раванди ба даст овардани оштии миллӣ нишон дод, ки ҷомеаи тоҷик бо фарҳанг ва тамаддуни бой имконияти воқеии муттаҳид шудан ва эҷоди ваҳдати миллӣ дорад. Аз ин лиҳоз, пас аз солҳои пурмушкил ва пуршараре, ҷомеа дарк намуд, ки ҷанги шаҳрвандӣ барои онҳо ҷанги таҳмилӣ буда, танҳо зарару харобиро ба бор оварда, дигар натиҷа надошт. Ин омилҳо аҳаммияти таърихии созишномаи сулҳро дар таҳкими истиқлолият ва рушди ҷомеаи Тоҷикистон бозгӯӣ мекунанд.

Ин масъала дар паёми Пешвои миллат муҳим арзёбӣ гардида буд: «Омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дӯстнавозии азалии ин мардум вобаста аст. Аз оғоз то анҷоми даргириҳо ҳар як фарди миллатдӯсту бедордили тоҷик дар қалби хеш фақат як орзу мепарварид: сулҳу салоҳ ва бо ин васила ба ҳам овардани миллату раҳоии давлати миллӣ аз парокандагӣ ва шикасти ногузир. Ин аст, ки мо бо ифтихор ва сарфарозӣ мегӯем: ҳарчанд, ки душманони миллат оташи ҷангро дар кишвари мо барангехтанд, халқи баору номус, ватандӯст ва сулҳпарвари тоҷик тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ забонаҳои оташи ҷангро хомӯш кунад, Ватанро аз вартаи ҳалокат наҷот бахшад, гурезаҳои сарсонро баргардонад ва ба ободонии мамлакат камар бандад» [337].

Роҳбарии мустақими Президенти мамлакат дар оғози раванди сулҳ ва муносибати созандаву инсондӯстонаи ӯ дар ҳалли мунокишаҳо нақши калидӣ дошт. Ин масъала, ки равандро ба анҷоми мантиқӣ расонд, нишон медиҳад, ки иштироки фаъл ва мавқеи прагматикӣ метавонад ба

расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ заминаи устувор бидиҳад. Марҳалаи ниҳоии татбиқи шартномаҳои сулҳ ҳамчун намунаи беназир ва ҳамоҳангии муассири тарафҳои даргир дар миқёси ҷаҳонӣ арзёбӣ мешавад, ки дар таърихи низоъҳои муосир камназир аст. Ин таҷриба исбот мекунад, ки таваҷҷуҳ ба манфиатҳои умумии миллат ва муҳокимаи ҳамаҷонибаи масъалаҳо асоси ҳалли устувор ва муваффақи низоъҳои иҷтимоиву сиёсист.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар таҷлили 20 солагии Ваҳдати миллӣ иброз дошта буданд, ки «Ин санаи воқеан таърихӣ барои халқи азизи мо бисёр муҳим мебошад, зеро он давлати ҷавону соҳибистиқлоли тоҷиконро аз хатари нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ раҳо намуд ва ибтидои раванди барқарорсозии харобиҳои ҷанги таҳмилӣ ва созандагии Ватани маҳбубамон гардид» [339].

Асарҳои Пешвои миллат ҳамчун манбаи асосии омӯзиши таърихи гузашта ва дастовардҳои даврони истиқлолият барои миллат аҳаммияти ниҳоят калон доранд. Ин осор на танҳо дар эҳёи худшиносӣ ва баландиҳии ҳисси ватандӯстӣ нақши муҳим мебозанд, балки ҳамчун омили муҳимми таҳкими ваҳдату ягонагии миллии тоҷикон баррасӣ мешаванд. Бо таваҷҷуҳ ба сабақҳои таърихии мардум, асарҳо барои ташаккули ҳуввияти миллӣ ва эҳёи суннатҳои давлатдории миллӣ заминаи илмӣ ва амалии устувор фароҳам меоранд. Ин раванд на танҳо маънои рушди маънавӣ ва фарҳангии ҷомеаро дорад, балки ба устувории пояҳои давлатдории мустақил ва пойдори давлат дар Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад.

Дар ин ҷо бамаврид аст, зикр намоем, ки солҳои охир баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии “Донандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат” ба ҳукми анъана даромада истодааст, ки боиси дастгирист. Ҳадафҳои муҳимми озмун арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ,

рушди қобилияти эҷодӣ, таҳкими ҳисси худогоҳӣ ва худшиносӣ, ифтихори миллӣ, таҳкими қобилияти соҳибкорӣ ва сарварӣ, бахусус дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ мебошад.

Ҳамин тавр, метавон хулосагирӣ кард, ки мутолиаи асарҳои Пешвои миллат на танҳо барои таҳқиқгарон ва олимон, балки барои ҳар як фарди кишвар ҳамчун сарчашмаи илҳом ва раҳнамо дар самти ҳифз ва таҳкими истиқлолият ва ваҳдати миллӣ аҳаммияти махсус дорад. Ин таҷриба ва омӯзиш дар оянда метавонад ҳамчун пойгоҳи таҳқиқотӣ барои рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлат истифода шавад. Дар маҷмуъ, асарҳои Пешвои миллат на танҳо таърихи гузашта ва муваффақиятҳои даврони истиқлолро инъикос мекунанд, балки ҳамчун рукни асосии рушди маънавӣ ва сиёсӣ барои рушди устувор ва таҳкими давлатдории миллӣ хизмат менамоянд.

Мазмуну муҳтавои асарҳои Пешвои миллат хотирнишон аз он мекунад, ки ҳар насл ва ҳар фарди алоҳида занҷире дар таърихи башарият аст, ки тавассути мавҷудияти хеш гузаштаро бо оянда мепайвандад. Асарҳои Пешвои миллат танҳо ба хотири донистани гузашта набуда, балки дурнамоест, ки роҳи ояндаи давлат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, ҷиҳати таҳкиму тақвияти ватанпарастиву кишвардорӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ, худогоҳии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда мусоидат менамояд. Иловар бар ин, асарҳои Пешвои миллат дар раванди устувор намудани рукнҳои давлатдории тоҷикон дар шароити навин муҳим мебошанд. Пешвои миллат бо мақсади баҳо додан ва огоҳ намудани насли наврас ба гузаштаи худ ба навиштани як зумра асарҳои таърихӣ даст задаанд, ки онҳо арзиши баланди таърихӣ дошта, саҳифаи навро дар илми таърихнигории тоҷик кушодаанд.

# ХУЛОСА

## 1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар заминаи баррасӣ ва таҳлили манбаъ, пажӯҳишҳои олимони ватаниву хориҷӣ, ҳамчунин маводи нашргардида дар матбуоти даврӣ оид ба ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва марҳалаҳои метавон чунин хулосагириҳо кард:

Баъди зуҳури падидаи сиёсие чун “бозсозӣ”-и Горбачёвӣ шуруъ аз апрели соли 1985 дар Тоҷикистон чун кишварҳои дигари пасошуравӣ ҳаракатҳои миллӣ ва дар ин поя гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ, истиқлолиятхоҳӣ ва матбуоти озод ба вуҷуд омад, ки албатта ин раванд ба вазъи сиёсӣ бетаъсир набуд.

Дар пайи ин тағйирот дар ҷумҳурӣ ҳизбу созмонҳои гуногун, аз ҷумла «Растохез», «Ҳизби наҳзати ислом», «Ҳизби демократии Тоҷикистон» ва созмонҳои маҳаллӣ мисли «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан» ва «Зарафшон» таъсис ёфтанд, ки ба ноороми сиёсӣ оварда расонданд. Ин ҳизбу созмонҳо вазъи буҳронии оммавиро натиҷаи нокомии Ҳизби Коммунистӣ ва роҳбарони ҳукумат арзёбӣ намуда, бо ҳар баҳона барои соҳиб шудан ба қудрат ба фишор ва муқобила бо онҳо даст заданд, ки дар натиҷа заминаи ташаккули қувваҳои мухолифро фароҳам овард [4 – М; 9 – М].

Ҳаводиси баҳманмоҳи соли 1990 яке аз нуқтаҳои муҳимми сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX маҳсуб мешаванд, ки таҳлил наёфтани онҳо ба қадри кофӣ заминаи рӯйдодҳои солҳои минбаъдаи ҷанги шаҳрвандиро фароҳам овард. Ин рӯйдодҳо ҳамчун оғози як марҳалаи ҳассоси таърихӣ бояд бодиққат таҳқиқ мешуданд, то сабабҳо ва оқибатҳои амиқтар фаҳмида шаванд ва аз такрори хатоҳо дар оянда пешгирӣ намояд. Набудани ин таҳлилҳо боис гардид, ки таҳаввулоти минбаъда бештар печида ва мураккаб гардад. Гирдиҳамоиҳои феврали

соли 1990 аз ҷониби созмони мардумии «Растохез» ва Ҳизби наҳзати ислом ба амал омад, дар митингу гирдиҳамоиҳои солҳои 1992 ҳамчун таҷрибаи такрорӣ истифода гардид. Нақшаҳои пешакӣ, ки мухолифин тарҳрезӣ карда буданд, бо ҷиддият амалӣ шуданд ва боиси беобрӯ шудани Ҳизби коммунистӣ гаштанд. Ин амалҳо дар ду марҳала сурат гирифтанд ва шароити оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистонро фароҳам оварданд (аз 5 майи соли 1992 то 27 июни соли 1997). Ин ҳодисаҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти нооромкунанда ва амалҳои сиёсӣ метавонанд боиси таъсири манфӣ ва харобии васеъ дар ҷомеа ва сиёсати кишвар гардад, ки барои давлат ва миллат оқибатҳои вазнин ба бор хоҳанд овард [4 – М; 9 – М].

Феврали соли 1990 бо мақсади нишон додани қудрат аз ҷониби гурӯҳҳои бо ном «демократӣ» ҳамчун рӯйдоди нангин ташкил шуда буд. Ин гурӯҳҳо бо дарназардошти манфиатҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои шахсӣ, рӯйдодҳои мазкурро тарҳрезӣ карданд, то нуфуз ва обрӯи худро дар ҷомеа баланд бардоранд, дар интихоботи навбатии депутатҳои Шурои Олии Тоҷикистон пирӯз шаванд ва ниҳоят ҳокимияти сиёсиро ба даст гиранд. Ин амалҳо аслан бо ҳадафи пурзӯр кардани мақоми сиёсӣ ва тағйири қудрат ба роҳ монда шуда буданд [4 – М; 9 – М].

Истиқлол ва озодӣ, ки барои ҳар як миллат арзиш ва мақсади аслӣ ба шумор меравад, натиҷаи муборизаҳои пайваста ва кӯшишҳои тулонӣ буда, барои расидан ба он халқи тоҷик ҳодисаҳои сангинро паси сар намудааст. Воқеан, танҳо бо истиқлолият мо дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеъ пайдо мекунем, дар ин замина муносибатҳои байналмилалӣ имконпазир мегардад, арзишҳои миллӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ мешавад. Барои мардуми тоҷик расидан ба ин неъмати арзишманд бо роҳи осон ба даст наомад. Бо ибтикори фарзандии барӯманди халқи тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 сентябри 1991 халқи

шарафманди тоҷик истиқлолияти комил ба даст овард. Ҳарчанд Тоҷикистон истиқлолро ба даст овард, омилҳои дохилӣ ва берунӣ сабаби сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ шуданд, ки боиси паёмадҳои сангин ва ҳалокатбор барои аҳолӣ гардид. Ин ҷанг таъсири ҷиддӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар гузошт ва муддате вазъро ба ноороми бурд [4 – М; 5-М; 9 – М].

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 бо талафоти бузурги 150 ҳазор тоҷикистониён ва муҳоҷирати даҳҳо ҳазор нафар ба кишварҳои дигар, ба хусус Афғонистон, Федератсияи Россия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, боиси харобии шадид гардид. Оқибатҳои аввалини солҳои 90-ум заминаи ҷанги таҳмилӣ, ки дар адабиёт «ҷанги таҳмилӣ» номида мешавад, расман ба вуҷуд овард, ки дар он омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ нақши муҳим доштанд. Муаммоҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки дар охири Иттиҳоди Шуравӣ ҷомеаро фаро гирифта буданд, бо ихтилофоти этникӣ ва мазҳабӣ шиддат ёфтанд ва ин омилҳо ҳамчун сабабҳои аслии ҷанги шаҳрвандӣ эътироф шуданд.

Дахолати кишварҳои хориҷӣ дар корҳои дохилии Тоҷикистон, сармоягузорӣ ба гурӯҳҳои ҷудогона ва кумак ба гурӯҳҳои маҳаллӣ, ки барои амалӣ кардани манофеи шахсии худ ҳар гуна зӯроварӣ ва силоҳ бар зидди якдигар истифода мекарданд, инчунин вазъи ноороми Афғонистон, ки дар он ҷо муҳоҷирон ва ҷангҷӯён соҳибқудрат гардида буданд, дар якҷоягӣ вазъи сиёсиву иқтисодии кишвари моро муташанниҷ сохт [4 – М; 5-М; 9 – М].

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, яке аз ҳодисаҳои муҳим ва марказии таърихи миллӣ ҷанги шаҳрвандӣ ба шумор меравад. Аммо бо вуҷуди аҳаммияти ин воқеа, таҳлилҳои амиқ ва ҷиддӣ аз ҷониби муаррихон ва коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ ҳанӯз пурра анҷом наёфта, фоҷиаи солҳои 90-ум то ҳол аз нигоҳи илмӣ ба таври комил баҳогузорӣ нашудааст. Китобҳо ва рисолаҳои мавҷуда дар робита ба ин

мавзуъ бештар хусусияти ёддоштӣ дошта, асосан аз маводи матбуоти он замон маншаъ гирифтаанд ва таҳқиқоти муфассал дар онҳо кам ба назар мерасад. Ин ҳолат сабаби он шудааст, ки паҳлуҳои мухталифи ин рӯйдоди фоҷиабор, ки ҷони ҳазорон нафарро гирифтааст, пурра ошкор нашаванд ва қисматҳои зиёде аз он ноаён боқӣ монад. Аз ин рӯ, барои пурра ва дақиқ бозгӯ кардани ин бахши нангини таърих, муҳаққиқон бояд бо заҳмат ва таҳқиқоти амиқ саҳм гузоранд [4 – М; 5-М; 9 – М].

Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи охири асри XX баргузор шуд, яке аз рӯйдодҳои калидии сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ин маҷлиси таърихӣ, ки дар муҳити Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 сурат гирифт, масири асосии рушди иҷтимоӣ ва сиёсиро бароиояндаи кишвар муайян намуд ва аввалин пояҳои давлатдории муосири тоҷиконро гузошт. Бо дарназардошти нақши беназири он, иҷлосия ҳамчун зерсохтори асосии шаклгирии сохторҳои давлатӣ ва қонунгузории кишвар арзёбӣ мешавад ва дар ташаккули низоми идорӣ ва таъмини устувории сиёсати дохилӣ ва байналмилалӣ нақши муҳиме бозидааст.

Аз таҳқиқоти мансуб ба давroutи истиқлолияти Тоҷикистон бармеояд, ки иҷлосияи XVI Шурои Олии кишвар нақши ҳалкунандаро дар танзими вазъи сиёсии низоъҳои дохилӣ байни тоҷикон бозид. Дар ин иҷлосияи таърихӣ 74 ҳуҷҷати ҳуқуқӣ қабул гардид, ки онҳо фарогири 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот буда, дар барқарорсозии субот дар шароити мураккаб ва таҳкими пояҳои низоми миллии давлатдории тоҷикон дар марҳалаи гузариш хизмат карданд. Ин чораҳо боиси мустаҳкамшавии пояҳои давлатдорӣ ва идораи муташаккили кишвар гардиданд [5 – М].

Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нуқтаи сарнавиштсоз дар таърихи давлатдории навини тоҷикон ҷойгоҳи вижа дорад. Зеро тамоми ниҳодҳои муҳимми сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати

соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз ҳамин иҷлосия ибтидо гирифтаанд. Он дар шароити буҳронӣ на танҳо заминаи ҳуқуқиву сиёсӣ барои барқарорсозии сохторҳои давлатиро фароҳам овард, балки дар таҳкими пояҳои истиқлолияти миллӣ нақши калидӣ бозид. Ин рӯйдоди таърихӣ миллатро аз вартаи парокандагӣ наҷот бахшида, истиқлолияти давлатӣ ва ягонагии миллӣро дар амал татбиқ намуд [5 – М].

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи Тоҷикистони муосир ҳамчун заминаи асосии барқарории суботи сиёсӣ ва эҳёи давлатдорӣ арзёбӣ мегардад. Мазмун ва муҳтавои ин ҳуҷҷат нишон медиҳад, ки он на танҳо як иқдоми сиёсӣ, балки як қадами таърихӣ ба сӯи ояндаи амн ва пешрафта барои миллат буд. Натиҷаҳои амалӣ ва муассири созишнома, ки боиси таҳкими сулҳ, оромӣ ва рушди низоми давлатдорӣ гардиданд, нишон медиҳанд, ки аҳаммияти он берун аз як қарордоди муваққатӣ буда, таъсири дарозмуддат дорад. Дар баробари ин, ҷомеа тадриҷан ба ин натиҷа расид, ки ҷанги дохилӣ роҳи ҳал нест, балки офате буд, ки ҷомеаро ба гирдоби буҳронҳо ва фоҷиаҳо мекашид. Тасмим барои сулҳ омили наҷоти миллат  гардид ва дар заминаи сулҳу суботи пойдор кишвар аз хатари парокандагӣ ва нобудӣ эмин монд.  [1 – М; 5-М; 8-М; 10 – М; 11-М].

Раванди музокироти байни тоҷикон, ки аз марҳалаҳои гуногуни мураккаб гузашта, ба имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ анҷомид, аз ҷиҳати сиёсиву ҳуқуқӣ ва дипломатӣ як намунаи нодири ҳалли мусолиматомези низоъҳои дохилӣ дар замони муосир маҳсуб меёбад. Хусусияти хоси ин раванди сулҳ он буд, ки он бо иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои кафил сурат гирифта, ба сохта шудани як механизми муассири татбиқи сулҳ тавассути Комиссияи оштии миллӣ замина гузошт. Ин равиш дар таҷрибаи байналмилалӣ камназир аст, зеро на

ҳама мунокишаҳои шаҳрвандӣ тавонистаанд бо чунин сатҳи муваффақият ва иштирок мусолиҳа пайдо кунанд. Бо дарки арзиши таърихӣ ва аҳаммияти амалии ин сулҳ метавон гуфт, ки таҷрибаи тоҷикон мавриди таҳқиқоти фарогир аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои мухталиф қарор гирифта, ҳамчун намунаи муваффақ барои ҳалли низоъҳои дохилии дигар кишварҳо истифода мешавад. Ин раванд нишон медиҳад, ки омӯхтани таҷрибаи Тоҷикистон метавонад барои таҳкими сулҳ ва оромии минтақавӣ аҳаммияти калидӣ дошта бошад [1 – М; 5-М; 8-М; 10 – М; 11-М].

Дар ин даврон, ки бо вазъи мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ бозгӯӣ мешуд, таъсиси Комиссияи оштии миллӣ як қадами муҳим ба ҳисоб мерафт. Комиссия дар марҳалаи ниҳоии расидан ба сулҳи комил ҳамчун ниҳоди калидӣ амал мекард, ки вазифаи иҷрои муқаррароти созишнома, таъмини субот ва барқарорсозии ҳамгироии миллӣ дар кишварро ба уҳда дошт. Аз оғоз то 1 апрели соли 2000, он бо шароит ва масъулиятҳои хеле сангин рӯбарӯ шуда, иҷрои онҳо барои раванди сулҳ ва эҳёи кишвар зарурӣ буд. Ин сохтор тавонист дар доираи муҳлати муайяншуда вазифаҳои стратегии худро бо самар иҷро намояд ва ба ин васила барои рушди устувори давлатдории миллӣ ва таҳкими амният дар кишвар саҳми муассир гузорад. Иҷрои пурраи рисолати таърихии Комиссия, ки бо анҷоми кораш дар оғози моҳи апрели соли 2000 расман хотима ёфт, намунаи муваффақи идоракунии давраи гузариш дар таърихи навини Тоҷикистон мебошад [1 – М; 5-М; 8-М; 10 – М; 11-М].

Аз омӯзиши ҳамаҷонибаи ин раванди сиёсӣ метавон хулосагирӣ кард, ки ҳамаи ин таҳаввулот, бо вуҷуди муҳимияти амиқи таърихӣ ва сиёсӣ, на танҳо таъсироти амиқ ба шаклгирии давлат ва ҷомеа доштанд, балки ба нерӯҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки дар раванди кишварсозӣ ва сулҳсозӣ нақши калидӣ бозиданд, таъсири ногузир расонданд. Ин мавзуи мубрам ҳанӯз ҳам дар таҳқиқоти илмӣ ба таври зарурӣ таҳқиқ

нагаштаанд ва ин омил метавонад ба фаҳмиши дуруст ва амиқи таърихи навини Тоҷикистон халал ворид созад.

Таърихнигории ин марҳалаи сарнавиштсоз, ки барои дарки ҳақиқии ҷараёнҳои ташаккул ва рушди давлатдории муосири тоҷикон нақши калидӣ дорад, ниёз ба таҳқиқоти бештар ва равишҳои илмии замонавӣ дорад [1 – М; 5-М; 8-М; 10 – М; 11-М].

Бидуни шак, дар таҳкими пояҳои давлатдории навини тоҷикон ва пойдории ваҳдати миллӣ саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, калидӣ ва сарнавиштсоз арзёбӣ мешавад. Бо ибтикор ва талошҳои пайгиронаи ӯ, ки ҳамчун як роҳбари соҳибтаҷрибаи сатҳи байналмилалӣ шинохта шудааст, буҳрони шадиди сиёсиву миллӣ дар даҳаи навадуми асри XX роҳи ҳал пайдо карда, кишвар ба масири субот ворид гардид. Зери роҳбарии оқилонаи Президент, ҷомеаи тоҷик тавонист давраҳои пуртаҳлукаи таърихиро паси сар намуда, бунёди давлатдории муосирро бо такя ба арзишҳои ҳуқуқбунёд ба роҳ монад. Қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ буда, аз сӯи созмонҳои ҷаҳонӣ эътироф гардидааст, намунаи барҷастаи ин раванд ба ҳисоб меравад. Бар пояи ин санади муҳимми ҳуқуқӣ, таъсиси парламенти доимоамалкунандаи дупалатагии касбӣ, ба ҳайси яке аз иқдомҳои стратегии давлат дар самти демократикунонии ҷомеа, заминаи устуворе барои рушди минбаъдаи низоми ҳуқуқӣ ва сиёсии кишвар фароҳам овард [5 – М; 6-М; 8-М; 10 – М; 11-М].

Барои баҳогузории ҳамаҷониба ва таҳлилу баррасии раванди таърихии Тоҷикистон дар даврони истиқлол, бояд асарҳои Пешвои миллат, ки асосан таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоии солҳои 90-ум, таъсиси ҳизбҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ, сабаб ва омилҳои ҷанги шаҳрвандӣ, раванди музокироти сулҳ ва амалӣ намудани ваҳдати миллӣ, инчунин дастовардҳои муҳимро дар бар мегиранд, ҳамчун манбаъҳои беназир ва

муҳимми таҳқиқотӣ истифода шаванд. Мулоҳизаи амиқ ва ҳамаи ҷанбаҳои равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар замони истиқлол ба таҳқиқи мукаммали ин мавзуъҳо кумак намуда, дар арзёбии истиқрори давлатдорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ин осор бо инъикоси воқеӣ ва таҳлили амиқи рӯйдодҳои таърихӣ, заминаи густурда барои баланд бардоштани худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва тафаккури ваҳдатгароёнаи мардумро фароҳам меоранд. Арзиши илмии ин асарҳо пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки бо баррасии сабақҳои таърихӣ ва таҷрибаҳои гузашта, ба ташаккули ҳувияти миллӣ ва эҳёи анъанаҳои давлатдории тоҷикон заминаи боэътимод мегузоранд. Аз ин рӯ, мутолиаи ин осор на танҳо аҳаммияти маърифатӣ ва тарбиявӣ, балки арзиши амалӣ дар таҳкими суботи сиёсӣ ва пешбурди давлатдории муосири миллӣ дорад [5 – М; 6-М; 8-М; 10 – М; 11-М]

## 2.**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ ва публисистӣ, инчунин маводи матбуоти даврӣ бахри татбиқи нуктаҳои зерин ҷиҳати рушди таърихнигории ватанӣ чунин тавсия намоем:

1. Сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ, ёддоштӣ, публисистӣ ва маводи матбуоти даврии ватанӣ ва хориҷӣ дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ буда, метавонанд барои анҷом додани таҳқиқоти таърихнигорӣ дар самтҳои гуногуни таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун такягоҳи боэътимод хизмат намоянд. Истифодаи фарогири ин манобеъ заминаи мусоид барои такмили таҳлилҳои илмӣ ва васеъ намудани доираи омӯзишро фароҳам месозад.

2. Дар мавриди инъикоси ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997, махсусан равшан намудани паҳлуҳои то ҳол омӯхтанашуда ва соҳаҳои таҳқиқинагардидаи он, зарур аст, ки тадқиқоти мукаммал ва ҷудогона бо ҷалби мутахассисони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда шавад.

Ин раванд барои таъсиси тасвири воқеӣ ва таҳлили амиқи ҳаводис мусоидат хоҳад кард.

3. Ҷиҳати таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи масоили ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон баргузор намудани конфронсҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зарур мебошад. Чунин ҳамоишҳо метавонанд саҳнаи мубодилаи афкор ва таҷриба байни муҳаққиқон гарданд ва барои бозгӯи воқеии воқеаҳои таърихӣ шароити мусоид фароҳам созанд.

4. Барои дарки воқеъбинона ва пешгирии чунин ҳодисаҳо дар факултаҳои тахассусии макотиби олӣ курсҳои махсус оид ба ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон, сабабҳо ва оқибатҳои он, ҳамчунин раванди гуфтушунид ва истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ ба роҳ монда шаванд. Ин иқдом ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки аз таҷрибаҳои таърихӣ омӯзанд ва барои таҳкими суботи иҷтимоиву сиёсӣ саҳмгузор бошанд. Ин иқдом на танҳо ба таҳкими донишҳои донишҷӯён дар бораи марҳалаҳои мураккаби таърихи муосири кишвар мусоидат мекунад, балки заминаи омӯзиши амиқ ва таҳлили илмии ин рӯйдодҳои сарнавиштсозро низ фароҳам месозад. Омӯхтани таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон метавонад дар рушди ҷаҳонбинии таърихӣ, сиёсӣ ва шаҳрвандии насли ҷавон нақши муассир бозад.

5. Таҳқиқоти мукаммалу комплексӣ дар бораи нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ муҳим ва зарур мебошад. Ин пажӯҳишҳо метавонанд саҳми роҳбариро дар таъмини суботи кишвар ва рушди сиёсати дохилиро ба таври дақиқу фарогир арзёбӣ кунанд. Чунин пажуҳишҳои муҳим дар шакли рисола ва корҳои илмӣ сурат гирифта, бо таҳлили амиқи ин мавзуъҳо нақши Пешвои миллат дар пойдории сулҳу субот барҷаста ифода мегардад.

Ҳамзамон, зарур аст, ки дар макотиби олии кишвар курсҳои махсуси таълимӣ оид ба танзими низоми сулҳу субот  таъсис дода шаванд. Ин курсҳо ба донишҷӯён кӯмак мекунанд, ки на танҳо ба таҳлили воқеаҳои сиёсӣ ва таҳаввулоти таърихии кишвар ошноӣ пайдо кунанд, балки бо омӯзиши амиқ саҳми роҳбари давлатро дар истиқрори сулҳ ва пойдориву устувории давлати тоҷикони ҷаҳон – Тоҷикистон арзёбӣ созанд, ки дар  ин замина арзишҳои таърихӣ ва миллӣ ҳифз хоҳанд шуд.

6. Пешниҳод мешавад, ки Озмуни ҷумҳуриявии “Донандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат” ҳамасола баргузор карда шавад.

# НОМГӮИ АДАБИЁТ

## 1.Феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда

### Маводҳои бойгонӣ:

1. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ф.12. –Оп.1. – П.4. – С.-82, Ф.385. – Оп.I. – П.55. – С.157-527.
2. Бойгонии ҷории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. Ҳисоботи солҳои 1994-2021.
3. Бойгонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе. Ҳисоботи солҳои 1994-2021.
4. Бойгонии Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи солҳои 1994-2021.

### Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ

5. Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, 16 августа 1993 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/GEN/N93/453/73 /IMG/ N 9345373 (дата обращения: 09.10.2019).
6. Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, ноября 1993 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC /GEN/N93/633/81 /PDF /N 9363381 (дата обращения: 09.10.2019).
7. Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане,16 августа 1993 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/GEN/N93/453/73 /IMG/ N 9345373 (дата обращения: 09.10.2021); Доклад Генерального Секретаря ООН о положении в Таджикистане, ноября 1993 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N93/633/81/PDF/N9363381 (дата обращения: 09.10.2021); Решение о сроке пребывания, составе и задачах Коллективных миротворческих сил в Республике Таджикистан [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/ UNDOC/ GEN/N94/194/82/PDF/N9419482 (дата

обращения: 10.10.2021); Учредительный договор о создании Фонда помощи Республике Таджикистан, Москва, 15 апреля 1994 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/ N94/194/82/PDF /N9419482 (дата обращения: 10.10.2021); Совместное коммюнике по итогам третьего раунда межтаджикских переговоров по национальному примирению 31 октября 1994 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/ GEN/N94/433/70/PDF/N 9443370 (дата обращения: 10.10.2021).

8. Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 5 ноября 1997 г.
9. Доклад Генерального секретаря ООН о положении в Таджикистане. 3 ноября 1998 г.
10. Заявление «О государственном суверенитете Республики Таджикистан» //Маҷмуаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷ. 1. – Душанбе, 2004. – С.10-11.
11. Заявление Специального представителя Генерального секретаря ООН в Таджикистане о межтаджикских переговорах с 9 по 16 апреля 1997 года в г.Тегеране. – Нью-Йорк, 1997. – С. 2.
12. Заявление президента Республики Таджикистан Э.Рахмонова, председателя Движения исламского возрождения Таджикистана С.Нури (Кабул, 19 мая 1995 года) //Дорога мира (Документы межтаджикских переговоров). – Душанбе, 1997. – С.145.
13. Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – 89с.
14. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ. – Душанбе, 2004. – 80с.
15. Маҷмуаи мухтасари меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, қонун ва санадҳои зерқонунии Ҷумхурии Тоҷикистон оиди масоили гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ. – Душанбе, 1998. – С. 71–73.

16. Место пребывания и срок полномочий Совместной комиссии //Протокол о Совместной комиссии по осуществлению Соглашения о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны. [Манбаи электронӣ]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/ GEN/N94/433/ 70/pdf/ N9443370. pdf?OpenElement (санаи истифодабарӣ: 12.10.2022).
17. Московское Заявление (Москва, 27 июня 1997 года) //Дорога мира (Документы межтаджикских переговоров).–Душанбе, 1997.– С.229-230.
18. Низомномаи Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Бюлетени Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе,2002.- №2. С. 7-11.
19. Протокол о создании Совместной комиссии по проблемам беженцев и вынужденных переселенцев из Таджикистана от 19 апреля 1994 г. //Доклад Генерального секретаря ООН. 5 мая 1994 г.
20. Общее Соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане (Москва, 27 июня 1997 года) //Дорога мира (Документы межтаджикских переговоров).–Душанбе, 1997.– С.230-231.
21. Протокол об основных принципах установления мира и национального согласия в Таджикистане, августа 1995 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/245/72/PDF/N9524572 (дата обращения: 12.10.2019).
22. Протокол по политическим вопросам, Бишкек, 18 мая 1997г. [эл.ресурс]. URL: http: //daccess-dds ny.un.org/doc /UNDOC /GEN/N97/132/49/PDF/N9713249 (дата обращения: 12.10.2019).
23. Протокол об основных принципах установления мира и национального согласия в Таджикистане, августа 1995 г. [электронный ресурс]. URL: http://daccess-dds

ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/245/72/PDF/N9524572 (дата обращения: 12.10.2021); Протокол по политическим вопросам, Бишкек, 18 мая 1997 г. [эл. ресурс]. URL: http://daccess-dds ny.un.org/doc /UNDOC/GEN/N97/132/49/PDF/N9713249 (дата обращения: 12.10.2021).

24. Совместное коммюнике по итогам третьего раунда межтаджикских переговоров по национальному примирению (1 ноября 1994 года) //Дорога мира (Документы межтаджикских переговоров). – Душанбе, 1997. – С.140 с.
25. Совместное Заявление делегации правительства Республики Таджикистан и делегации Таджикской оппозиции (Москва, 26 апреля 1995 года) //Дорога мира (Документы межтаджикских переговоров). – Душанбе, 1997. – С.143.
26. Совместное Заявление делегации правительства Республики Таджикистан и делегации таджикской оппозиции по итогам четвертого раунда межтаджикских переговоров по национальному примирению (1 июня 1995 года) //Дорога мира (Документы межтаджикских переговоров). – Душанбе, 1997. – С.149.
27. Состав и процедурные вопросы Комиссии //Положения о Комиссии по национальному примирению. Мешхед, Исламская Республика Иран, 21 февраля 1997г. [Манбаъи электронӣ]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/052/28/pdf/ N9705228.pdf? Open Element (санаи истифодабарӣ: 12.10.2021).
28. Состав Совместной комиссии // Протокол о Совместной комиссии по осуществлению Соглашения о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны. [Манбаи электронӣ]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/ GEN/N94/433/ 70/pdf/ N9443370. pdf?OpenElement (санаи истифодабарӣ: 12.10.2022).
29. Тегеранская декларация (28.5.1997г.) //Дорога мира (Документы

межтаджикских переговоров). – Душанбе, 1997. – С.226.

30. Функции Совместной комиссии //Протокол о Совместной комиссии по осуществлению Соглашения о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны. [Манбаи электронӣ]. URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/ UNDOC/ GEN/N94/433/ 70/pdf/ N9443370. pdf?OpenElement (санаи истифодабарӣ: 12.10.2022).

**Монография, брошура ва мақолаҳо:**

31. Абдуллаев Н.Гражданская война в Таджикистане / Н.Г. Абдуллаев // Мир и политика. – 1994. – № 1.
32. Абдуллаев И. ООН и межтаджикский конфликт: миротворческая миссия ООН в межтаджикском диологе /И.Абдуллаев // Учен. зап. ХГУ. Гуманитарные науки. Вып. №1. – Худжанд, 2013. – С. 100-110.
33. Абдуллоджанов А. Мы не правительство реванша /А. Абдуллоджанов // Новое время. – 1993. – 10 марта. – № 10 (2488).
34. Абдулов К. Дар ин дунё. Иҷлосияи сарнавиштсоз. Ҷ.6. Монография / К. Абдулов. – Хуҷанд: Ношир, 2002. – 438 с.
35. Абдулов К. Роҳи беҳбуд / К. Абдулов. – Душанбе, 1995. – 175 с.
36. Абдулов К. Бахти таърихӣ. Эҳдо ба 10-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон / К. Абдулов. – Душанбе, 2001. – 40 с.
37. Абдулов К. Дар ин дунё. Давлат ва давлатдорӣ /К. Абдулов. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2000. – Ҷ. 5. – 425 с.
38. Абдурашитов Ф. М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М.Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – 148 с.
39. Абдурашитов Ф.М. Миссия Коллективных миротворческих сил СНГ в период гражданской войны в Таджикистане / Ф.М.Абдурашитов // Диалог. Международный научно-аналитический журнал Межпарламентской Ассамблеи государств – участников СНГ. – 2018. – №4 (11). – С. 22-27.
40. Абулҳаев Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии

миллӣ / Р.Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016. – С.47-110.

